**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ
ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 330: 373+378**

**ТКБ: 65.5 :74.200+74.58**

**Г- 80**

**ГУЛМАҲМАДОВ САЛОҲИДДИН**

# ТАЪЛИМИ МУТТАСИЛИ ИҚТИСОДӢ ДАР ЗИНАҲОИ ЛИТСЕЙ-ДОНИШГОҲ ВА МОҲИЯТУ МУНДАРИҶАИ ОН

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: Каримова Ирина Холовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.......................................................................... 3**

**БОБИ I. АҲАММИЯТ ВА ЗАРУРИЯТИ ТАЪЛИМИ МУТТАСИЛ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ДОНИШҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОНАНДАГОНУ ДОНИШҶӮЁН ВА ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ ОЯНДА...................................... 17**

1.1. Муттасилии таълим дар таҳқиқоти педагогӣ-психологии мутахассисон ва таҳлили осори иқтисодии донишмандони асримиёнагии форсу тоҷик ........................................................................................ 17

1.2. Моҳияти муттасилии таълими иқтисодӣ дар азхудкунии дониш ва худмуайянкунии касбии таълимгирандагони литсей...................... 39

1.3. Асосҳои муайянсозии дараҷаи донишҳои иқтисодии хонандагону донишҷуён дар раванди таълими муттасил .................. 56

Хулосаҳои боби 1........................................................................ 75

**БОБИ II. МАЗМУНИ ТАЪЛИМИ ИҚТИСОДИИ ХОНАНДАГОНУ ДОНИШҶӮЁН БОДАРНАЗАРДОШТИ АМАЛИСОЗИИ РОБИТАҲОИ МУТТАСИЛӢ ДАР ЗИНАҲОИ ЛИТСЕЙ – ДОНИШГОҲ.......................................................................................... 77**

2.1. Тартиби ташкили фаъолияти кормандони зинаҳои таҳсилот ва нақши онҳо дар тағири сифати таълим ............................................. 77

2.2. Методикаи ташкили таълими иқтисодӣ бо хонандагону донишҷӯён дар зинаҳои таҳсилот....................................................... 101

2.3. Асосҳои педагогии натиҷагириҳо аз раванди таълими муттасил ва озмоишҳои таҳқиқотӣ ........................................................... 123

Хулосаи боби 2 ........................................................................ 143

**ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ ....................................................... 145**

**РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА .................. 152**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Тағйиротҳои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ баамаломада ва гузариш ба муносибаҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти ислоҳотро дар соҳаи маориф низ ба амал овард. Дар муддати начандон зиёд Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои таълимгирандагони ҳамаи муассисаҳои таълимӣ шароиту имкониятҳои беҳтарини донишомӯзиро муҳайё намудааст.

Айни замон таваҷҷуҳ нисбат ба илм ва ҷустуҷӯи он аз тарафи шаҳрвандони мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон ба маротиб афзудааст. Ҷиҳати омода намудани мутахасисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва саҳм гузоштан дар рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон аз имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода бурда, шаклҳои наву муосири таълимро ба роҳ мондан лозим меояд. Дар ин давра танҳо мутахассисони донишу таҷрибаи баланди коридошта метавонанд, дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳм гузоранд.

Мақсадҳои бамиёнгузоштаи давлат эҳтиёҷоти ҷомеаро ба мутахассисони баландихтисос таъмин намудан, тафаккури эҷодкориро дар онҳо, ки қобилияти худомӯзиро доро мебошанд, инкишоф додан иборат мебошад. Ташкили дурусти робитаи байни кормандони зинаҳои гуногуни таҳсилот дар беҳтар гардонидани сифати таълими хонандагону донишҷӯён ва омодашавии кадрҳои баландихтисос нақши калидӣ мебозад.

Ёдоварии суханони Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид аст, ки фармудаанд, дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи илму маориф мебошад. Ҳарчанд дар ин самт натиҷаҳои мусбат ба даст омадаанд, вале онҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд.

Мавқеъ ва зарурияти масъалаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф дарҷ гардида, ба таври лозимӣ ба роҳ мондани ҳамкории байни зинаҳои таҳсилотро зарур мешуморанд. Дар ин самт ташкили таълими муттасил барои тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳуҷҷаҳои ба ин масъала алоқаманди соҳаи маориф, дастурҳои методӣ ва дигар воситаҳои таълимии ёрирасон шароити мусоидро ҷиҳати омӯзиши фанҳои гуногун, махсусан, илмҳои иқтисодӣ фароҳам меоваранд.

Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.01.2017, №28 тасдиқ шудааст, ба шаҳрвандони мамлакат барои омӯзиш дар тамоми тӯли ҳаёт мусоидат карда, муттасилии таълимро дар зинаҳои таҳсилот ва баъд аз он таъмин хоҳад сохт.

Таълими муттасил дар низоми литсей–донишгоҳ барои он ба таълимгирандагон мувофиқтар ҳисобида мешавад, ки баъди дар зинаи аввал таҳсил намудани онҳо, дохил шудан ва таҳсил намудан дар зинаи донишгоҳҳои олии касбӣ низ нисбатан осонтар мегардад. Дар давраи амалисозии таълими муттасил мушкилотҳои зиёде пайдо мешаванд, ки самти кори таҳқиқотро муайян месозанд.

Барои батанзимдарории таълими босифати иқтисодӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва мукаммалгардонии дониши таълимгирандагон ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот мавқеи асосиро ишғол мекунад, ки мутаассифона, айни ҳол дар байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳадди ақал литсейҳо ва донишгоҳҳои олии касбӣ вуҷуд надоранд.

Дар соли хатми хонандагон интихоби касби онҳо як маротиба гузаронида шуда, шавқу завқ ва қобилияти онҳо нисбати касби интихоб

кардаашон дуруст муайян карда намешаванд. Дар натиҷа то замони хатм хатмкунанда касби худро якчанд бор иваз намуда, дар ниҳояти кор тавакалкорона онро интихоб менамояд. Интихоби якҷояи касб аз ҷониби гурӯҳи духтарон ва ё писарон низ мушоҳида мешаванд. Онҳо баъди хатми муассиса бо тавсияи яке аз ҳамсинфон касбро интихоб мекунанд.

Дар литсейҳо фаъолият надоштани маҳфилҳои доимоамалкунанда ба монанди: "Бо ёрии дохилшавандагони мактабҳои олӣ" ва ё "Кӣ бояд шуд?", мизи мудаввар дар мавзуи "Ҳама касбҳо хубанд, аммо касби интихобкарда боз беҳтар", ки дар интихоби касб ва омода шудани хатмкунандагон ба донишгоҳҳои олии касбӣ нақши бениҳоят баланд доранд, масъалаи муҳими ҳалталаб ба ҳисоб мераванд.

Дар байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, алалхусус литсейҳо ҳамкориҳо ҷиҳати омода намудани хонандагон ҳамчун довталаби арзанда барои соҳибихтисос шудан вуҷуд надорад. Аз ҳамин ҷиҳат то қабул гардидани дохилшаванда ба макотиби олӣ доир ба таҳсил ва умуман ҳаёти донишҷӯён маълумот надоранд.

Фаҳмиши баъзе аз омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ нисбат ба таълими фанни «Асосҳои иқтисодиёт» низ гуногун аст. Аксари онҳо ин фанро барои муассисаҳои таълимӣ зиёдатӣ медонанд. Дар мундариҷаи ин фан нишон дода шудааст, ки доштани донишҳои иқтисодӣ барои ҳар як шаҳрванд, сарфи назар аз синну сол ва новобаста аз он ки, кадом касбро интихоб кардааст, зарур ва ҳатмӣ дониста мешавад.

Ҳамаи масъалаҳои дар боло номбаршуда мубрамии мавзуи тадқиқотро ошкор намуда, моро водор сохт, то таҳқиқоти диссертатсиониамонро дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он" интихоб намоем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои камомӯхташудаи таълим – методикаи таълими муттасил бахшида шудааст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат адабиётҳои илмӣ-методӣ,

педагогӣ, равоншиносӣ, илмӣ-таълимӣ, ки ба мавзуи таълими муттасил марбут ҳастанд, таҳия шудаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти олимони дохилу хориҷи кишвар оид ба ташкилу таълими муттасил дар муассисаҳои таълимӣ баъзе масъалаҳои бо ҳам мухолиф дучор мешаванд. Вобаста ба ин, ба омӯзиш ва таҳлили таҳқиқоти олимоне, ки ба таълими муттасил таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, бештар диққат дода шудааст.

Дар ҳалли ин масъала мавқеи муҳимро истифодаи босамари таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ ишғол мекунанд. Андешаҳои таълими муттасил дар кори олимон К. Д., Ушинский, Я. А Коменский., А. Дистервег., И. Г. Песталотси инъикос ёфтаанд. Олимон доир ба ҳама паҳлӯҳои таълими муттасил фикру андешаҳои худро баён намудаанд. Масалан., А.И. Дрондин, Г.Е. Королёва, П.А Жилсова., В.М Монахов., С.Г. Вершловский муҳим будани таълими муттасилро дар он меҳисобанд, ки ин гуна таълим дар ҳамкорӣ ва мувофиқакунонии дурнамоҳо, мақсадҳо, вазифаҳо, баррасии усулҳо, воситаҳо дар зинаҳои таҳсилот амалӣ карда мешаванд.

Қисми зиёди мутахассисон ба монанди В.С. Ботурин, М.А. Завлова, А.П Казаков, Л.М. Кураков, С. Н. Чистякова, А. В. Хуторской, Г. И. Шукина ва дигарон ба таълим бо хатмкунандагон, ҳамчун зинаи пеш аз донишгоҳӣ аҳаммият додаанд. Зеро маҳз дар ин давра тамоми донишу маҳорат ва истеъдоди мутахассисони оянда муайян карда мешаванд.

Мушкилоти мутассилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии Иттиҳоди Шуравӣ бори аввал дар асарҳои Н. К. Крупская, А. В. Луначарский, А. С. Макаренко, С. Т. Шатский ва дигарон таҳлил гардидаанд

Ба таълими муттасил олимони тоҷик низ назару ақидаҳои худро иброз доштаанд. Аз ҷумла, Б. Исоматов, Р Мирбобоев, М.Нуъмонов, М. Саидмуродов., О. Каримзода, Н. Оқилов, А.А. Раззоққов, И. Давлатшоев, Мақсудов, З. Акрамӣ доир ба осору дастовардҳои бузурги

муттафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, ҷиҳати донишу таҷрибаи иқтисодӣ доштани мардуми тоҷик маълумот дода, ба шогирдон пайваста ва дар ҳамкорӣ омӯзонидани донишҳои иқтисодиро муҳим ва зарур шумориданд.

Олимони дигари кишвар И. Х. Каримова, Г. Д. Усмонова, С. Ҳабибов, Б. Исоматов, Р. Мирбобоев дар корҳои худ оиди ҳамкории байни ҳамдигарии зинаҳои таҳсилот низ ибрози ақида намудаанд.

**Проблемаи таҳқиқот фарогири чунин нуқтаҳост:**

омӯзиш ва таҳлили адабиётҳо бо мақсади дарёфти асосҳои методии муттасилӣ дар таълими фанни иқтисодиёт;

таҳлили бартарии методи таълими муттасил дар муқоиса ба методҳои мавҷуда;

таҳлили тақиқотҳои педагогӣ ва психологии мутахассисон;

таҳлили меъёри баҳогузорӣ дар зинаҳои таҳсилот;

тарҳрезии барномаи муттасилии таълим ;

банақшагирии гузаронидани озмоишҳои таълимӣ ва таҳлили натиҷаи онҳо;

пешниҳоди қисматҳои асосии ташкили раванди таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми январи соли 2017, №28 қабул гардидааст, иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади асосни таҳқиқоти мазкур аз** асоснокии методологӣ ва назариявии амалисозии таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот ва коркарди методикаи таълими фанни иқтисодиёт бо мутахассисони оянда

иборат мебошад. Дар таҳқиқоти мазкур мақсади асосиро ба он самт равона намудем, то методикаи таълими муттасилро амалӣ намоем, зеро он ҳамчун рушди баланд бардоштани сифати дониши таълимгирандагон ба шумор меравад. Роҳу усулҳои баланд бардоштани сифати дониши хонандагону донишҷӯён самти асосии кори мутахассисони соҳа ба ҳисоб меравад, бинобар лозим донистем, таҳқиқоти кори мазкурро, ки дар қисмати таълим то ҳол ба роҳ монда нашудааст, мавриди таҳқиқ ба қарор диҳем.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

Дар мувофиқат бо мақсад ва предмети таҳқиқот **чунин вазифаҳо** гузошта шудаанд**:**

1.Омӯзиш ва дарёфти сарчашмаҳои илмие, ки дар баробари таҳлилу таҳқиқотҳо, дар онҳо, инчунин, ақидаҳо ва тавсияҳои педагогию методӣ оварда шудаанд;

2.Омӯзиш ва истифодаи асарҳои ҷудогонаи донишмандони асримиёнагии форсу тоҷик, ки ҷанбаи иқтисодӣ дошта, бобати таълими наврасону ҷавонон тавсияҳое пешниҳод кардаанд, ки дар дигар манбаъҳо оварда нашудаанд;

3.Таҳқиқ, таҳлил ва пешниҳод роҷеъ ба ташкили дурусти ҳамкории байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо) ва олии касбӣ;

4. Санҷидани самаранокии таълими муттасил дар фанни иқтисодиёт ва омода намудани тавсияҳо оид ба татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амал. **Объекти таҳқиқот:** Раванди таълими муттасил дар фаъолияти литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва омода кардани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он.

**Фарзияи таҳқиқот:**

1. Омӯзгорон метавонанд донишҳои баланди иқтисодиро ба хонандагону донишҷӯён ба таври кифоягӣ таъмин намоянд, агар дар як раванд фаъолият намуда, тибқи барномаи таълими муттасил амал намоянд.

2. Ташкили муттасили таълим дар байни литсей ва донишгоҳи олии касбӣ яке аз тадбирҳое мебошад, ки муттахассисони оянда зина ба зина дар сатҳи зарурӣ барномаи таълимиро аз худ намуда, бо омодагии қаноатбахш ба зинаҳои минбаъда гузаранд.

3.Ташкили таълими муттасил ҳамкории доимии байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо), миёнаи махсус ва муассисаи олии касбиро фароҳам меоварад.

4. Омодасозии касбии хонандагон бо ташкили ҳамкории байни литсей ва донишгоҳ имконият медиҳанд, ки сатҳи азхудкунии дониш ва таҷрибаи шогирдон баланд гардад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот:**Таҳқиқот дар се марҳила сурат гирифт:

**Марҳилаи аввал (2020-2021)**−омодагӣ. Ин марҳила ба интихоби мавзуъ, ҷамъ намудани адабиёти илмӣ, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, омӯзиши адабиёти психологӣ, педагогӣ, рӯзнома ва маҷаллаҳои даврӣ роҷеъ ба асоснок намудани мавзӯи таҳқиқотӣ бахшида шуда буданд. Илова бар он, пурсиши донишҷӯён ва мутахассисон гузаронида шуд, ки он имкон дод масъалаҳои ҳалталаб, мақсади омӯзиш, фарзияҳо, ҳадафҳои омӯзиш ва роҳҳои ҳалли онҳо муайян карда шаванд.

**Марҳилаи дуюм (2021-2022)** таҳқиқотӣ-таҳлилӣ. Дар асоси таҳлили фаъолияти литсейҳо роҷеъ ба роҳандозии таълими фанни иқтисодиёт ва омодасозии мутахассисони оянда мақсади ҳадафмандонаи ташкили ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот муайян гардида, кор оид ба таҳияи тавсияҳою пешниҳодҳои методӣ давом дода шуд. Таҳлили

осори донишмандону мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик гузаронида шуда, доир ба аз худ намудани таҷрибаи бойи иқтисодии мардумонамон ва бо мақсади шавқовару диққатҷалбкунанда таълим додани фанни иқтисодиёт адабиёти методӣ ва воситаҳои таълими ёрирасон нашр карда шуданд.

**Марҳилаи сеюм (2022-2023)**–коркарди умумӣ-омории натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ.

Ҷадвали натиҷаҳои озмоишҳои гузаронидашуда тартиб дода шуданд, ки самаранокии ташкили таълими муттасилиро нишон медиҳанд;

ҷадвали тағйирёбии сатҳи дониши хатмкунандагони литсейи донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз фанни иқтисодиёт дар се соли таҳсил тартиб дода шуд;

ҷадвали тағйирёбии сафи хатмкунандагоне, ки ба донишгоҳҳои олии касбии иқтисодӣ дар ду соли таҳсили охир дохил шудаанд, тартиб дода шуд;

ҷадвали иштироки хатмкунандагони литсей дар озмоишгоҳҳои донишгоҳ тартиб дода шуд;

барномаи татбиқи муттасилии таълим таҳия карда шуд, ки ба он озмоишҳои таҷрибавӣ бо мақсади татбиқ намудани донишҳои назариявӣ дар амалӣ ворид карда шуд;

Нақшаи ташкилию педагогӣ ҷиҳати беҳтар намудани омодакунии мутахассисони оянда дар самти таҳсилоти иқтисодӣ таҳия гардида, ба нақшаи таълимии литсейи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ворид карда шуд.

Дар ин марҳила инчунин навиштани мақолаҳои илмӣ давом дода шуда, навиштани рисола ва муҳокимаи он дар кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон, литсейҳои ДДТТ ва №4-и шаҳри

Душанбе бо назардиду ислоҳ ва эродҳои мутахассисони соҳа ба анҷом расонида шуд.

**Асосҳои назариявӣ-метологиии тадқиқотро** инҳо дар бар мегиранд:

Ҳуҷҷатҳои соҳаи маориф вобаста ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои илмӣ-методӣ оид ба ташкили таълими муттасил,  осори олимони дохилу хориҷи кишвар ва татбиқи он дар ҷараёни таълими иқтисодиёт, таҳқиқоти олимони тоҷик ҷиҳати ташкил кардани ҳамкории байни мутахассисони зинаҳои таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, адабиёти таълимӣ-методӣ, воситаҳои таълими ёрирасон дар сатҳи литсей-донишгоҳ барои ташкили раванди таълими муттасил.

**Сарчашмаи маълумот:**  Адабиёти илмӣ-методӣ ва осори олимони асримиёнагии Осиёи Миёна, олимони ватаниву хориҷӣ оид ба таълими муттасил, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаву барномаҳои таълимӣ, таҷрибаи пешқадами муаллимони навовари муассисаҳои тақсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, барномаҳои методӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шабакаҳои иттилоотӣ.

**Заминаҳои эмперикӣ(мушоҳидавӣ):** Мушоҳидаи раванди таълими фанни иқтисодиёт дар зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла омухтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогии олимони донишгоҳ, истифода аз маълумотҳое, ки то давраи таҳқиқот аз иштирок дар семинари байналмилалӣ, аз ҷумла дар шаҳри Венаи Австрия, шаҳри Прагаи Чехия ва шаҳри Душанбе дар мавзуи «Таҳия ва ҷорӣ намудани сохтори устувор дар ташаккули тафаккури соҳибкорӣ дар Руссия ва Тоҷикистон» ба даст омада буданд, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, вохӯриҳо бо донишҷӯён, санҷиши сатҳи дониши хонандагони литсей ва донишҷӯёни донишгоҳ оид ба фанни иқтисодиёт  таввасути усулҳои мушоҳидавӣ,

тақвият додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи озмоишҳои илмӣ вобаста ба интихоби касб аз тарафи хатмкунандагони литсей ба даст омадаанд, аз ҷумла бе омодагӣ ва бо тавсияи волидайн ва ё шахсони дигар интихоби касб амалӣ намудаанд.

**Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқот**. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДДТТ), литсейи назди донишгоҳи мазкур, коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии ба номи Муҳаммад Осимӣ, Литсейи № 4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе буд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

1. Бори аввал роҳандозии раванди муттасилии таълими фанни иқтисодиёт дар зинаҳои таҳсилоти байни литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ мегардад;

2. Пешниҳодҳо ҷиҳати таълими муттасилии иқтисодии донишҷӯён дар низоми литсей - донишгоҳ тартиб дода шудаанд;

3.Мақолаҳои илмию методӣ ба нашр расонида шуданд, ки дар онҳо бо истифода аз тадқиқоти олимони дохилу хориҷи кишвар муттасилии таълим баррасӣ карда шудаанд;

4. Бо амалӣ гардидани муқаррароти рисола ҳамкориҳои ду муассисаи таълимӣ дар омода намудани мутахассисони ботаҷрибаи донишу маҳорати баланди касбидошта ба роҳ монда мешаванд.

5. Меъёрҳои баҳодиҳии дараҷаи дониши хонандагону донишҷӯён ҳангоми роҳандозии таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот муқаррар гардидаанд, ки аз рӯйи онҳо ҳаҷми донишҳои азхудшуда, фаъолнокӣ, суръати донишазхудкунӣ, дурустии амалҳои иҷрошуда, маълумоти пурра додани донишҷӯ, маҳорати иҷрои кор ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳангоми санҷишу муайянкунии натиҷаи онҳо шаффофият нақши муҳим мебозад, зеро дар сурати иҷро нагардидани меъёри баҳогузорӣ таъсири он ба ҷараёни таълим халал ворид менамояд. Намунаи

санҷишҳо ва меъёри баҳогузорӣ  дар маҷаллаи «Масъалаҳои маориф», №3, 2017  аз ҷониби муаллиф дарҷ гардидааст.

6. Мазмун ва мундариҷаи  чорабиниҳои таълимию методии сатҳи литсей - донишгоҳ муайян карда шудааст.

7. Истифодаи усулҳои муосири таълим муттасилиро дар таълими иқтисодии хонандагон ва донишҷӯён таъмин мекунад, Аз ҷумла, ташкили дарсҳо бо усули холгузорӣ, ҳалли масъалаҳо бо роҳи мубоҳиса дар атрофи ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, ташкили бозӣ дар ҷараёни дарс, риояи салоҳиятнокӣ ва ғайраҳо. Намунаҳои машғулиятҳои баргузор кардашуда дар маҷаллаҳои ҷумҳуриявии «Масъалаҳои маориф » ва ҳафтаномаи  «Омӯзгор» ба нашр расидаанд.

8. Ҳуҷҷатҳои таълимию методии литсей-донишгоҳ низ ба талаботи муттасилии таълим мувофиқ  кунонида шудааст, зеро онҳо ҳамчун як ҷузъи таркибии таҳсилоти муттасилии иқтисодӣ дониста шуда, сифати дониш, ҳамзамон салоҳияти касбии донишҷӯёнро баланд мебардоранд. Дар асоси онҳо мувофиқи нақшаи тартибдодашуда байни устодони донишгоҳ ва литсей   ҷаласаҳои методӣ ва сухбату вохӯриҳо доир карда мешаванд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳким бахшидани таълими муттасил  дар байни литсей ва донишгоҳ на танҳо ба баланд гардидани сифати таҳсилот дар зинаҳои гуногун замина мегузорад, балки барои  дар сатҳи зарурӣ омодасозии муттахасисони оянда низ нақши созгор дорад;

2. Дар ин раванд муносибати хонандаю донишҷӯ ба илм ва ҷустуҷӯйҳои илмӣ тағйир ёфта, онҳо барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ таҷриба аз худ менамоянд ва барои ташаккул ёфтани маҳорату истеъдоди баланди касбият кӯшиш менамоянд;

3. Ба баланд гардидани шавқи хонандагон дар гуруҳ онҳо паҳлуҳои нави омӯзиширо аз худ намуда, раванди дигар – аз омӯзиш ба худомӯзиро аз бар менамоянд;

4. Коркарди барномаҳои таълимӣ барои ташкили ҳамкории кормандони зинаҳои гуногуни таҳсилот шароити мусоид фароҳам оварда, ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯгорони ҷавон макони махсуси омӯзиш мегардад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки назария ва амалияи таҳсилот бо дониши муосири илмӣ оид ба асоси назариявӣ-метологии тақвият додани самаранокии таълим дар зинаҳои литсей ва донишгоҳ бо роҳи ҳамкории байни кормандон муайян карда шуда, оид ба бартараф кунонидани норасоиҳои мавҷуда ҷиҳати омодасозии мутахассисони оянда нақшаҳои корӣ тартиб дода шуданд.

Дар фаъолияти таълимӣ ва методӣ дар заминаи муттасилӣ метавон корҳои зеринро амалӣ сохт:

- Қабл аз оғози машғулиятҳо дар семинарҳои машваратии мутахассисони муассисаҳои таълимии ба низоми мавҷуда фаъолиятдошта ширкат варзида, тартиб додан ва муаррифии барномаҳои нави таълимӣ;
- Ташкили такмили ихтисоси муаллимони литсей тавассути таҷрибаомӯзӣ дар шуъбаҳои донишгоҳ; гузариши зина ба зина аз литсей ба усули дарсҳои назариявӣ ва амалии таълим ба мактабҳои олии иқтисодӣ;
- Фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати гузаронидани корҳои таҷрибавӣ, дарсҳои кушод, истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва технологияи муосир, ташкили корҳои илмӣ ва тадқиқотӣ бо донишҷӯён;
- Муайян намудани меъёрҳои ягонаи баҳогузории дониш ва малакаи донишҷӯён дар ҳар ду муассисаҳои таълимӣ.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот:** Натиҷаҳои таҳқиқотро омӯзгорон метавонанд дар амалӣ сохтани тадбирҳои зерин истифода баранд:

– дар таълими фанни иқтисодиёт;

−дар ташкили ҳамкории байни омӯзгорони зинаҳои таҳсилот бо риояи таълими муттасил;

− дар истифода бурдани роҳу усулҳои пешниҳодгардида ҷиҳати самаранок гузаронидани дарсҳо;

−дар таҳияи дастурҳои методӣ, воситаҳои таълими ёрирасон, таҳияи барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои корӣ дар таҳсилоти иқтисодӣ;

Натиҷаи омӯзиш метавонанд, дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию педагогӣ барои унвонҷӯён ва докторантон барои навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат намояд;

Натиҷаҳои кор барои омӯзгорони фанни иқтисодиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо) дастури зарурӣ хоҳад буд;

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои ташкили ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот ҳамчун дастури методӣ истифода хоҳад шуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** Дастовардҳои дар рафти таҳқиқот бадастовардашуда, ки бо такя ба методологияи илмӣ, адабиёти гуногуни методӣ, психологӣ, педагогӣ, манбаъҳои гуногуни иттиолоотӣ, истифодаи таҳлилу далелҳои кори таҳқиқотро пурракунанда, ки ба ҳадаф, предмет ва мазмуни таҳқиқот мутобиқат менамоянд, таъмин мебошанд.

Таҳқиқоти илмӣ ва амалисозии он дар низоми литсей-донишгоҳ мутобиқ ба натиҷаҳои корҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ гузаронида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 1* – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар

таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:**дар пажуҳиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, дар гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо, дар истифодаи силсилаи усулҳо ва методҳо вобаста ба мавзуъ, дар заминаи кори таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, дар таҳлили натиҷаҳои коркарди маводҳои озмоишӣ, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, дар пешниҳоди мақолаҳо ба чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ ва дар таҳияи диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот:** Натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ, назарияҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои амалкунандаи омӯзгорони ноҳияи Фирдавсӣ, Шурои илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, конференсияи илмӣ–амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ироа, ҷаласаи Шурои методии Литсейи № 4, барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе баррасӣ ва таҳлил гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 14 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 6 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва 5 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб хулоса ва феҳристи адабиёт, дар маҷмуъ аз 167 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

# БОБИ 1. АҲАММИЯТ ВА ЗАРУРИЯТИ ТАЪЛИМИ МУТТАСИЛӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ДОНИШҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОНАНДАГОНУ ДОНИШҶӮЁН ВА ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ ОЯНДА

## 1.1 Муттасилии таълим дар таҳқиқотҳои педагогӣ – психологии мутахассисон ва таҳлили осори иқтисодии донишмандони асримиёнагии форсу тоҷик

Масъалаи муттасилии таълим диққати олимони ҷаҳонро ҳанӯз дар асри Х ба худ ҷалб намуда буд. Муттасилӣ дар соҳаи маориф алоқаманд намудани марҳилаҳои гуногуни омӯзиш ё бартараф намудани холигии байни марҳилаҳои омӯзишро ифода менамояд.

Дар педагогика мафҳуми муттасилиро аввалин бор Я. А. Коменский муаррифӣ карда, идомаи омӯзишро ҳамчун рушди муназами донишҳои мухталиф, идомаи инкишофи қаблан оғозшуда донист: «Донишҳои нав бо қаблӣ такмил меёбанд. Табиат доимо пеш меравад, ҳеҷ гоҳ намеистад, чизи оғоз шударо тарк мекунад, аммо мусбаташро бо худ мегирад ва идома дода ба анҷом мерасонад» [72: **37-41**].

Я.А. Коменский пайдарҳамии таълимро муҳим мешуморад. Ба ақидаи ӯ ҳама донишҳо бояд тавре ҷойгир шаванд, ки донишҳои нав ҳамеша аз пешина асос ёбанд. Он маълумотҳое, ки ба таълимгирандагон барои азхудкунии дониш дода мешаванд, бояд пайдарҳам ва бо далелҳои асосноккардашуда пешниҳод гарданд. Тадқиқотҳои илмии тамоми ҳаёт як тавре тақсим карда мешаванд, ки он ба мисли як дарахти азим аз як решаи умумӣ ҷараён мегиранд” [72: **40-42**].

Бо шарофати корҳои Ю.А. Коменский муттасилӣ ҳамчун падидаи ҳалталаби педагогӣ, ки ба ҳама мушкилоти педагогӣ алоқаманд аст, оғоз ёфтааст. Асари ӯ ба марҳалаи нави инкишофи ғояҳои муттасилӣ дар омӯзиш такмил дода шуда, доираи масъалаҳоеро, ки бо ёрии ин зуҳуроти педагогӣ метавон онҳоро ҳал кард, дар бар мегирад.

Инкишофи муносибатҳои ичтимоӣ тайёрии дурусти насли ҷавонро ба оянда дар шароити рушди муносибатҳои истеҳсолӣ талаб мекунад. Бинобар ин дониши хонандагону донишҷӯёнро зина ба зина, давра ба давра бо ҳам пайваста бояд омӯзонид.

Рушди минбаъдаи омӯзиши мавзуи муттасилӣ дар таълими насли ҷавонро И. Г. Песталотси давом дод. Навоварии назарраси ӯ ба омӯзиш дар он буд, ки вай вазифаи асосии усули омӯзишро барои мусоидат ба хоҳиши табиии шахс ба рушд меҳисобид ва аз ин рӯ донишазхудкунии ҳар як нафарро аз табиати ботинии худи ӯ сарчашма гирифтанашро асосӣ медонист. И. Г. Песталотси давом додани омӯзишро ҳамчун фаъолияти муттасилӣ ва мукаммалкунии дониш зина ба зина, қисм ба қисм зарур ва ҳатмӣ шуморид. Илова бар он, таъкид намудааст: “Кӯшиш бояд кард, ки дар ҳамаи зинаҳо дониш гирифт ва дар онҳо мафҳумҳои нав, хурд ва қариб ноаён ҳам, ки бошанд, ба дониши амиқи қаблии муаллифон, ки фаромӯшнашавандаанд, онро пурра ва мукаммал намуд” [126:**79-82**].

И. Ф. Гербарт таъкид намудааст: “Таълими бисёрзина бояд том ва ягона бошад ва ҳеҷ вақт ба муносибати руякӣ ва сабукфикрона карданро напарварад. Гул набояд ғунчаи худро чок занад, мегуфт Гербарт, яъне бо ин гуфтан мехост, ки таълим манзараҳои оламро дар шуури таълимгирандагон бояд ҳамчун ваҳдати том намудор гардонад.

Гербарт чор зинаи таълимро ном бурдааст, ки онҳо чунинанд: 1) возеҳ, 2) татбиқи назария (дар ҳолати ҳаракат будан), 3) низом, 4) усул.

Дар зинаи возеҳ ташкили таълимро дар ҳолати оромии руҳ қарор дода籠 маводро ба таълимгиранда расониданро тавсия медиҳад, яъне аз ҷиҳати психологӣ диққатро ба донишазхудкунӣ сафарбар намудан аст. Зинаи дуюм дар ҳоли ҳаракат кардан вобаста ба афзун намудани донишазхудкуниро дар назар дорад. Ин ба маънои дар баробари донишҳои азхудкардааш ба хонанда, инчунин аз ҳаёт маводҳои заруриро омузониданро тавсия медиҳад.

Зинаи сеюм низом ном дорад. Дар ин зина бояд омузгор бо ҳамроҳии шогирдонаш дар асоси донишҳои нав андешаҳо, хулосаҳо, таърифот ва қонунҳои ба тасаввуротҳои куҳна алоқаманд бударо кофтуков намоянд. Бо ин роҳ маводи зарурӣ дар натиҷаи алоқамандкунӣ зуд аз худ мешавад.

Зинаи чорум усул мебошад. Дар ин зина Гербарт аз ҷиҳати дидактикӣ истифодаи машқҳои гуногуни таълимиро тавсия додааст, ки ба воситаи онҳо омӯзгор метавонад, ба хонандагон донишҳои азхудкардаашонро мукаммал намояд.[32: **95-98**].

Ф. А. Дистервег муттасилиро ҳамчун пайванди маводи қаблӣ бо баъдӣ, дар натиҷаи пай дар пай мустақилона омӯхтани донишҷӯ ва дар асоси хусусияти инкишоф ёфтани омӯзиши ӯ шарҳ дод. Ӯ қайд менамояд : “Ман бояд, қайд намоям, ки одатан ба ҳеҷ ваҷҳ, мо то фаҳмида гирифтани пешина наметавонем баъдинаро аз худ намоем” [47: **105-108**].

Ҳамин тариқ, Ф. А. Дистерверг барои ба таълимгирандагон дониш додан пеш аз ҳама вусъат додани худомузии худи омузгорро роҳи беҳтарини баланд бардоштани раванд меҳисобад. Илова бар он зинаҳои таълимро, ки донишҷӯ бояд онро дар раванди таълими муттасил аз худ карда бошад, пешниҳод намуд. Аз ҳамин ҷиҳат ғояи муттасилии таълим аз нигоҳи мустақилиятӣ низ барои педагогикаи муосир дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ муҳим аст.

Дар рушди мушкилоти таълими муттасил К. Д. Ушинский саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ барномаи таълимии мактаби худро барои ду давра пешниҳод кард, ки бояд бо ҳам дар пайвастагӣ қарор бигиранд. Давраи аввал зинаҳои хурди таҳсилот ба ҳисоб рафта, заминаи муҳим барои омодагии мутахасисони оянда мебошанд, баъдӣ давраест, ки дониши онҳо дар зинаҳои дигар мукаммал карда мешаванд.

К. Д. Ушинский омӯзиши донишро ҳамчун як раванди барқарор кардани алоқаи мустаҳками байни донишҳои куҳна ва нави бадастомада, ки робитаи дохилӣ доранд, новобаста аз он, ки кадом мавзуъ ва кай ба

даст оварда шудааст, баррасӣ кард. “Пайваст шудан ба куҳнаи аллакай собитшуда, маънои онро дорад, ки мавод дубора омӯхта мешавад ва инчунин қоидаи педагогӣ мебошад, ки салоҳиятнокиро ифода менамояд ва муваффақияти таълим низ асосан аз он вобаста аст” [153: **269-274**].

К. Д. Ушинский диққати муаллимро ба он ҷалб кард, ки «дар ҳар як такрори бефосилаи куҳна каме нав илова намудани хонанда миқдори зиёди далелҳоро аз худ мекунад. Агар ӯ як маълумотро пас аз омӯхтан, дар таҳкурсии мустаҳками куҳна аз худ намояд, дониши ӯ пурра ва мукаммал мешавад. Бе чунин таълимдиҳӣ сари донишҷӯ ба монанди халтае пур аз маълумотҳои наомухташуда, далелҳои нокофӣ ва ғояҳои хуб санҷида нашуда мегардад, яъне ба назар чунин менамояд, ки чанд донае, ки дар чуқурии замин шинонида шудаанду бе нуриҳои табиӣ нашъунамо мекунанд».

А. Н. Аверянов таъкид менамояд, ки  ҳама соҳаҳои фаъолиятро маҷмуӣ  ҳисобида, онро бо ҳам алоқаманд карда, таҳлил намудан ба пешравии кор  хоҳад буд. Ӯ инчунин қайд менамояд, ки мавзуъҳои омухташаванда ин маҷмуи  бо ҳам алоқаманд мебошанд ва аз ин рӯ аз зинаи поёнии мавзуъ оғоз намуда, онро то ба марҳилаҳои баъдӣ расонидан самти асосии таълими муттасилиро ташкил медиҳад. [4: 13-15].

Дар солҳои охир оид ба масъалаи таълими муттасил аз тарафи олимон (С. Г. Вершловский [25:**13−14**], Шемякин Б. П. [154], С. М. Годник [35:**11-16**], Б. С. Гершунский [34:**3-14**],  Е. И. Скаткина [146:**101-105**] як қатор таҳқиқотҳо гузаронида шуданд, ки дар онҳо тарзи ташкил ва роҳандозии ин равандро бо  самтҳои гуногун зарурӣ медонанд.

Самти аввал қисман ба омӯзиши мавқеъ ва нақши муттасилӣ дар ҷараёни фаъолияти педагогӣ, инчунин баррасии аҳаммияти он дар таълим тааллуқ дорад.

Самти дувум ба ошкор намудани мундариҷаи таълими муттасил дар байни зинаҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, ошкор намудани усулҳои

аз худкунии барномаҳои таълимии фанҳо ва амалисозии донишҳои азхудшуда ба ҳисоб меравад.

Самти сеюми он ба мушкилотҳое, ки дар байни зинаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, ки баъди хатми зинаи аввал дар таҳсили минбаъда душвориҳоро пеш меоранд вобаста аст, зеро хатмкардаи муассисаҳои зинаи аввал, ки дирӯз барои хатми муассисаи миёна имтиҳон супурдааст, ҳангоми дохил шудан ба донишгоҳ ба мушкилоти зиёд дучор мешаванд. Яке аз сабабҳо дар он аст, ки мактаби миёна ва ё литсейҳо хатмкардагонро барои таҳсилоти баъди таҳсилоти миёна ба дараҷаи зарурӣ омода намекунанд. Ин дар тадқиқоти олимон Б. Исоматов [63:**7–8**], Г. Н. Александров, А.А.Киверляг [89:**2–7**], Ю.А.Кустов [87:**11–13**], Азимов Л.Б. [7:**11–15**], А. Х. Миразизов [100], И. Х. Каримова [67:**2-7**], Давлатшоев И. [45: **133-135**] ва дигарон баррасӣ шудааст.

Давлатшоев И. дар китоби худ “Назария ва амалияи ташаккули маънавии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо зинаҳои миёнаи касбӣ ва олии касбии Тоҷикистон” қайд намудааст: ”Ҳамкории байниҳамдигарии кормандони зинаҳои таҳсилот як аз шартҳои муттасилии таълим ба ҳисоб рафта, бояд мунтазам ва ҳамеша давом ёбанд”.

“Самаранокии иҷтимоию иқтисодии таҳсилоти муттасилӣ” аз ҷониби В. Г. Онушкин [120:**13-18**], А. В. Даринский [41:**6-17**] Э. И. Огарев [118], Н. А. Морозова [109:**2-7**] ва дигарон низ таҳқиқ шудаанд. Омӯзиши хусусиятҳои психологии фаъолияти маърифат дар корҳои Ю. Н. Кулюткина ва Г. С. Сухобская инъикос ёфтаанд. Ин олимон чунин мешуморанд, ки зинаи аввали низоми таҳсилоти муттасилӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ амалӣ мегарданд. Марҳилаи дувуми таҳсилоти муттасилӣ дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат мегирад. Онҳо бар он назаранд, ки набудани мувофиқатии мундариҷа, шакл ва усулҳои муассисаи олии касбӣ бо зинаҳои қаблӣ

хатмкунандагонро барои таҳсилоти минбаъда ба таври кофӣ омода намекунад.

В. Г. Онушкин андешаи худро оид ба таҳсили муттасилӣ чунин пешниҳод мекунад: “Ин маорифро ба як низоми мукаммале мубаддал мегардонад, ки мутобиқи он барои таълими шахс шароит муҳайё шуда, рушди илмоомӯзии ӯро дар тамоми умраш таъмин мекунад” [120: **100-109**].

Бо назардошти хусусиятҳои мундариҷаи таълими иқтисодӣ таҳлили ин мушкилотҳо аз ҷониби муҳаққиқон: В. М. Монахов [111:**11-32**], Ш.О. Музенитова [110:**23-34**], З. К. Мевгуна, Е. В. Николаева [107:**5-17**] Ю. К. Василева [17:**2-11**], татқиқотҳои гуногуни илмӣ сурат гирифтаанд.

Таълими муттасил ва ташкил додани онро олимон барои фанҳои алоҳида низ баррасӣ намудаанд. Масъалаҳои таълими иқтисодӣ аз фанни химия, аз ҷониби олими рус А.И.Абрамова [3], аз фанни технология аз ҷониби М. Н. Скаткина [146], Самчук Ю. М., аз фанни физика аз ҷониби Л. С. Сусская [149] ва масъалаҳои методии иқтисодии хонандагони мактабҳо дар асарҳои В. К. Розов [141] таҳлил гардидаанд.

Ташкили маҷмуйи муассисаҳои таълимии бисёрзинагӣ, ки ба онҳо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ низ дохил мешаванд, масъалаи муҳими таъмини муттасилӣ дар низоми литсей-донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Ҳалли ин масъала муайян кардани тарзҳои нави донишазхудкуниро дар назар дорад, ки дар фаъолияти муассисаҳои дар боло номбаршуда татбиқ хоҳанд шуд. Олимон паҳлӯҳои гуногуни мушкилоти муттасилии таҳсилоти ибтидоӣ ва асосӣ, муассисаҳои миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, муттасилии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ баррасӣ намудаанд. Олимон: Б.Г.Шемякин дар китоби худ “Масъалаҳои таълими иқтисодии хонандагон” [151:**23-45**], И.Б.Соловёва-“Асосҳои иқтисоди бозоргонӣ” [146:**75-112**], А.А.Разоққов –“Тарзи амалӣ намудани муттасилии таълим аз фанни геометрия” [137:**2-22**], С.А. Равичев-“Асосҳои педагогии мониторинги донишҳои иқтисодӣ” [132:**4-**

**25**] ва дигар муаллифон моҳияти психологию педагогии муттасилии таҳсилоти литсей ва муассисаи олии касбиро таҳқиқ намудаанд. Онҳо ба хулосае омадаанд, ки ташкили ҳамкории байни муассисаҳои олии касбӣ ва миёнаро метавон ҳамчун усул, раванд ва роҳи ҳалли мушкилоти вазифаҳои асосии таълими мактаби олӣ ва миёна ҳисобид. Ҳамзамон онҳо хусусиятҳои гуногунҷабҳаи ташкили ҳамкориҳоро дар байни зинаҳои қаблӣ бо баъдиро таъкид мекунанд ва онро мактаби омӯзиши худи онҳо мешуморанд.

Масалан, М. Нугмонов бар он назар аст, ки “Ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот метавонад на танҳо таҷрибаазхудкунии худи онҳоро тақвият диҳад, балки ба аз худ намудани таҷрибаи илмӣ ва дар амал истифода бурдани талаботи ягонагӣ ва муттасилии рушди дигари усулҳо замина гузорад”. Як қатор муҳаққиқон, аз ҷумла: А. И. Абрамова [3: **14-21**], В. Д. Васильев Ю. К. [20: **12-19**], Н. И Болдирева. [15:**2-13**], А. П. Краковский [76:**22-311**], И. Б. Соловёва [146:**100-112**] – масъалаҳои таълими иқтисодиро дар мактабҳои миёна ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ баррасӣ намудаанд. Асосан, самти таҳқиқоти олимони номбурда ба ҷалби хонандагон ба чунин муассисаҳои раванди таълими иқтисодидошта, ки меомӯзанду иҷро менамоянд, равона гардида буд. Ба ақидаи онҳо дар давоми иҷрои вазифаҳои мушаххаси истеҳсолии хусусияти иқтисодидошта, донишҳои иқтисодӣ ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ ба даст оварда мешаванд.

Гуруҳи дигари муҳаққиқон А.С. Радионов[146:**100-112**], С. А. Воронин [27:**12-34**], К.А.Улибкин[150:**18-32**], М.П.Завялова[50:**18-32**], Е.Н. Ромашкова[132:**3-15**] дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба муттасилии таълим ва бартараф намудани мушкилотҳо дар интихоби дурусти мутахассисони соҳа мароқ зоҳир намудаанд.

Доир ба асосҳои назариявии ин раванд олимон С. М. Годник[33:**5-12**], А. А. Киверляг[87:**17-30**] ва доир ба асосҳои педагогӣ - психологии он

гуруҳи дигари олимон А.П.Сиделковский[145:**12-24**] В. С. Безрукова[15:**22-33**], фикру ақидаҳои худро пешниҳод намудаанд.

Қисми зиёди мутахассисон ба монанди Ю. К. Бабанский, В. В. Краковский, П. С. Лернер, Б.Т.Лихачёв, Н.Оқилов, С. Н. Чистякова ва дигарон ба таълим бо хатмкунандагон, ҳамчун зинаи пеш аз донишгоҳӣ аҳаммият додаанд. Зеро маҳз дар ин давра тамоми донишу маҳорат ва истеъдоди мутахасисони оянда муайян карда мешаванд. Мувофиқати усули таълим ба хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён ба мо имкон медиҳад, ки муттасилии таҳсилро дар байни литсей ва муассисаи олии касбӣ ба роҳ монем ва фарқияти сатҳҳои гуногуни таҳсилро бартараф созем.

Дар давраи мавҷудияти ҳукумати шуравӣ қарори махсус "Дар бораи такмили минбаъдаи таълими иқтисодӣ ва тарбияи хонандагони мактабҳои миёна" қабул карда шуда буд. Дар қарор таъкид шуда буд, ки донишҳои иқтисодӣ барои баланд бардоштани малака ва қобилиятҳо бояд пайваста ва зина ба зина дар байни донишҷӯён ва хонандагон пеш аз ҳама ҳангоми омӯзиши асосҳои илм ривоҷ ёбад.

Дар ин ҳолат, дар раванди тарбияи меҳнатӣ низ аҳаммият дода шуда, ба барномаҳои таълимӣ ворид намудани он муҳим арзёбӣ гардида буд. Таъкид карда шуда буд, ки бояд талаботҳои асосии сиёсати иқтисодӣ донишҷӯёнро бо дониши мукаммал дар бораи асосҳои иқтисодиёт таъмин намояд. Ин давра ба давра дар таҳқиқотҳои як қатор олимон дарҷ ёфтаанд. Аз ҷумла (Ю.К. Василев [20], В.М.Монахов [111], Ш.О. Музенитова [110], А.А.Казаков [69] ва ғайра ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ки онҳо ба такмили таълими иқтисодӣ нигаронида шудаанд.

Хусусияти таълими иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз он иборат аст, ки дар ҳоли ҳозир гумон нест, ки нақшаю барномаҳои таълимӣ дар байни хонандагони мактабҳо дониши маҷмуи иқтисодиро таъмин кунанд. Маълумот дар соҳаи иқтисодиёт дар таркиби фанҳои

алоҳидаи таълимӣ: таълими меҳнат, ҷуғрофия, математика, таърих ва ғайра мавҷуд аст. Ин бошад мушкилотро ҳал намекунад, зеро ин порчаҳои маълумотҳо дорои қисматҳое мебошанд, ки ба хонандагон имкон намедиҳад, ки ба дараҷаи иқтисодии мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Нуқтаи назари як қатор муҳаққиқони рус ба монанди И. В. Липситс [95], Л. Л. Любимова, Л. В. Антонова, С. А. Равичева [134], олимони дигар Эргашев А., Муҳадбердиев Х. [158], Оқилов Н. [117] - ро метавон доир ба ин масъала қайд намуд ва инчунин дар кори мо [60] низ оид ба зарурият ва таҳкими мактаб дар ба роҳ мондани таълими иқтисодӣ дарҷ гардидааст.

Ин бо як қатор омилҳои хусусиятҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир вобаста аст. Омӯзиши ин мушкилот имкон медиҳад, ки чунин талабот ба таълими иқтисодӣ (на танҳо барои хонандагони мактабҳо, балки барои кулли аҳолии кишвар) тавассути тағйирот дар рушди иқтисодии кишвар асоснок карда фаҳмонида шаванд. Зарурати гузаронидани чунин таҳлил аз он вобаста аст, ки мундариҷаи таълими иқтисодии ҷавонон асосан бо хусусиятҳои низоми иқтисодӣ муайян карда мешаванд.

Омӯзиши низоми таълим танҳо дар сатҳи байни соҳавӣ бо ҳамгироии зинаҳои таълим имкон фароҳам меоварад, ки мутахассисони оянда аз ҷиҳатҳои доштани илмҳои мухталиф: назарияҳои шахсият, ҷомеашиносӣ, гирифтани таҷриба дар давраи донишҷӯйӣ, шинос шудан ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои онҳо имкониятҳои зиёд фароҳам меоварад. Ана ҳамин давраҳо ва зинаҳои фаъолияти хонандагону донишҷуён барои ҳаматарафа омода гардидани онҳо заминаи асосӣ хоҳад гашт.

Ин гуна мушоҳидаҳо дар таҷрибаи бои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҷамъ оварда шудаанд: Аз ҷумла дар татқиқоти олимон: Владиславлев А. П. [ 28], Л. С. Виготский [30:4-11], Гершунский Е. Б. [33:17-21], Григорев

С. Г. [36:3-11], Завялова М. П. [53:11-20], Зеленков А. И. [58:7-15], Казаков А. А. [69:] ин масъалаҳо дарҷ гардидаанд.

Ба омӯзиши таҷриба ва дурнамои рушди таълими зинаҳои гуногун олимон: Нуъмонов М. [116], Муқимова С.Р. [101], Каримзода О. [68], Н. К. Сергеев, В. В. Сериков, В. И. Журавлевин мавзуъро ҳамчун як мақоми таълимии намуди нав баррасӣ намудаанд. Онҳо кӯшиш намудаанд, ки мафҳуми комплекси таълимӣ, илмӣ ва педагогиро чун як маҷмуи дохили донишгоҳ баррасӣ намоянд.

Чуноне ки дар муқаддимаи диссертатсия қайд намуда будем, ба муттасилии таълим бисёр олимони кишвар низ диққат дода, фикру андешаҳои худро дар мақолаю таҳқиқотҳояшон дарҷ кардаанд. Олимони соҳаи иқтисод, аз ҷумла мутахассисони илми тоҷик, ҳангоми таълими фанҳои мухталиф ташкили низоми муттасилро тавсия додаанд. Дарки равандҳои идомаи таҳсил барои таҳлили қонунҳои танзимкунандаи рушди таҳсилоти касбӣ аҳаммияти махсус дорад.

Нурулло Оқилов дар мақолаи худ “Ҷанбаҳои омодагии иқтисодӣ дар ташаккули насли наврас” [117:3–19] менависад, ки иқтисоди бозоргонӣ низ талаботи зиёд дорад. Он тарзи хоси ҳаёти меҳнатӣ, мустақилият, муташаккилӣ, поквиҷдонӣ барин хислатҳои ташаккули шахсро талаб мекунад. Донишҳои иқтисодӣ на танҳо барои шахси корчалон (тоҷир) зарур аст, балки ҳар касро зарур аст, барои манфиаташ аз дониши одии иқтисодӣ бархурдор бошад. Бе чунин дониш ҳаёт ва рӯзғори хешро имкони афзоиш додан амрест маҳол. Дар ин асос ба омодагии тарбияи иқтисодии хонандагон аҳаммияти хоса додан зарур мебошад. Аз синни хурди мактабӣ аз худ намудани донишҳои иқтисодӣ барои наврасону ҷавонон ҷиҳати соҳибкасб шуданашон заминаи муҳим ба ҳисоб меравад. Имрӯз хонандаи мактаб чӣ будани пул, аз чӣ иборат будани буҷаи оила ва мактаб, чӣ қадар арзиш доштани мол, ба чӣ вобаста будани он, роҳу равиши доро шудан ва манфиатҳои онро бояд донад.

Масъалаҳои педагогии таҳсилоти давомдори берун аз синфӣ ва берун аз мактабӣ дар корҳои М. Нуъмонов [116: 13–20]. С. Р. Муқимова [101], Давлатов И. [43:2–9], И. Давлатшоев [45:12–19], ва дигарон баррасӣ гардиданд. Онҳо қайд намудаанд, ки сарфаҷӯйӣ, муташаккилӣ ва фазилатҳои дигари инсониро аз хурдсолӣ бояд аз худ намуд. Аз ин рӯ, раванди тарбияи иқтисодии, хусусан наврасон, бояд мақсаднок ва бонизом бошад, ки он аз бисёр ҷиҳат ба тайёрии руҳӣ вобаста аст. Ин барои дар зинаҳои болоии таҳсилот мукаммалтар омӯхтани донишҳои иқтисодии онҳо кумак расонида, бахри дар оянда ба воя расидани инсони бо ҷаҳонбинии иқтисодиву маънавӣ таълимгирифта кумак мерасонад.

Дар асарҳои худ олимони тоҷик Н. Оқилов [122], Л. Б. Азимов [7], масъалаҳои таълими иқтисодии насли наврасро баррасӣ карда, таълим додани ин фанро зарур ва ҳатмӣ шуморидаанд. Ҳамин далелҳо низ диққати махсус додани олимони тоҷикро ба таълими фанни иқтисодиёт нишон медиҳад.

Олимони кишвар ба паҳлуҳои гуногуни ҳамкории зинаҳои таҳсилот мароқ зоҳир намуда, андешаҳои худро баён кардаанд. Аз таҳлили асари Исоматов Б. “Назаре ба афкори иқтисодии ниёгон” аз таҷрибаи бойи иқтисодии мардумонамон дар асрҳои пешина маълумоти зиёде гирифтан мумкин аст. Истифодаи чунин маълумотҳо дар таълими иқтисодии хонандагону донишҷӯён дар зинаҳои таҳсилот мусбат арзёбӣ дониста шудаанд. Пажӯҳишу тадқиқот аз нуқтаи назари донишмандони асри миёна то ба Инқилоби октябр саҳифае аз осори иҷтимоиву иқтисодии ватандоронамонро муаррифӣ менамоянд.

Мушкилоти назаррас дар давраи ҳозира ин истифода набурдани дастовардҳо ва таҷрибаи иқтисодии мардумони асримиёнагии форсу тоҷик дар дарсҳои иқтисодиёт ба назар мерасад. Дуруст аст, ки дар замони рушд ва тараққиёти роҳу усулҳои нави муосир ҳоҷати дубора баргаштан ба ин тарзи таълим намонда бошад, аммо агар ҳамин

нуқтаҳои муҳим дар раванди таълим ба донишҷӯён фаҳмонида нашаванд, онҳо иқтисоду тиҷоратро яктарафа фаҳмида, танҳо фоидаро истифода ба манфиати худ меҳисобанд.

Омӯхтан ва омӯзонидани таҷрибаи бойи мардумонамон дар асрҳои гузашта аз манфиат холӣ набуда, баръакс барои афзун намудани донишҳои иқтисодӣ ва аз худ намудани роҳу усулҳои муоширати байни одамон нақши арзанда доранд.

Омӯзонидани таҷрибаи иқтисодии мардумони мо, ки дар адабиётҳо ва дастурҳои методӣ кам оварда шудаанд, барои наврасону ҷавонон тартиби муошират дар тиҷорат, тартиби интихоби мол, адлу инсоф ба миҷозон, сарфу хароҷоти пул, амонатгузорӣ ва бисёр дигар таҷрибаҳои иқтисодӣ дастур медиҳад.

Маҳз ин нуқтаро Пешвои миллат–Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин баён доштанд: "Дар раванди эҳёи худогоҳиву худшиносии миллатамон қисме аз афрод бар ин ақида буданд, ки мо ба таърих ва гузаштаи худ аз андоза бештар рӯй овардаем. Набояд фаромӯш кард, ки агар мо гузаштаро дақиқ наомӯхта, равандҳои имрӯзаро воқеъбинона баҳогузорӣ накунем, пас роҳи дурусти инкишофи фардои хешро муайян карда наметавонем"[140].

Дар ин самт олимони тоҷик аз таҷрибаҳои ниёгон дар кашфиётҳои худ оиди ташаккули донишҳои иқтисодии донишҷуёну устодон маълумотҳои зиёди ҷолибро истифода намудаанд. Аз ҷумла, Облоназар Каримзода дар китоби худ "Таърихи афкори иқтисодӣ" қайд менамояд, ки баёни мавзуоти иқтисодӣ дар Қуръони маҷид ва ҳадисҳо, асарҳои мутаффакирони бузурги халқамон, нисбати ҳикмат дар бораи моликият ва истифодаи он, фарқи байни ҳалолу ҳаром ва поку нопок, андоз, шуғлварзӣ ва заҳматкашӣ дар меҳнат, даъват ба накӯкорӣ, истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва қонеъ гардонидани талабот, ки асоси донишҳои иқтисодиро дар бар мегиранд, равшану возеъ нишон дода шудаанд [68:28-32].

Олимони соҳаи иқтисод, аз ҷумла мутахассисони илми тоҷик ҳангоми таълими фанҳои мухталиф ташкили низоми муттасилиро тавсия додаанд. Дарки равандҳои идомаи таҳсил барои таҳлили қонунҳои танзимкунандаи рушди таҳсилоти касбӣ аҳаммияти махсус дорад. Бояд махсус қайд кард, ки то солҳои 90-уми қарни мо ягон асари бунёдӣ (фундаменталӣ) ва тадқиқотӣ оиди таҳлили ин раванд вуҷуд надошт. Ин иштибоҳи таърих, хушбахтона тайи 25-30 соли сипаригашта ба ислоҳ расид ва баъзе аз олимону муҳаққиқони тоҷик заҳмати зиёде ба харҷ дода, мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, рисолаву асарҳои илмӣ, таълимию методиро дастраси омӯзгорону хонандагон гардонидаанд.

Аз шиносоӣ, омӯзиш ва таҳлили "Назаре ба афкори иқтисодии ниёгон" - и профессор Б. Исоматов хулоса бармеояд, ки падидаҳои иқтисодӣ 3-4 ҳазор сол қабл аз қарни муосир бо таври васеъ дар руҷӯи хонадорию хоҷагидорӣ ва давлату давлатдорӣ истифода шудаанд [63:54-58].

Дар давраи Сомониён низ амиқ гаштани ҷараёнҳои меҳнат (кор) обёрию зироат, парвариши чорвою кирми абрешим, занбӯри асалу моҳӣ, пайдо шудани шаҳрҳо, реша давонидани зиддияти байни шаҳру қишлоқ, ташаккули сохти давлатдорӣ, андозу андозбандӣ ва ғайра густариш ёфта буданд.

Миллати фарҳангсозу мутамаддини мо дар тамоми давраҳои таьрихи давлатдориву шаҳрнишинии хеш дар самти илми иқтисод нақши омӯзандаро нигаҳдорӣ мекард, ки аз он на танҳо худ, балки то ҳоло дигарон низ барои
рушди инкишофи кишварҳои худ истифода мебаранд. Фарзандони фарзонааш мисли Имоми Аъзам аз ин суннатҳои ҳадафҳое, ки аз он фоида расонидан ба мардум будааст, мисоли гуфтаҳои боло ба ҳисоб меравад [63].

Воқеан, ин илм тозабунёду бесобиқа набуда, балки бузургтарини давлатҳои мутараққии дунё мисли Амрикову Чину Ҷопон агарчи

зоҳиран аз «Капитал» ном мебурданд, вале маънавиян аз он таҷрибаи дурандешонаву комёбона санҷидашуда истифода бурда, мардумонашонро кайҳост, ки ба соҳили мурод расонидаанд. Мардумони мо, ба хусус мутахассисонамон солиёни дароз махсусан дар замони ҳафтод соли мавҷудияти Иттиҳоди шуравӣ андар шинохти «Капитал» -и Маркс дар иқтисод дигар ягон чизро асос намепиндоштанд.

Бори дигар ёдовар мешавем, ки густаришу равнақи муносибатҳои бозорӣ тайи асрҳо дар миёни мардумони мо фаъолияти доимӣ ба ҳисоб рафта, басо паҳнгардидаву мавриди истифодаи дигар халқҳо қарор доштанд ва бонизому манфиатовар шинохта мешуданд. Аз ин лиҳоз, пажӯҳишу тадқиқи он аз нуқтаи назари донишмандони асри миёна то ба инқилоби октябр саҳифае аз осори иҷтимоиву иқтисодии ватандоронамонро рангин намоиш медод.

Дар ин маврид ба овардани се далел аз ҳисоби шумораи зиёди далелҳо, мардуми моро ба иқтисоди бозорӣ машғул буданашонро мешинохтанд. Аввал Имом Абуҳанифа дар Куфа мағозаи молҳои ниёзи мардум дошт. Ӯ ҳамчун роҳбалад мардумони зиёдеро ҷиҳати хариду фурӯш ба мусофират мефиристод. Аз лиҳози садоқат ва ростӣ дар муомилаи байни харидорон машҳур буд. Агар ё айбе дар мол ва маҳсулоте мебуд, нахуст айби онро изҳор мекард ва ба фоидаи андак қаноат мекард.

Дигар аз файласуфони машҳур Закариёи Розӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар муомилоти савдо ӯ чунин тавсия пешниҳод намуда буд: “мақсади солеҳ дар иқтисод он аст, ки дар баробари миқдори фоидаи худ миқдори фойидаи миҷозро низ андеша бояд кард, то харҷҳо баробар шаванд” [56:4–6].

Нуқтаи назари Шайх Саъдӣ чунин буд: “Бозаргонеро дидам, ки саду панҷоҳ уштур бор дошт ва чиҳил бандаву хидматгор. Шабе дар ҷазираи Кеш маро ба ҳуҷраи хеш даровард. Ҳама шаб наёрамид аз суханхои парешон гуфтан, ки фалон анборам ба Туркистон аст ва фалон бизоат ба

Ҳиндустон ... Саъдиё сафари дигар дар пеш аст, Гуфтам: Он кадом сафар аст? Мол ба Чин хоҳам бурдан, ки шунидам, қимате азим дорад. Ва аз он ҷо косаи чинӣ ба Рум оварам ва дебои румӣ ба Ҳинд ва фулоди ҳиндӣ ба Ҳалаб ва обгинаи ҳалабӣ ба Яман ва бурди яманӣ  ба Порс ва з-он пас тарки тиҷорат кунаму ба дӯконе бинишнам» [145: 13−14].

“Қобуснома”-и Унсурмаолии Кайковус яке аз пандномаҳои аввалини асримиёнагӣ буда, тасвири масъалаҳои иқтисодӣ, баёни фазилатҳои хуби инсонӣ, некию накӯкорӣ, ҳимматбаландию сариштакорӣ, омӯзиши касбу ҳунар, ташкили хоҷагии хонагӣ, тарзу усулҳои тиҷорат, харидани манзил ва замин, ҷамъ овардани мол, нигоҳ доштани амонат, маслиҳат дар хусуси тақсими даромад, андӯхти амвол ва маблағ.

Баёни масъалаҳои иқтисодӣ дар “Сиёсатнома”-и Низомулмулк низ васеъ дарҷ ёфта, тасвири ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, масъалаҳои хоҷагидорӣ, давлатдорию сиёсатмадорӣ, муносибатҳои бозаргонӣ, пур кардани хазина, ҳисобу китоби дахлу харҷ бо далелҳо нишон дода шудаанд.

Тасвири тиҷорат дар “Футувватномаи”-и Кошифӣ оиди таълимоти ахлоқан баробарию хайрхоҳӣ, кумакрасонӣ, дастгирии фақирон, одоби хариду фурӯш, васфи меҳнат, фаъолияти истеҳсолӣ ҳамчун қисми таркибии тарбияи ахлоқӣ таълимот медиҳад.

Ҳамин тавр, сарнавишти илми иқтисоди бозорӣ, ки умдатан онро “Тадбири манзил” унвон бурдаанд, ба қисмату сарнавишти халқи бостонии мо дар раванди дарози таърих дӯшодӯши ҳамдигар ривоҷ дошта, тайи ҳазорсолаҳо барои ҳамнавъону бегонагон тавассути “Роҳи абрешим” нақши роҳнамоеро ба мавриди иҷро мерасонид.

Муттафаккири дигари бузургу беҳамто Абуалӣ ибни Сино мебошад. Ибни Сино бартариву афзалияти инсонро дар фаъолияти меҳнатии вай мебинад. Яъне одамон меҳнат карда, ба туфайли ин меҳнаташон назар ба тамоми ҷондорҳову махлуқоти рӯйи замин бартариҳо пайдо мекунанд. Ҳарчанд  рисола зиёда аз ҳазор сол пеш аз мо навишта

шудааст, вай амалан аз меҳнат шуруъ намуда, мавқеи ҳаётии ин ҳодисаро дар ҳаёту мамот дуруст нишон додааст.

Абуалӣ Ибни Сино таснифи масоили “тадбири манзил”-ро давом дода, нишон додааст, ки фармонвари хонавода мардонанд ва мавриди дар сафар будани онон танзимгар ба зиммаи ҷойнишин-зан (бонуи хона) вогузошта мешавад. Минбаъд вай масоили дигари ҳавлидориро нисбати касб омӯзонидани фарзандон, дахлу харҷи хонавода, интихоб ва муомила бо тоҷирон, масъалаҳои “раиси хонавода”, “корфармо” ва монанди инҳоро ба тасвир овардааст. [64: 71–73].

Абулқосим Фирдавсӣ ба чунин ҷузъи муҳими тарбияи одам монанди: поквиҷдонӣ, тарбияи меҳнатӣ диққати калон додааст. Ба ақидаи ӯ, муҳимтарин хислати ахлоқии инсон, ки ӯро обруманд ва хушбахт мегардонад, меҳнатдӯстист. Шоир меҳнаткашонро тараннум мекунад, саҳми онҳоро дар ободонии давлат ва бахту саодати одамон васф мекунад. Фирдавсӣ ба кори деҳқоне, ки тамоми қишрҳои ҷомеаро ғизо медиҳад, баҳо дода мегӯяд, ки худи деҳқонон мекоранд, мерӯёнанд, ҳосил ҷамъ меёваранд ва нотовари мардум мебошанд. Бинобар ин аз касе таънаю куфр намешунаванд [106:24–26].

Бо ин андешаҳои шоири бузург розӣ нашудан мумкин нест. Шоир дар таронаҳояш ба меҳнат, меҳнатдустӣ, саъю кӯшиш ба меҳнат, ки асоси ҳаёти инсон ва дараҷаи баланди фаъолияти ӯро ташкил медиҳад ва ҳамзамон танбалӣ, бекоргардӣ, аз меҳнат дур шуданро, ки боиси бадбахтиҳо ва мусибатҳо мегардад, нишон медиҳад.

Фирдавсӣ муътақид аст, ки дар инсон ҳама чиз комил нест ва ӯ пайваста ба дониш, ҷаҳонбинӣ ва кор, яъне таълим ниёз дорад. Ин фикру мулоҳизаҳои гуманистии донишманди асримиёнагӣ ба талаботҳои педагогикаи муосир, ки дар онҳо ба тарбияи меҳнатии ҷавонон роли асосӣ гузошта шудааст, комилан мувофиқ аст.

Масъалаи интихоби касбу ҳунар ва шуғл варзидан ба онҳо аз доираи дидгоҳи Фирдавсӣ дур намондааст. Вай таъкид мекунад, ки инсон бояд

ба интихоби касб, ҳунар ва ё ягон навъи санъат хеле ҷиддӣ муносибат кунад, яъне шитоб накунад, то ки хато накунад. Шоир муътақид аст, ки инсон шуғле интихоб мекунад ва роҳи зиндагии худро бо ин интихоб муайян мекунад ва агар кор ба табъи хоҳиши ӯ бошад, шавқовар ва осон хоҳад гардид.

Аз ин рӯ, хулоса баровардан мумкин аст, ки донишҳои иқтисодӣ барои мардуми мо чизи нав набуда, балки онро дар ҳама намуди фаъолияташон, аз ҷумла дар самти тиҷорат, сохтмон, хоҷагии қишлоқ ва ҳамкориҳое, ки бо савдогарони дохилу хориҷи давлат ба анҷом мерасониданд, истифода мебурданд.

Баробари ба даст омадани истиқлоли худододи миллӣ, ки халқи мо интизораш буданд, мардум нерӯи тоза гирифта, баҳри тараққӣ додани иқтисодиёти кишвар икдом гирифтанд. Ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи маориф низ фаъолиятро бо истифода аз усулҳои муосир ва технологияи муосир ба роҳ монда, барои баланд гардонидани сифати таълим кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Бояд гуфт, ки муҳимтарин тақозои марҳилаи ҳассоси замони гузариш бевосита ба савияи донишу биниши фарҳанги иқтисодии мардумонамон, ба хусус иқтисоди бозорӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Гузашта аз ин, истиқлоли миллиро, ки такягоҳи асосиву умдааш худогоҳиву худшиносии миллист, бе дониши дақиқу амиқи фарҳанги иқтисодӣ ривоҷу равнақ доштанаш амрест бебарору икдомест бенизом.

Тавсияҳое, ки ниёгони мо нисбати интихоби касбу  ҳунар кардаанд, метавонем, дар фаъолияти кормандони имрӯзаи литсей истифода барем. Ҳадафмандона ташкилу баргузор намудани омодагии хатмкунандагон барои мутахассиси хуб гардиданашон  заминаи хубе хоҳад шуд.

Аз омӯзиши тадқиқотҳои олимони дар боло зикршуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки барои омода намудани мутахассисони хуб аз ҳисоби шогирдон якчанд паҳлуҳои ҳаёти иқтисодиро дар раванди таълим омӯхтанашон лозим аст.

Дар раванди таълими литсей ва муассисаи олии касбӣ мутахассиси хуб дар баробари дониши мукаммал ва маълумоти баланд доштанаш, инчунин дар амал татбиқ карда тавонистани донишро, яъне фаъолияти иқтисодиро иҷро карда тавонистанро аз худ менамояд. Зеро хатмкунандаи литсей дар баробари машғулиятҳои барномавӣ, боз иштироки якҷоя дар озмоишгоҳҳо ва саёҳат дар корхонаҳои саноатӣ донишу таҷрибаи ӯро ғанӣ мегардонад. Илова бар чунин таҷрибаҳо дар онҳо маърифати баланди иқтисодӣ ва фарҳанги иқтисодиро пайдо мекунонад. Дар раванди муттасилии таълим аз рӯйи барнома дар фаъолияти иқтисодӣ ҳамаи он талаботе, ки ба фарҳангу маданияти мардуми мо хос аст, истифода бурданро меомӯзад.

Омӯзиш ҳамчун фаъолияти муқаррарӣ ва зарурии инсон дар тамоми давраи зиндагиаш эътироф мегардад, яъне донишҷӯ ба ғайр аз барномаи таълимии омӯзонидашаванда боз илмҳои техникӣ, инчунин забонҳои гуногунро меомӯзад. Дар он сурат ӯ барои гирифтани ихтисоси нав имкон пайдо намуда, донишу малакаҳои қаблан гирифташудаашро метавонад, такмил диҳад.

Ҳангоми таҳлилҳои илмӣ, дидактикӣ, педагогӣ ва психологии адабиётҳо маълум мегардад, ки мушкилии истифодаи усули муттасилӣ дар таълим хуб омӯхта шудааст ва онро Райзберг Б. А. дар тадқиқоти олимон Б. Г. Ананева [10: 14–16], Е. Ф. Борисов [17: 10–11], [137], Ю.А. Сусская Л. С. [149:6–10], В. К. Розов [141:5–11], М. Н. Скаткина [146:19–24], А. И. Зеленков [58] , Е.И.Огарев [118: 12–20] дидан мумкин аст ва ба қатори онҳо олимони ватанӣ А. А. Раззоқов [139:3–11], М. Нугмонов [116:17–24] низ шомиланд. Олимони номбаршуда риояи муттасилиро дар дарсҳо, машғулиятҳои беруназдарсии муассисаи таълимӣ зарур шумоowидаанд.

Муҳаққиқон хусусиятҳои рушди илмӣ ва техникиро, ки бо омили инсонӣ алоқамананд, муайян намудаанд:

1) робитаи зич ва мунтазам афзояндаи илм бо истеҳсолот ба маърифатнокии мутахасисони оянда оварда мерасонад ва ба сатҳи таълим низ нақши босазое гузошта, инчунин ба такмили ихтисоси омӯзгорон талаботи муайяне мегузорад;

2) ба таври назаррас робитаҳоро дар системаи "илм - технология – истеҳсолот" таҳким мебахшад;

3) Барои рушди илмӣ-техникӣ як қатор талабот барои низоми маориф пешниҳод менамояд, яъне мутахассис барои мукаммал намудани донишу таҷрибаи худ пас аз хатми таҳсил низ бояд ҳамеша барои такмили ихтисос дар шаклҳои гуногун эҳтиёҷ дошта бошад.

Аз таҳқиқоти олимони дохиливу хориҷии кишвар хулоса баровардан мумкин аст, ки муттасилӣ ин раванде нест, ки гузаштаро инкор кунад ва онро барҳам диҳад, балки радкуниест, ки баъди такрор намудани гузашта ба нигоҳ доштани мусбат ба амал баровarda оварда мешаванд ва дар натиҷа ҳамоҳангии кухна ва навро ба вуҷуд меоварад.

Мушкилоти назаррас ин идомаи муттасилии таълими иқтисодӣ дар байни литсей ва муассисаи олии таълимӣ мебошад. Асоси илмии ҳалли масъалаи идомаи таҳсилоти иқтисодии навъҳои мухталифи муассисаҳо азнавсозии ҷараёни таълим тибқи фаҳмиши муосири талаботи дастрасӣ ба таълим мебошад. Дар байни барномаҳо, усулҳо, шаклҳои таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ҳоло ҳам тафовут боқӣ мондааст. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала, ба фикри мо, сохтани низоми муассисаҳои таълимии литсей - донишгоҳ мебошад, ки таҳсилоти муттасили иқтисодии донишҷӯёнро таъмин менамояд.

Шояд ин ба назар чунин расад, ки дар замони муосир истифода бурдани афкори иқтисодии қадимаи ниёгон ба рушди илмҳои бунёдӣ ҳеҷ як зарурат надошта бошад. Лекин маҳз ҳамин фарҳанги иқтисодӣ на танҳо барои мо, балки барои тамоми мардумон ва барои тамоми давру замон зарур аст. Зеро дар он фарҳанг ҳангоми тиҷорати молу маҳсулот, ба ростию садоқат дар муомилаи байни харидорон, изҳор кардани

камбудӣ ва ё айбе дар мол, дар баробари миқдори фойидаи худ миқдори фойидаи мизҷозро низ ба инобат гирифтан, то ки харҷҳо баробар шаванд.

Пандномаҳои аввалини асримиёнагии иқтисодӣ, ки барои мардумон, новобаста аз шуғли доштаашон ба бисёр фазилатҳои хуби инсонӣ ба монанди тарзу усулҳои тиҷорат, ҳиматбаландиву сариштакорӣ, ҷамъ овардани мол, амонатгузорӣ, пур кардани хазина, тақсими даромад, андӯхти амвол ва дигар миқдори зиёди бешумори тадбирҳои иқтисодиро шинос мекунад.

Барои омӯзиши фанни иқтисодиёт шинос намудани чунин маълумотҳо ҳамчун таълими муттасилӣ ба ҳисоб рафта, истифода бурдани онро барои аз худ намудани қоидаҳои барои тиҷорат зарурро метавон дар нақшаи таълимии фанни мазкур ҷой дод.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи мавзуъҳои фарогирандаи фанни иқтисодиёт дар фаъолияти рӯзмарраи мардумони куҳанбунёд пурра ва бо усулҳои фарқкунанда истифода мешуданд, аммо муҳиммияти онҳо дар он эҳсос мегарданд, ки барои иҷрои ҳар тадбирҳои иқтисодӣ, махсусан ҳангоми муоширát дар тиҷорат қоидаҳою амалҳои беҳтарини барои ҳар ду ҷониб манфиатовар ва қонеъкунанда ба амал бароварда мешуданд.

Дар замони имруза масъалаи муҳим ин худмуайянкунии касбии таълимгирандагони синфҳои болоии литсейҳо мебошанд, ки барои гирифтани маълумоти касбӣ талош меварзанд. Олимони зиёд айни замон дар таҳқиқу таҳлили ҳамин масъала машғул мебошанд. Онҳо ташкилу таълими муттасилиро дар зинаҳои таҳсилот яке аз муваффақтарин усули фаъолият бо хонандагони литсей ва донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳ меҳисобанд. Ин ҳам бошад, аз рӯйи барномаи муайяни таҳиягардида фароҳам овардани ташкили муттасилии таълим дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ба ҳисоб меравад.

Олимон қайд мекунанд, ки дар литсей низ таълим мазмуни таҳсилоти миёнаи умумӣ дошта, айни ҳол барои омодагии

хатмкунандаҳо ба самтҳои гуногун кам аҳаммият дода мешавад. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хатмкунандагонро барои дохил шудан ба донишгоҳҳои олӣ дар соҳаҳои гуногун бо омодагӣ равона намекунанд.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои кори худ олимон ба хулосае омаданд, ки аксари хатмкунандагон аксаран барои идомаи таҳсил омода нестанд, зеро онҳо коркард, таҳлил, интихоб ва эҷоди иттилооти навро намедонанд. Барои ҳалли ин масъала барномаи алоҳидаи омодасозии хатмкунандагонро тартиб додан лозим меояд, ки он фаъолияти ба таҳсилоти касбӣ нигаронидашуда дар маҷмуи литсей–донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин барномаи мазкур пайвастагӣ, таҳия ва қабули ҳадафҳо ва мундариҷаи муайяни таълимро ҳангоми омодашавӣ дар бар мегирад. Илова бар он дар байни нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ номувофиқатии мавзуъҳои китобҳои дарсӣ ва нақшаҳои таълимӣ ҷой дорад.

Олимони тоҷик Нуъмонов М., Разоққов Б. ҷиҳати бартараф намудани мушкилот дар роҳандозии муттасилии таълим дар байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ баррасии масъалаҳои ба ин масъала алоқамандро дар Шуроҳои илмиро ба мақсад мувофиқ донистаанд, зеро бо ин восита мутахассисон метавонанд аз маслиҳату тавсияҳои ҳамдигар баҳравар шаванд. Барои таълимгирандагони зинаҳои гуногуни таҳсилот гуногунранг будани нақшаҳои таълимиро низ таъмин кардан лозим аст.

Олими тоҷик Разоққов Б. дар дастури худ, “Тарзи амалӣ намудани муттасилии таълим аз фанни геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бахши аввали донишгоҳи омузгорӣ” қайд намудаанд, ки мувофиққунонии барномаҳои таълимии донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои эҷоди стандарти ягонаи таълимӣ замина хоҳанд гузошт. Аз ҳамин ҷиҳат ҳамкории байни кормандони маҷмуи

литсей-донишгоҳ дар ҳалли масъалаҳои муттасилии таълим  зарур аст. [139:3–11]

Таҷрибаи солҳои охир нишон доданд, ки хатмкунандагони  аз литсей ба донишгоҳ шомилгардида  дар муҳити   нави таълим таҷрибаи кофӣ надоранд.  Дар ин мавврид ҳайати наве, ки собиқ хатмкунандагони муасисаҳои  таълимии гушаю канори кишвар онро ташкил медиҳанд, ба зудӣ дар зинаи аввали донишгоҳ  барои донишазхудкунӣ машғул шуда наметавонанд. Барои баланд бардоштани сифати омодакунии мутахассисони оянда, ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои нав, аз он ҷумла, таҳияи барномаи самарабахши ташкили таълими амалии донишҷуён, ки дар асоси низоми муттасилӣ ба роҳ монда мешаванд, зарур аст.

Самаранокии ҳамкории байни таҳсилоти литсей ва  донишгоҳ аз  ҳалли масъалаи  мутобиқат доштани  стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ вобастагӣ дорад. Дар раванди таълими зинаҳои литсей ва донишгоҳ  барномаҳои таълимӣ  бояд  мавзуъҳои аввалини  нисбатан содаро дар бар гиранд. Ин мавзуъҳо ба воситаи гузаронидани мусобиқаҳои шавқовари  мазмуни иқтисодидошта, ки дар ҳаёти ҳаррузаи одамон  вомехуранд, шавқу ҳавас ва ҷалби донишҷӯёнро нисбати фан зиёд мекунад. Аз оғози таҳсил то давраи  зинаҳои баъдӣ дараҷаи донишазхудкунии таълимгирандагони соли аввали донишгоҳ ва хатмкунандагони литсей мавриди омӯзиши аъзоёни Шӯрои илмии донишгоҳ қарор мегирад.

Олимони Аврупо Л. С. Выготский [30:23–27], Е. Б.  Гершунский [34:24–31 ], С. Г. [Григорев 36:39],  низ қайд  мекунанд, ки мавҷуд будани баъзе сабабҳои объективӣ амалишавии мундариҷаи муттасилии таълимро дар зинаҳои литсей-донишгоҳ халалдор мекунанд. Бояд гуфт, ки мундариҷа ва раванди таълим дар литсей дар муқоиса ба таълими фан дар бахши аввали донишгоҳ аз ҷиҳати он, ки аз курсҳои аввал аз донишҷӯён малакаҳои таҳлили сода, маҳорати касбиро талаб мекунад, субъектҳои раванди таълимро ба таҷдиди дониш равона мекунад.

Бисёр олимон иброз медоранд, ки дар шароити ҳозира меъёрҳои таълими умумӣ ва касбиро ба ҳам мутобиқ кардан душвор аст. Лекин ташкили кор ва машғулиятҳо ба воситаи таҷрибаҳои амалӣ ва мушоҳидаҳои ҳам электронӣ ҳам сайёҳӣ метавонанд ба баланд гардонидани донишу таҷрибаи баланди хонандагони литсей ва ҳам донишҷуёни соли аввали донигоҳҳои олии иқтисодӣ мусоидат намоянд.

## 1.2 Моҳияти муттасилии таълими иқтисодӣ дар азхудкунии дониш ва худмуайянкунии касбии таълимгирандагони литсей

Муттасилӣ дар соҳаи маориф ҳамчун талаботи умумии педагогӣ ҳисобида шуда, робитаи зичи байни марҳилаҳои таҳсилот аз ҷумла, рушд ва инкишоф додани донишҳоеро, ки таълимгирандагон дар марҳилаҳои қаблии таълим аз худ намуда буданд, мефаҳмонад.

Бо ҳам мутобиқ намудани таълими фанни иқтисодиёт дар зинаҳои таҳсилоти литсей ва донишгоҳ ба хонандагону донишҷӯён на фақат мазмуни таълимро, балки шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои тарбия, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологии инкишофи ахлоқии шахсиятро меомӯзонад.

Ташкили ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот барои дар сатҳи зарурӣ зина ба зина омода намудани муттахасисони баландихтисос ва ба талаботи замон ҷавобгӯ расонидани донишу таҷрибаи онҳо саҳм мегузорад. Айни замон, набудани чунин ҳамкориҳо дар байни зинаҳои литсей ва донишгоҳ баръало ҳис карда мешавад ва меъёрҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ чандон дар доираи стандарти давлатии таҳсилот бо ҳам мувофиқ нестанд.

Олимон моҳияти муттасилиро дар тадқиқоти худ баррасӣ намуда, ба самтҳои асосӣ ва муҳими он диққат додаанд, аз ҷумла аҳаммияти муттасилӣ ва бартарии он дар муқоиса бо усулҳои мавҷуда, роҳҳои ташкили ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот, роҳу усулҳои баланд бардоштани маҳорату таҷрибаи иқтисодӣ; ба ҳам алоқаманд намудани мавзуъҳо ҳангоми таҳияи барномаи таълимӣ ва ғайра.

Пайвастагии зинаҳои гуногун дар таълими фанни иқтисодиёт барои беҳтар гардидани суръати донишазхудкунии хонандагону донишҷӯён ва таҳким бахшидан ба ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот таъсири калон мерасонад. Бисёре аз олимон хусусияти гуногунҷабҳаи пайвастагии омӯзишро таъкид мекунанд. Масалан, В. А. Милдон бар ин назар аст, ки “муттасилӣ метавонад ҳамчун намуна, ҳамчун талабот, ҳамчун шарт, ҳамчун талабот, омил, нақш, қойида, воситаи таълим ва ғайра амал кунад” [103:11–15].

Е. И Скаткина моҳияти мафҳуми муттасилиро дар таҳқиқоти худ баррасӣ намуда, самтҳои зеринро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст:

— муайян ва ошкор намудани аҳаммияти муттасилӣ дар таълим; омӯзиши мавқеъ ва нақши он дар раванди педагогӣ;

— ҷорӣ ва татбиқи масъалаҳои раванди муттасилӣ дар як фанни мушаххас, дар байни синфҳои гуногуни худи як муассисаи таълимӣ ва ниҳоят омӯзиши муттасилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ [146].

Бо ҳам алоқаманд намудани як фанни таълимии зинаҳои гуногун дар соҳаи маориф ҳамчун масъалаи умумии педагогӣ ҳисобида мешавад, ки робитаи байни марҳилаҳои раванди таълим ва дохили онҳоро таъмин месозад. Ҳамгироии таълим дар зинаҳои таҳсилоти литсей ва донишгоҳ бо мазмуни таълим, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои тарбия, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологии инкишофи ахлоқии шахсият, шароитҳои психологию педагогии ташаккули шахсиятро дар бар мегирад.

Ташкили муттасилӣ дар таълими иқтисодӣ муайян кардани фаъолияти ҳар як толибилм дар ҳар як зинаи таҳсилот, ташаккули дониши онҳо, натиҷагирӣ кардан аз нишондиҳандаҳои бадастовардашудаи онҳо дар ин марҳилаҳоро талаб мекунад. Зарур аст, ки роҳу усулҳои нави муосири таълими иқтисодӣ ва таҳияи нақшаҳои кори пешрафтаи ташкилию педагогӣ вобаста ба талаботи замони муосир муайян карда шаванд.

Танҳо кофӣ будани муттасилӣ дар раванди рушд метавонад, лаҳзаи пайвастшавии куҳна бо навро муайян созад, ки он ҳамчун як созандаи низоми тартиби мураккаб мебошад. Муҳтаво ва мавзуи идомаи кор тавассути таҳлили нуқтаи назари коршиносон муайян карда шуда, барои амалӣ намуданашон барнома ва нақшаҳо тартиб дода мешаванд ва он баъди таҳлили донишҳои назариявӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва илмии маълумот моҳияти худро пайдо мекунад.

Муттасилии таълим дар литсей ва донишгоҳ пеш аз ҳама идомаи талаботи давлат барои омода намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Барои ин мукаммал намудани мундариҷаи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз нигоҳи талаботи давлат ба фанҳои риёзӣ, умумии табиӣ, гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба нақша гирифта шудааст.

То ҳол дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ низоми анъанавии таълим амал мекунад, ки аз назарияи таълими Я. А. Коменский сарчашма мегирад. Низоми мазкур аз ҷиҳати ташкили раванди таълим низоми синфӣ-дарсӣ буда, мазмуну мундариҷаи он тавассути методҳои шарҳӣ-баёнӣ амалӣ карда мешаванд. Назарияи мазкур ҳанӯз дар асри XVII дар асоси талаботҳои дидактикӣ ташаккул ёфтааст.

Дар айни замон, ки давраи пешрафти илмию техникӣ ва гузариш ба зинаҳои баланди тараққиёти ҷомеаро фарогир аст, заминаро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, махсусан литсей ва мактабҳои олии иқтисодӣ тақвият додан лозим меояд. Аз ин лиҳоз, рушди бемайлони тафаккури иқтисодии донишҷӯён дар ҳоле, ки донишҷӯёну хонандагони муасиссаҳои таълимӣ аз роҳу усулҳои истифода аз шаклҳои гуногуни технологияи муосирро аз худ намудаанд, дар ҳама марҳилаҳо талаботи асосии фаъолияти низоми муттасилиро роҳандозӣ намудан осонтар мебошад.

Мушкилоти назаррас ин идомаи муттасилии таълими иқтисодӣ дар байни литсей ва муассисаи олии касбӣ мебошад. Асоси илмии ҳалли

масъалаи идомаи таҳсилоти иқтисодии навъҳои мухталифи муассисаҳо азнавсозии чораёни таълим ба ҳисоб меравад.

Дар байни барномаҳо, усулҳо, шаклҳои таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ҳоло ҳам тафовут боқӣ мондааст. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала, ташкили ҳамкории байни зинаҳои таҳсилот сохтани низоми муассисаҳои таълимии литсей-донишгоҳ мебошад, ки таҳсилоти муттасилии иқтисодии донишҷӯёнро таъмин менамояд.

Мувофиқати усули таълим ба хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён ба мо имкон медиҳад, ки муттасилии таълимро дар байни литсей ва муассисаи олии касбӣ ба роҳ монем ва фарқияти сатҳи гуногуни таҳсилро бартараф созем.

Барои ҳар як намояндаи насли оянда имкониятҳо ва дурнамоҳо нисбат ба пешгузаштаи ӯ бештар кушодаанд. Тасодуфӣ нест, ки олими машҳур И. Нютон иброз доштааст, ки вай нисбат ба дигарон дар илм фақат барои он дуртарро мебинад, ки ба бузургони гузашта такя мекунад.

Таълими муттасил дар низоми литсей–донишгоҳ барои он мувофиқтар ҳисобида мешавад, ки баъди дар ин раванд таҳсил намудан, дохил шудани онҳо ба донишгоҳҳои олии касбӣ нисбатан осонтар мегардад. Ин ҳам дар сурате амалӣ гардиданаш имкон дорад, ки агар дар худи зинаҳои поёнӣ, яъне литсейҳо низ хонандагон дар асоси озмун ва бо риояи шаффофият қабул карда шаванд.

Барои ба танзимдарории таълими босифати иқтисодӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва мукаммалгардонии дониши таълимгирандагон ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилот мавқеи асосиро ишғол мекунад, ки мутаассифона айни ҳол чунин ҳамкориҳо дар байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, лоақал литсейҳо ва донишгоҳҳои олии касбӣ вуҷуд надоранд.

Барномаи таълимӣ, ки фарогири мавзуъҳои фанни таълимӣ дар ҳар ду зинаи таҳсилот мебошанд, таҳия нагардидааст. Яъне мутобиқ набудани методикаи таълими фанни иқтисодиёт дар зинаҳои таълим, инчунин мукаммал гардонии мавзуъҳо бо мисолҳои амалии рӯзмарра ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ бисёр муҳим аст. Айни ҳол мавзуъҳо душворфаҳм ва дар кадом маврид татбиқ шудани онҳо номуайян боқӣ мемонанд.

Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони тоҷик, ки 18 - уми марти соли 2020 баргузор гардида буд, чунин ибрози андеша намуданд:“Хусусиятҳои хоси ҷаҳони муосир мушкилоти илм ва фаъолияти илмиро ба миён овардаанд, ки ҳалли онҳо диққати махсус ва андешидани чораҳои саривақтиро талаб мекунанд. Дар робита ба ин ман таъкид мекунам, ки мо бояд ба рушди илмҳои бунёдӣ ва дақиқ диққати ҷиддӣ диҳем, таҳқиқоти илмиро ба эҳтиёҷоти хоҷагии халқ мутобиқ созем, афзалияти тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва таҳкими нерӯи зеҳниро аз нав дида бароем” [124:**24-34**].

Усули муттасилии таълим ба воситаи идомаи таҳсил дар зинаҳои таҳсилот яке аз тадбирҳое мебошад, ки донишу малакаи хонандагону донишҷӯёнро зина ба зина пурра ва мукаммал менамояд. Дар ин раванд барои дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани таълими фанни иқтисодиёт ва замина гузоштан барои омодашавии муттахасисони ба бозори меҳнат рақобатпазир имконияти мусоид фароҳам меояд.

Пайваст намудани омӯзиш дар таълим ин маънои ташкили робитаи зарурӣ ва муҳими байни қисмҳои бо ҳам алоқаманди мавзуъҳои барномаҳои таълимӣ дар марҳилаҳои гуногуни омӯзишро ифода менамояд. Мураттаб, пай дар пай ва ҷо ба ҷо гузоштани мавзуъҳои таълимии бо ҳам алоқаманде, ки бо нигоҳ доштани чизи куҳнаи навро тақвиятдиҳанда мукаммал мегарданд, ба таълим самара мебахшад.

Омӯзиши фанни иқтисодиёт бо ҳамгироии зинаҳои таълим имкон фароҳам меоварад, ки хатмкардаҳои литсей аз ҷиҳати доштани илмҳои мухталиф дар муқоиса ба хатмкардаҳои шаклҳои дигари муассисаҳои таълимӣ бартарӣ пайдо намоянд. Дар ин маврид хатмкардаи литсей ва донишгоҳ метавонанд, дар худ сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, эҷодкорӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагиву бунёдкориро пайдо намояд.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои ахбор (интернет, телевизион ва ғайра) танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя нест. Дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии наврасону ҷавонон ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад.

Мундариҷаи таълим барои фанни мазкур, ки бо маводҳои ҷолиб ва мавзуъҳои бо онҳо алоқаманд пурра ва мукаммал гардонида мешаванд, ҷиҳати беҳтар гардонидани донишу таҷрибаи хонандагону донишҷӯён нақши калидӣ мебозад, яъне тағйири муносибат ба таълим тақозои замон буда, бо ворид гардидани маълумоти наву саҳеҳ ва истифодаи онҳо сифати таълим баланд гардида, натиҷаҳо низ беҳтар мегарданд.

Мазмуни анъанавии таълим дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ дигар ҷомеаро қонеъ намекунонад. Дар ин шакли таълим, ки ҳанӯз аз солҳои аввали ташкилшавии собиқ Иттиҳоди шуравӣ дар муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун роҳандозӣ мешуд, бо сабаби якранг будан ва пайи ҳам такрор шуданашон таваҷҷуҳи таълимгирандагонро ҷалб накарда, баръакс боиси аз худ нашудани барномаҳои таълимӣ мешаванд.

Дар ҳоле, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои рӯй ба инкишоф қарор дорад, мутахассисони дар он фаъолияткунанда бояд дорои касбияти баланди иқтисодию фарҳангӣ бошанд. Аз ин рӯ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои таъмини кадрҳои баландихтисосро дар ҳама гуна самтҳо, аз ҷумла таълими муайяни

соҳибкорӣ, роҳбарӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва технологӣ, донистани забонҳои хориҷӣ ва омодагии эҳтимолӣ барои идоракунии тиҷорати хурдро, ки соҳаи сердаромад аст, рушд медиҳад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонида, тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонанд. Дар ин доира бо мақсади ба меъёрҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардондани низоми таҳсилоти миллии кишвар ва ҷорӣ намудани муносибатҳои нави таълим дар таҳсилот тадбирҳои мушаххас ва судманд меандешанд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, №28 Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023 дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [90] қабул гардидааст, яке аз тадбирҳое мебошанд, ки барои рушд додани омӯзиши фанҳои иқтисодӣ, баланд гардонидани маърифати иқтисодӣ, фарҳанги иқтисодӣ дар ҷомеа равона гардидааст.

Консепсияи мазкур аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба омӯзиш дар тамоми тули ҳаёт, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, сарчашма мегирад. Дар ин асно вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътибор гирифта шуда, ба ғояҳои таҳсилоти кушода ва муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф такя мекунад. Чунин таҳлилҳо дар баробари барномасозии корҳои таълиму тарбия муттасадиёнро водор менамояд, ки ба ташхиси муайянкунии сифати фаъолияти корҳо дар зинаҳои муайян таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Баъди аз худ намудани барномаи таълимӣ дар зинаи қаблӣ хулосабарорӣ карда мешавад, ки боз барои инкишоф додани омодагии касбӣ чиҳо лозиманд ва барои бомуваффақият гузариш намудан ба зинаҳои баъдӣ кадом корҳоро бояд анҷом дод? Алаккай муайян мегардад, ки маҷмуи кадом тадбирҳо ва чорабиниҳо барои амалӣ намудани гузариши муттасилӣ аз як зина ба зинаи дигар лозим хоҳад шуд.

Таҳсил чуноне, ки дар боло қайд гардид, дар як зина ба анҷом нарасида, давра ба давра аз рӯйи як нақшаи муайяни ҳамаи зинаҳоро фарогиранда идома меёбад. Муҳим будани раванди мазкур дар он аст, ки хонандаи литсей давоми таҳсилашро дар донишгоҳ бо истифода аз маълумотҳои ба даст овардааш идома медиҳад.

Ҳоло ҳарчанд, ки тағйири сифати таълим ба назар расад ҳам, лекин дар муассисаҳои таълимӣ айни замон интихоби касб аз ҷониби хатмкунандагони литсей ба дараҷаи зарурӣ ба анҷом расонида намешавад. Сабабҳои асосии ин норасоиҳои дар муассисаҳои таълимӣ мавҷудбуда инҳоянд:

— таваҷҷуҳи нокифоя доштан ба интихоби касби хатмкунандагон;

—санҷида ногирифтани мувофиқатии сатҳи дониши хатмкунанда ба касби интихобшуда;

— таҳияи нокифояи методологияи омӯзиши муттасилии таълим дар зинаҳои таҳсилот ҳамчун воситаи омодашавии мутахассисони ба бозори меҳнат рақобапазир;

— новобаста аз хоҳиши худи хонанда амалӣ шудани интихоби касб.

Дар раванди муттасилии таълим хатмкунандагон ба он ноил мегарданд, ки барои онҳо дар рафти омодагӣ интихоби касб аз рӯи нақша суръат гирифта, ҳамзамон дар ин маврид онҳо ба касбомӯзӣ ҳамроҳ мешаванд ва худро дар ҳаёт ҳимояшуда эҳсос мекунанд. Дар ин самт бо усулҳои муосир ва бо истифодаи семинарҳо, бозиҳои корӣ,

озмунҳо, мусобиқаҳое, ки мазмуни иқтисодӣ доранд, суръат бахшида мешавад;

Дониши худро хатмкунандагон дар машгулиятҳои беруназлитсейӣ, яъне дар донишгоҳ бо гузаронидани таҷрибаҳо такмил медиҳанд;

Сифати таҳсилот дар шароити интихоби озоди маводҳои таълимию методӣ ва барномаҳои иқтисодӣ аз ҷониби муаллим таъмин карда мешавад;

Шаффофияти баҳогузорӣ барои баҳодиҳии донишҳои иқтисодии хонандагон ва донишҷӯён таъмин мегардад;

Барои ба муассисаҳои олии касбии кишвар дохил шудан довталабонро зарур аст, ки тариқи маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санҷишҳо гузаранд. Ин яке аз беҳтарин имкониятҳо барои хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла литсейҳо ба ҳисоб меравад. Барои ин дониши мукаммали аз рӯи фанҳои таълимӣ гирифтаи онҳо муҳим мебошад, зеро саволномаҳои тестӣ ва мисолу масъалаҳои дар имтиҳонҳои марказонидаи маркази тестӣ пешниҳодгардида дар доираи барномаи таълимиии фанҳои таълимӣ тартиб дода мешаванд, лекин мақсад дар он аст, ки барои мутахассиси дорои маҳорати баланди касбӣ гардидан, онҳо бояд аз рӯйи барномаи таҳрезидашудаи дохилшавӣ дар раванди таълими муттасилӣ ба донишгоҳ омодагӣ бигиранд.

Тадбири андешидашуда имконият медиҳад, ки дар баробари аз худ намудани донишҳо, аз ҷумла донишҳои иқтисодиро дар шакли лозимӣ аз худ намуда, дар идомаи таҳсили ояндаашон, яъне дар зинаи аввали донишгоҳ монеаҳоро эҳсос намекунанд.

Баландбардории сифати таълим ва таълими пешрафтаи илм бояд нисбат ба иқтисод зудтар рушд кунад. Агар баланд бардоштани маҳорати омузгор ва дар ниҳоят беҳтаркунии истеъдоди баланди донишазхудкунии таълимгирандагон муяссар гардад, он гоҳ шумораи

кормандони баландихтисос дар ҳамаи соҳахо меафзояд ва микдори маҳсулоти дар бозори ҷаҳон рақобатпазир низ зиёд мешавад.

Моҳияти муттасилии таълим дар зинаҳои таҳсилот фароҳам овардани рақобатпазирии донишу таҷрибаи хатмкунандагон – мутахассисони ояндаро ифода мекунад. Мафҳуми рақобатпазирии мутахассис, дараҷаи кофии дониш ва маҳорати зеҳнии баланд доштани ӯ ба ҳисоб меравад. Мавҷуд будани ин натиҷаҳо барои иҷро гардидани меъёрҳои арзёбии таълими иқтисодӣ хонандагон ва донишҷӯён дар зинаи баъдии литсей-донишгоҳ замина мегузорад.

Барои дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисони оянда литсей уҳдадор аст, нақшаҳои зеринро ба анҷом расонад:

— донишро пурра ва мукаммал расонад, қонунҳо, адабиётҳо, барномаҳоро дар соҳаҳои илмҳои табиӣ-илмӣ ва касбӣ татбиқ намояд ва қабули қарорҳое, ки пешрафти нақшаро таъмин мекунанд, ба роҳ монад;

— ҳалли масъалаҳои иқтисодии умумибашарии вобаста ба касбияти ба хонанда содаю фаҳмо ва дар ҳаёт рӯзмарраро истифода намояд;

— қарорҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшударо омӯзад ва риоя намояд;

Муносибати муттасилӣ дар таълим бо он оварда мерасонад, ки моҳияти талаботи зарурӣ нисбати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯён, васеъ намудани дониш ва ҷаҳонбинии онҳо дар тамоми фаъолияти зиндагӣ роҳнамо гарданд.

Пешвои миллат–Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин нуқтаро дар паёми навбатиашон ба аъзои Маҷлиси миллӣ қайд карда таъкид карда чунин баён доштанд: “Насли ҷавони кишвар, ки ояндасози миллат маҳсуб меёбад, бояд на танҳо ихтисосманди ба бозори меҳнат рақобатпазир буданро доро бошад, балки донандаи забонҳои маъмули ҷаҳон бошанд ва аз техникаву технологияи муосир маълумоти кофӣ дошта бошанд” [124:**30-35**].

Дар давраи рушди босуръати иқтисодиёти кишвар барои хонандагон ва донишҷӯёни дар раванди таълими муттасилӣ таҳсилкунанда доштани маҳорати зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ, маънавӣ ва сарфаҳм рафтан ба маҳорати азхудкунии таҷрибаи кордонӣ дар корхонаҳо, аз ҷумла интихоби ихтисосмандони хуб, ки донишу таҷрибаи баланди корӣ доранд, доштани маҳорати ҷамъоварӣ ва истифодаи нерӯи илмию техникӣ ва фарҳангӣ таваҷҷӯҳ дошта бошанд, зарур аст.

Ташкили ҳамоҳангсозӣ ва қонеъгардонии ниёзҳои давраи ҳозира ва ояндаи таълимии ҷомеа ба тартиби қаблӣ алоқамандии зич дорад ва аз байн бурдани баъзе нуқсонҳои ба низоми маориф хосро дар бар мегирад. Мақсади ниҳоӣ ин аст, ки таълимро хонанда ва донишҷӯ бояд на танҳо барои як давраи кӯтоҳ гиранд, балки дониши гирифтаи худро дар давраҳои баъдӣ низ такмил дода, амалӣ карда тавонанд.

Ин мавзуъҳо дар барномаи таълимии фанни иқтисодиёти синфҳои 11 дохил буда, ба хонандагон омӯзонида мешаванд ва ба тарзҳои гуногуни муносибатҳои соҳибкорӣ, нархгузорӣ, истеҳсоли мол, иқтисоди бозорӣ, рақобатпазирӣ, маҳдудиятҳо ва ғайра шинос карда мешаванд.

Ҳанӯз баъди истиқлолияти комилро ба даст овардани ҷумҳурӣ роҳи наҷот аз бухронҳои шадиди иқтисодӣ интихоби ҳал намудани ҳадафҳои амниятӣ ба шумор мерафтанду амнияти иқтисодии кишварро таъмин менамуданд. Айни ҳол бошад, баъди муваффақияти комил ба даст овардан дар иҷрои ҳадафҳои стратегӣ: таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ бахшидани кишвар аз бумбасти коммуникатсионӣ боз ҳадафи дигар – саноатикунонии босуръати кишвар ва ҳамзамон бо мутобиқ намудани меъёрҳои дохилии иқтисодӣ ва бисёр барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва танзими ҳуҷҷатҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам омад нақшаи гузаштан аз марҳалаи аграрӣ-саноатӣ ба марҳалаи саноатӣ-аграрӣ қабул гардад, ки ин ба таъмин намудани дараҷаи баланди некӯаҳволии мардуми кишвар равона гардидааст.

Қайд бояд кард, ки айни замон омӯзгорони литсей ва ба натиҷаи нишондиҳандаҳои хонандагони муассисаҳои худ ва омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ бошанд, ба натиҷаи кори донишҷӯён дар зинаи худ мушоҳида мебаранд. Вале ба ҳолати аз зинаҳои поёнӣ то ба боло дар ҳамкорӣ бурда расонидани мутахассиси оянда ягон нафар таваҷҷуҳ зоҳир наменамояд. То ҳол барномаи ягонаи таълимии омодакунии хонандагон аз зинаҳои қаблӣ то ба зинаҳои баъдӣ вуҷуд надорад, яъне таҳлили фаъолияти таълимӣ ҳам барои донишҷӯён ва ҳам барои хонандагони литсейҳо дар алоҳидагӣ ба анҷом расонида мешаванд.

Дар давраи рушди иқтисодиёти мамлакат ва дигаргуниҳои иқтисодиву иҷтимоиии ҷаҳон танҳо таълими босифат ва натиҷаҳои самарабахш метавонад сафи кормандони баландихтисосро зиёд гардонад. Лекин барои тағир додани роҳу усулҳои нави таълим ҳамкории командони зинаҳои таҳсилот зарӯр аст.

Ҳамин тариқ, ҳадафҳои тайёр кардани мутахассисон дар низоми литсей– донишгоҳ ин тарбияи мутахассиси ҳамаҷониба ташаккулёфта, ки мутобиқи талаботи замони муосир, фаъолияти эҷодии касбӣ ва рушди мустақилонаи худро доранд, маҳсуб меёбанд. Дар мадди аввал дастури асосӣ доир ба тайёр намудани наврасоне, ки қобилияти ҷисмонии солим, ахлоқи ҳамида ва фаҳмиши эстетикӣ дошта, маълумотнокӣ, кордонӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва қобилияти зеҳнии ташкилӣ ва идоракунӣ дорад, ҳадафнок аст. Татбиқи ин ҳадаф дар сатҳҳои гуногуни таълими иқтисодӣ хусусиятҳои худро дорад. Масалан дар литсей омода кардани як хатмкунанда бо дорои ҳама гуна хислату рафтор, фарҳанг, дониш ва малакаҳои гуманитарӣ барои таҳсили минбаъда замина мегузорад.

Ҳадафи донишгоҳи иқтисодӣ бошад, аз он иборат аст, ки малакаю маҳорат, қобилиятҳои эҷодӣ ва донишҳоеро, ки донишҷӯён ҳангоми таҳсил дар литсейҳо гирифтаанд, рушду инкишоф диҳад ва барои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолият намудан омода шаванд.

Нашр ва таҳияи ҳуҷҷатҳои методӣ, барномавӣ, таълимӣ дар рушди қобилиятҳои эҷодии муаллимони литсей ва донишгоҳ мавқеи муҳим дорад. Илова бар ин ҳамкориҳои судманди омӯзгорони литсею донишгоҳҳои ҷумҳурӣ, махсусан дар семинару конференсияҳои умумишаҳрӣ ва умумиҷумҳурӣ баромад намудану муаррифӣ намудани усулҳои беҳтарини таълим омили такмил додан ва омезиши ҳуҷҷатҳои таълимӣ-барномавӣ ва методӣ мебошад, ки онҳо барои таълими босифати фанҳо ҳам дар донишгоҳ ва ҳам дар литсей шароит фароҳам меоварад. Асоси ташкилии раванди муттасилӣ сохтори тарбияи мутахассисон мебошад, ки якчанд сатҳи мукаммал, пайдарпай ва ба ҳам алоқаманди иқтисодиро дар бар мегирад.

Сатҳи аввал таҳсилоти миёнаи умумӣ дар зинаи маълумоти миёнаи пурра дар литсей мебошад. Омӯзиш тибқи нақшаҳои литсейҳои таълимии ба ҳам алоқаманд вобаста ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ сурат мегирад. Ба хатмкунандагони литсей шаҳодатномаи давлатии маълумоти миёнаи умумӣ ва шаҳодатномаи маълумоти касбӣ дода мешавад.

Сатҳи дувум таҳсили касбии иқтисодӣ дар сатҳи маълумоти миёнаи касбӣ дар литсейҳои касбӣ, коллеҷҳо ва инчунин курсҳои махсуси донишгоҳ мебошанд. Омодасозии мутахассисон тибқи нақшаи таълимии литсей ва донишгоҳ аз рӯи ихтисоси иловагии маълумоти олии касбӣ, ки ба таҳсилоти миёнаи касбӣ монанд нест, сурат мегирад. Ҳамин тариқ, литсей дар раванди таълими муттасилии литсей–донишгоҳ бо мундариҷа ва тарзи ташкили кор такони бузургеро ба миён меоварад, яъне сатҳи таҳсилоти миёна ва олии касбиро омезиш медиҳад.

Ба роҳ мондани раванди муттасилӣ дар маҷмуи литсей–донишгоҳ ба мо имкон медиҳад, ки маводи таълимиро аз маълумоти умумӣ то сатҳи маълумоти олӣ бидуни нест кардани вазифаҳои ниҳоии ҳар яки онҳо дақиқ ва пайдарпай созем. Илова бар ин, фаъолияти чунин тарзи кор на танҳо ба ҳамгироии сохторҳои таълимии касбии таълими иқтисод

(литсей ва донишгоҳ) ва табдил додани ҳамаи намуди муассисаҳои таълимӣ ба як муассисаи бисёрсоҳавии робитаи илмидошта мусоидат менамояд, балки барои тағйирпазирии татбиқи якхелаи барномаҳои таълимии касбӣ дар муассисаҳои таълимии намудҳои мухталиф ҳамчун намуна мусоидат хоҳад намуд.

Нишон дода шудааст, ки тағйирпазирии мундариҷа ва муҳлати таълими иқтисодии донишҷӯ дар доираи раванди литсей–донишгоҳ бо назардошти зинаҳои қаблӣ, мукаммалгардонии донишҳои тахассусӣ дар низоми таълими давомдори касбӣ, тарбияи мутахассисро бо сатҳи баланди касбӣ ва рушди зеҳниии он таъмин менамояд. Гузариши бефосила аз таълими миёнаи махсус ба таҳсилоти миёнаи касбӣ дар маҷмуъ тавассути курсҳои бозомӯзӣ дар мактабҳои махсуси таҳсилоти иловагии касбӣ сурат мегиранд.

Дар таълими фанни “асосҳои иқтисодиёт”хонандагони литсей аз рӯйи барномаи пешниҳоднамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҳои иқтисодиро аз худ менамоянд.

Китоби мазкур барои ҳонандагон асосҳои фаъолияти соҳибкориро меомӯзонад, ки барои таълими муттасилӣ дар байни литсейҳо ва донишгоҳҳо мувофиқ аст. Зеро то давраи ба донишгоҳҳои олии иқтисодӣ дохил шудани хатмкунандаи литсей онҳо аз бисёр мафҳумҳо ва амалиётхои иқтисодӣ бархурдор мегарданд.

Шароити мавҷуда талаб менамояд, ки мутахассисони оянда мувофиқи барномаи таълими муттасил омодашавиро зина ба зина гузаронида, донишу таҷрибаҳои худро мукаммал менамоянд.

Барои рушд додани раванди муттасилии таълим дар фанни иқтисодиёт мо барномаи таълими муттасилиро дар маҷмӯи литсей-донишгоҳ пешниҳод менамоем. Хотиррасон менамоем, ки дар барнома, инчунин нақшаҳои таълимиии ҳар ду зинаи таҳсилот аз фанни иқтисодиёт бо назардошти муттасилии таълим дохил карда мешаванд.

**Барномаи таълими муттасилӣ дар маҷмуи литсей – донишгоҳ**

1. **Соҳаи татбиқи муттасилии таълим ҷиҳати амалӣ сохтани омӯзиши фанни иқтисодиёт дар зинаҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишгоҳ:**.

Муқаррароти умумӣ

1.1 Барномаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими фанҳои иқтисодӣ ва бо ҳамин восита беҳбуд бахшидан ба омодагии хонандагони литсей ва донишҷӯёни соли аввали муассисаҳои олии касбӣ равона гардидааст;

1.2 Барнома ба китобҳои дарсӣ, маводҳои санҷишӣ ва дигар дастури таълимии фанни иқтисодиёт мутобиқ кунонида шудааст;

1.3 Муассисаҳои олии касбӣ, донишкадаҳо ва марказҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ аз ҷониби мутахассисон бандҳои барномаро ба инобат мегиранд;

Мутахассисони фанни иқтисодиёт, масъулони таҳия ва коркарди барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ вобаста ба содафаҳм намудани мавзӯъҳои фаннӣ ва сифати баланди нашри онҳо масъул мебошанд;

Саволномаҳо, супоришҳо ва тестҳо барои санҷидани дониш, малака ва маҳорати хонандагону донишҷӯён дар асоси барномаи мазкур омодагӣ мегирдад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳияи барномаи муттасилӣ дар маҷмуи литсей – донишгоҳ:**

Иқтисодиёт дар системаи маърифатии инсон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ин фан аз он ҷиҳат муҳим аст, ки мавзуи омӯзишии худро сохторҳои асосии ҳаётӣ қарор дода, муносибати микдории оламро таҳлилу таҳқиқ менамояд.

Иқтисодиёт ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон алоқаманд буда, новобаста аз дониши иқтисодӣ доштану надоштани онҳо татбиқ карда мешавад, аммо бо кифоя набудани дониши иқтисодӣ мушкилиҳои ҳаррузаи инсон,

ки бештар бо донистани фаҳмиш ва шарҳи ахбори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ вобаста аст, мушкилиҳои дигар пеш омада, фаъолияти амалии ҳамарӯзаи инсон, натиҷаи зарурӣ намедиҳад. Иқтисодиёт дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хатмкунандагон донишҳои аввалини иқтисодиро дода, ба онҳо мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳои ҷудогонаро шинос менамояд, ки онҳо ҳиссае аз хазинаи маърифати умумиинсониро ташкил медиҳанд.

Фанни иқтисодиёт ба фанҳои математика, химия, физика, забони англисӣ, технология ва дигарҳо алоқамандӣ дошта, бевосита бо истифодаи онҳо ҳадафҳо низ амалӣ карда мешаванд.

Барои таълими фанни иқтисодиёт муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсей) зинаи аввал ба ҳисоб рафта, аксаран барои ҳар як мавзуи фан мисолҳои дар ҳаёт истифодашаванда илова карда мешаванд. Тавсифи тасаввуроти дуруст дар бораи табиати фанни иқтисодиёт, муносибати байни ҳодисаҳои воқеӣ ва идеалӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии онҳо мусоидат мекунанд. Дар ин самт вазифаи асосӣ инкишоф додани тафаккури мантиқии толибилмон мебошад. Он ба пурра намудани ҷаҳонбинӣ тақвият бахшида, муносибати байни воқеият ва таҳайюлот, тавсифи амалҳои иқтисодии дар ҳаёти ҳамарӯза дучорояндаро таҳлилу тавсиф менамояд.

Омодагии иқтисодии хонандагонро мақсадҳои зерини таълими ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян месозад:

а) мукаммал будани дониши математикӣ;

б) ташаккули тафаккур, ки барои фаъолияти ҳамаҷонибаи шахс зарур мебошад;

в) фаҳмидани он, ки иқтисодиёт яке аз он фанҳои пешбарандаи обрую нуфузи ҳар як давлату миллат мебошад.

Иқтисодиёти синфҳои 10 –11ҷузъи таркибии иқтисодиёти умумӣ буда, аз маҷмуи мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳо ва амалиётҳои иқтисодӣ иборат мебошад.

Талаботҳое, ки ҳангоми фаъолият намудан омӯзгорон онро иҷро менамоянд:

— Барои шавқовару диққатҷалбкунанда баргузор намудани дарсҳои фанни "Асосҳои иқтисодиёт" маводҳои зарурӣ ва маълумотҳои иловагии тақвиятдиҳандаи сифати дарсро омӯзгор ба гуруҳи назоратӣ пешниҳод менамояд.

— Бо риояи тартиби салоҳиятнокӣ қисматҳои дарсро дар нақшаи дарсӣ инъикос менамояд.

— Бо иштироки хонандагон эҷодкориҳои ба мавзуъ алоқамандбударо дар дарс васеъ истифода мебарад.

— Дар охири чорякҳо ва рейтингҳои соли таҳсил тағйирёбии сифати таҳсилот аз рӯйи раванди муттасилиро ба қайд мегирад.

— Таъмини китобҳои дарсии зинаи аввал (хонандагони литсей) ва зинаи баъд (донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳ) - ро зери назорат мегирад.

— Маводҳои тарғибкунандаи шабакаҳои телевизиониро, ки муаррифии молу маҳсулот ва фаъолияти шахсони касбу кори гуногунро намоиш медиҳанд, ба қайд мегирад.

— Мизи мудавварро бо иштироки хонандагони литсей ва донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳ дар атрофи мавзуъҳои иқтисодӣ ба нақша мегирад.

— Имкониятҳои тахтаи электрониро барои истифодаи хонандагону донишҷӯён ҷиҳати баланд бардоштани донишҳои иқтисодӣ фароҳам меорад.

— Иштирокро ба дарсҳои омӯзгорони ботаҷриба (номзадҳои илм, докторон) бо мақсади баланд бардоштани таҷрибаи педагогӣ зиёдтар ба анҷом мерасонад.

— Иштироки хонандагони литсей ва донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳро ба корхонаҳои калони саноатӣ, марказҳои калони савдо ва дигар маконҳои истеҳсолӣ таъмин менамояд.

— Дар таҳияи барномаи таълимӣ ва нақшаҳои таълимӣ фаъолона ширкат менамояд.

— Ташкили озмуну мусобиқаҳои ҷанбаи иқтисодидоштаро барои машғулиятҳои фаннӣ ба қайд мегирад.

— Намоиши лоиҳаҳои эҷодии хонандагон (донишҷӯён) - ро дар мавзуъҳои иқтисодӣ ташкилу баргузор менамояд.

— Таъсиси воҳидҳои корӣ пеш аз оғози таълими муттасилӣ ҷиҳати назорат, таҳлил ва баррасии натиҷаҳои бадастовардашуда роҳандозӣ мекунад.

**1.3 Асосҳои муайянсозии дараҷаи донишҳои иқтисодии хонандагону донишҷӯён дар раванди таълими муттасил.**

Арзёбии дониш қисмати зарурии ҷараёни таълим буда, рушди донишазхудкунии таълимгирандагон аз баланд бардоштани самаранокии ин раванд ва аз тарзи дурусти ташкили натиҷагирӣ ва муайянкунии натиҷаи онҳо вобастагии калон дорад. Ҳамзамон, баъди таъмини босифати раванди таълим, ба натиҷаи фаъолият ва самарабахшии он дар ҷараёни таълим диққат дода мешавад.

Агар ба нақшаи таълимии муассисаҳо, аз ҷумла литсейҳо аҳаммият диҳем, дар низомномаҳои намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсею гимназияҳо возеҳу равшан нишон дода шудааст, ки аз бисёр фанҳо, аз ҷумла дар фанни иқтисодиёт бо мақсади муайян намудани дониши хонандагон, санҷишҳои шифоҳӣ, санҷидани дониши тестӣ, (дар марказҳои тестӣ) санҷишҳои хаттӣ, иншоҳо ба нақша гирифта шудаанд.

Санҷишҳои дохилилитсейӣ низ бо мақсади муайян намудани сатҳу сифати дониши таълимгирандагон дар охири ҳар як чоряк муайян карда шуда, таҳлилҳо гузаронида мешаванд. Хонандаи литсей ба ҳамаи тартибот ва ё шакли санҷишҳои дар ин зинаҳо доиршаванда бояд ба хубӣ шинос бошад. Аз тарафи дигар, санҷиш бояд аз тарафи мутассадиён

шаффоф ва ҳадафмандона сурат гирад. Ана дар ҳамин мавриди таълимгирандагон, омӯзгорони фаннӣ ва падару модарони шогирдони онҳо аз натиҷаи дурусти санҷиши бадастомада огоҳӣ пайдо намуда, барои пешравӣ саъю кушиш мекунанд.

Дар донишгоҳҳо бошад, тариқи кредитӣ  санҷидани дониши донишҷуён ба роҳ монда шудааст, ки  бо ҳамин восита ҳам натиҷаи санҷишҳо муайян карда мешаванд ва  ҳам ба донишҷуёне, ки  холи нокифоя ба даст овардаанд, супоришҳои такрорӣ супорида мешаванд. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада дар Шурои ҳамоҳангсози раванди муттасилии литсей-донишгоҳ баррасӣ гардида, натиҷаи чорякҳо бо иштироки муттахассисони зинаҳои таҳсилот  таҳлил  карда мешаванд.

Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ба сифати дарсҳо ва ба  рафти санҷиши донишазхудкунии хонандагону донишҷӯён тибқи меъёрҳои муайяншудаи дар муассиса тасдиқгардида баҳогузорӣ мекунанд.  Бо назардошти талаботи ҷомеаи навин  аз омӯзгорон ташкили  дарсҳо  бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим ва технологияи муосир талаб карда мешавад. Натиҷаи дониши донишҷуён дар  охири нимсолаҳои ҷамъбастии соли таҳсил ва дониши хонандагон дар чорякҳо  санчида шуда,  мавриди таҳлил қарор мегиранд ва баҳоҳо  муайян  карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки  масъалаи  таҳияи  назорати меъёри баҳо ба донишу малака ва маҳорати  хонандагону донишҷӯён  аз фанҳои таълимӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Муайян кардани меъёрҳои дурусти баҳодиҳӣ  ба дониши хонандагону донишҷӯён  арзёбии кори таълиму тарбияро  ба низом медарорад.

Ҳангоми муайян намудани натиҷаҳои дар таълими муттасилӣ ба амалоянда дар зинаи якуми таҳсилот омӯзгорон ба қисматҳои  зерини азхудкунии дониши шогирдон баҳогузорӣ менамоянд:

1) Шогирдон маводи омӯхташударо дуруст аз худ кардаанд?

Қисми зиёди омӯзгорон дар ин маврид донишҳои механикии донишҷӯёнро дар назар доранд, ки ӯ тӯтивор аз бар мекунад. Чунин гузоштани мақсаду мароми санҷиши донишу малака ва маҳорати донишҷӯён ҷавобгӯи талаботи имрӯзаи илми педагогика нест, зеро он ҳеҷ гоҳ меъёри асосии дониш буда наметавонад. Чунин шарҳ аз он бармеояд, ки дониши механикӣ дар шуури бача беҳаракат аст, аз ин рӯ, дар зеҳни ӯ тағйироти ҳаракатдиҳанда ва пешравандаро ворид карда наметавонад.

**2)** Оё донишҷӯён маводи омӯхтаашонро фаҳмида, мазмуни онро хуб дарк кардаанд? Ин ҷо сухан дар бораи бошуурона аз бар кардани маводи таълимӣ меравад. Чунин санҷиш ба таври механикӣ аз бар кардани маводи таълимиро рад мекунад. Сатҳи идроки донишро ҳангоми ҷавоби дуруст додан, истифода бурда тавонистан дар асоси далелҳо нишон медиҳад. Маҳз идроки бошууронаи маводи омӯхташуда аз тарафи донишҷӯён ба онҳо роҳро ба сӯйи пайдо кардани малакаю маҳорат мекушояд. Чунин дониш дар хотираи донишҷӯён ба муддати тӯлонӣ нақш мебандад ва вақте, ки истифода бурдани он зарур мешавад, аз он ба хубӣ истифода бурда метавонанд.

**3)** Донишҷӯён дар мавриди омӯхтани маводи пешниҳодшуда майлу рағбат зоҳир кардаанд? Ин омил ҳам дар аз бар кардани дониш ва ҳам барои бошуурона аз бар кардани донишҳо зинаи басо муҳим аст, яъне майлу рағбати донишҷӯён ҳалқаи аввали занҷирест, ки дар пайдарҳамӣ ва таносуби ҳалқаҳои минбаъдаи он занҷир сурат гирифта, дар хотираи хонанда нақш мебандад.

4) Оё донишҷӯён дар доираи маводи омӯхташуда нуқтаҳоеро шарҳу эзоҳ дода метавонанд, ки аз ҷараёни тарбия ва ташаккул ёфта истодани шахсияти онҳо дарак диҳанд? Омӯзгор ба ҳамин восита фаҳмида метавонад, ки шогирдони ӯ дар натиҷаи омӯзиш то кадом дараҷа тарбия ва ташаккул ёфта, донишу малака ва маҳоратро аз фанни иқтисодиёт ғанитар гардонидаанд.

5) Донишҷӯён оид ба мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни омӯхташуда мустақилона фикр ронда метавонанд ва фикру андешаи хосаи худро доранд?

6) Санҷиши донишу малака ва маҳорати донишҷӯён аҳаммияти маърифатӣ ва тарбиявӣ дорад? Дар воқеъ, ҳадафи санҷиши донишу малакаи донишҷӯён бояд вазифаҳои маърифатию тарбиявиро низ фаро гирад.

**7)** Санҷиши донишу малакаи донишҷӯён мақсади ягонаи ба онҳо гузоштани баҳоро дорад ва ё мақсади дигареро? Мутаассифона, одатан аксар омӯзгорон гузоштани баҳоро мақсади асосиии санҷиши донишу малака ва маҳорати донишҷӯён медонанд, ки ин роҳи нодурусти таълим аст.

Санҷиши донишу малака ва маҳорати хонанда барои омӯзгор мақсаду вазифаҳои зерини муҳимро иҷро менамояд: Мақсад ин аст, ки дониш на ба як мавзуъ, балки бо якчанд мавзуъҳои қаблии бо ҳам алоқаманд пурра карда омӯзонида мешавад. Дар он сурат андешаҳои таълимгиранда нисбат ба ҳамон мавзуъ васеътар хоҳад шуд.

Аз ин лиҳоз дар раванди муттасилии таълим мавзуъҳои барнома, ҷиҳати донишазхудкунии хонандагону донишҷӯён бо истифода аз дигар сарчашмаҳои илмӣ пурра карда омӯзонида мешаванд. Талабот нисбат ба шогирдон ҳам ин аст, ки мавзуи нав ва мавзуъҳои дигари гузаштаро дар алоқамандии мантиқӣ фаҳмида тавонанд.

Дар баробари ин ба қисматҳои дигари таълим диққат дода мешаванд:

Дар ин ҷода оё донишҷӯён мустақилият нишон медиҳанд?

• Оё донишҷӯён оид ба масъалаҳои гуногуни баҳсталаб мубоҳиса карда, фикри хосаи худро баён карда метавонанд?

• Дар баҳс донишҷӯён нисбат ба шахсияти ҳамсинфон одоби муколамаю муоширатро риоя мекунанд?

• Оё донишу малакаҳои ба дастомада қобилияти зеҳнии донишҷӯёнро зиёд кардааст?

• Оё хонандагон барои мустақилона ба даст овардани дониш қадаме ба пеш гузоштаанд?

• Оё тафаккуру қобилияти интиқодии донишҷӯён ташаккул ёфта истодаанд?

• Оё нисбат ба воқеа ва равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мавқеи шаҳрвандии худро доранд ва донишҷӯён аз он истифода мебаранд?

• Оё санҷиши донишу малака ва маҳорати донишҷӯён аҳамияти тарбиявӣ дорад ва он ба омӯзиш ва фаъолияти маърифатии минбаъда ҳидоят мекунад?

• Оё маърифати донишҷӯён аз фанни таълимӣ ягон дараҷа афзун гардидааст?

• Оё тамоили иҷтимоии ташаккули шахсияти шогирдон дар рӯ ба камолот аст?

• Оё ҷаҳонфаҳмию ҷаҳонбинии донишҷӯён вусъат ва ташаккул ёфта истодааст?

Барои донишҷӯён чунин шароитҳо муҳайё мешаванд, ки имконият доранд, тавассути он донишу малакаи худро санҷида, онҳоро боз ҳам васеъ ва мустаҳкамтар намоянд. Илова бар он донишҳоеро, ки қаблан ба даст оварда буданд, такрор ва мустаҳкам намоянд ва мустақилияти худ, мақоми зеҳнию маърифатии худро дар ҳузури омӯзгор ва ҳамкурсон мустаҳкамтар намоянд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин гуфтаҳо Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои баҳоро ба донишу малака ва маҳорати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда, пешкаши омӯзгорон намудаанд. Айни ҳол, зина ба зина меъёрҳои баҳогузорӣ аз ҳамдигар бо куллӣ фарқ мекунанд. Тарзи баҳогузории литсейҳоро мо дар боло қайд карда гузаштем. Дар коллеҷҳо бошад, ба муассисаҳои олии касбӣ

наздиктар, яъне баъди рейтингҳо муайян гардида, ба донишҷӯён муддати омодагӣ ба рейтинги такрорӣ дода мешавад.

Тарзи холгузорӣ дар асоси меёрҳои барои донишҷӯён тибқи тартиби намунавии қабули санҷишҳои фосилавӣ ва имтиҳонҳои ҷамъбастӣ бо назардошти талаботи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “01”октябри соли 2018, №18/38 тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда шудааст.

Муҳимтар аз ҳама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду инкишоф додани дониши хонандагон ва ба шароити беҳтари донишазхудкунӣ омода намудани онҳо 170 литсей ва гимназия фаъолият намуда истодаанд. Дар асоси низомнома ва дастурамалҳои тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар онҳо ҳамаи хонандагони болаёқати аз озмуни шаффофи ташкилнамудаи муассиса гузаронида шуда, таҳсил намоянд.

Вале дар аксарияти литсею гимназияҳо озмуни қабул бе риояи талабот гузаронида мешаванд, ки ба созмон додани муҳити солим барои хонандагони болаёқат монеа эҷод мешавад. Муттасилии таълим низ ҳамин гуна талаботро ба миён мегузорад, ки таълимгирандагони зинаҳои таҳсилот заминаи кифоягӣ дошта, аз онҳо дар оянда мутахассиси хубро тайёр намудан имконпазир бошад.

Фаъолият ва таҷрибаи амалии таълимии донишҷӯ ва ё хонанда маҳаки асосии муносибати муттасилӣ ба таълим мебошад. Ин омил шаклҳои нави таълиму омӯзиш ва истифодаи технологияи нави педагогиро талаб мекунад. Фаъолияти амалии таълим тақозо менамояд, ки хонанда мушкилоти асосии таълимиро дарк кунад; барои ҳалли проблемаи таълимӣ мақсад гузорад, роҳу воситаҳои гуногунро барои ҳалли масъала ба нақша гирад; бо роҳбаладии омӯзгор ё мустақилона проблемаи таълимиро ҳал кунад; раванд ва натиҷаи корашро мушоҳида кунад ва барои такмил ёфтани донишу малакаи аз худ кардааш

масъулиятро ба дӯш гирад; яъне, фаъолияти хонанда дар раванди таълим асос ҳисобида мешавад.

Таҷрибаи амалии таълим аз субъектҳои раванди таълим (омӯзгор ва таълимгиранда) талаб мекунад, ки малакаи навро тавассути машқи зиёд то дараҷаи таҷриба расонанд. Ҳар як фаъолияти таълимии дар боло дарҷ гардида, иҷрои амалҳои мушаххаси хонандаро талаб мекунад, ки аксари он амалҳо хусусияти таҳқиқотӣ доранд.

Технологикунонии омӯзиш яке аз самтҳои илми педагогика буда, тавасути ба роҳ мондани интихоби ҳадафноки он қонуният, усул, восита ва роҳҳои самаранокии таълим пайдо мешаванд. Татбиқи муттасилии таълим барои он ба роҳ монда мешавад, ки таълимгиранда дар ин раванд ҳам меомӯзад ва ҳам ӯро меомӯзонанд. Мувофиқи усули мазкур ба таълимгирандагон тарзҳои дарёфтан, коркард ва истифодаи маълумот (ахбор, факту рақамҳо, донишҳо) омӯзонида мешаванд. Мақсад дар ин раванд маънои онро надорад, ки чӣ қадар ҳар сол ба хатмкунандагон ҳуҷҷати хатм медиҳем, балки то чӣ андоза мо ба онҳо донишҳои ахлоқиву зеҳнӣ медиҳем.

Зина ба зина воридшавии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воридшавии низоми маорифи ҷаҳон аз ҳар як омӯзгор, аз ҳар як роҳбари муассисаи таълимӣ талаб менамояд, ки шакли фаъолиятро ба он мутобиқ гардонад ва сифати таълиму тарбия аз замони қаблӣ ба куллӣ бояд фарқ кунад.

Наврасони замони имрӯза аз хурдсолиашон сар карда, аз амалиётҳои техникаву технологияи имрӯза бохабаранд ва метавонанд, таввасути онҳо дилхоҳ амалиётҳои электрониро иҷро намоянд, гарчанде нопурраю номукаммал ҳам бошанд. Дар ин давра омӯзгоре метавонад, ба хонанда таълиму тарбия диҳад, ки назар ба хонанда дониши баланди замонавӣ дошта бошад. Ҳамзамон, он навоварию эҷодкориҳое, ки омӯзгор дар дарс истифода мебарад, бояд барои хонанда чизи нав бошад.

Муттасилии таълим барои муайян намудани сифати дарси омӯзгор талаботи худро дорад. Дар ин раванд аз фаъолияти омӯзгор дар охири ҳар як нимсолаи соли таҳсил натиҷагирӣ карда мешавад, яъне аз аввали нимсола нақшаи дарсии ӯ, ҳолати истифодаи роҳу усулҳои муосир, эҷодкориҳои омӯзгор ба қайд гирифта мешаванд.

Ҷадвали 1. Намунаи бақайдгирии фаъолияти омӯзгор дар раванди муттасилии таълим аз фанни иқтисодиёт

| Т/р | Ному насаби омӯзгор | Пешниҳоди дарсҳои намунавӣ | Ҳолати дафтардорӣ | Истифодаи роҳу усулҳои нав | Истифодаи технологияи муосир | Ҷамъи холҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Султонов М. | 5 | 4 | 4 | 5 | 18 |
| 2 | Раҳмонова М. | 4 | 3 | 4 | 4 | 15 |
| 3 | Пулодов Ш. | 4 | 3 | 4 | 4 | 15 |

Диаграммаи 1.Натиҷаҳои баҳогузории фаъолияти омӯзгорони фанни иқтисодиёт



Ҳамин тариқ, нақша ва вазифаҳои раванди таълим барои мутташакилона ва ҳадафмандона омӯзонидани барномаи таълимӣ ва омода гардонидани таълимгирандагон– муттахассисони оянда равона гардидааст. Баъзе натиҷаҳои фаъолиятҳои таълим чанд сол пас аз хатми таҳсил ва аксар вакт берун аз соҳаи таҳсилот зоҳир мешаванд. Бинобар ин мустақиман дар ҷараёни таълим равандҳоро ба таври дақиқ хулоса баровардан мумкин нест.

Дар мавриди санҷиш ва муайян намудани дараҷаи дониши донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳ талаботи зерин ба инобат гирифта мешаванд:

— дар баробари ба инобат гирифтани хусусиятҳои зеҳнӣ, эҳсосӣ, ҳавасмандӣ ва ғайра диққат додан ба саломатии донишҷӯ, ҷиҳати равонии ӯ, қобилияти донишазхудкунӣ, сифати маводи таълимӣ ва ғайра;

— пешгирии сарбории зиёде, ки боиси эҳсосӣ ва асабӣ гардидани донишҷӯи соли аввал мегарданд. Ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ дар раванди муттасилии таълим ба инобат гирифтани усули салоҳиятнокӣ, ки дар вақти кутоҳтарин бо саъю кӯшиши хонанда ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар мебошад, истифода бурда мешаванд.

Дар раванди муттасилии таълим барои фароҳам овардани фазои мусоиди маънавӣ ва равонӣ аҳаммияти зарурӣ дода мешавад. Ҳифз, нигоҳдорӣ ва мустаҳкамии солимии равонии донишҷӯён, омили бартараф намудани мушкилотҳое шуда метавонанд, ки ба раванди донишандӯзии онҳо халал ворид мекунад. (фишори фармонравоӣ, дағалӣ, ғазаби таҳқиромез, бетараф, мавҷӯд набудани шароит барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти асосии онҳо, муносибати хуб надоштан ва ғайра.)

Вазифаи мо на танҳо муайян кардани меъёрҳои омодагии иқтисодии донишҷӯён, балки муқаррар намудани муттасилии ин меъёрҳо дар сатҳҳои мухталифи он мебошад. Самаранокии азхудкунии донишҳо барои ҳар як нишондиҳандаи сифатӣ дар ҳамаи сатҳҳои пешниҳодшуда

баҳо дода мешавад. Ғайр аз он, бо истифода аз нишондиҳандаҳои зерин миқдори донишҳои гирифтаро дар ҳар сатҳ чен кардан мумкин аст: арзиши донишҳои гирифташуда, суръати маводи омӯзишӣ, қобилияти азхудкунӣ ва ғайра.

Умуман, баҳодиҳии натиҷаҳои тайёрии иқтисодӣ бо истифодаи усули санҷиши тестӣ ё усули таҳлили қисматҳо имконпазир аст. Хусусияти натиҷабахши усули дар боло зикр шуда дар он аст, ки онҳо барои ҳама гуна намудҳои таълим: ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ татбиқ мешаванд. Фарқият дар он аст, ки дар ҳолати аввал, меъёри амали баҳодиҳӣ ҳамчун меъёри азхудкунии маводи таълимӣ, дар ҳолати дуюм бошад, меъёри ташаккули малака ва қобилияти касбӣ мебошад, ки бо меъёрҳои мушаххас таъмин карда мешаванд.

Мутахассисони соҳаи маориф се навъи муайянкунии сифати таҳсилотро ҷудо мекунанд:

— сифати мундариҷаи таълим (дониш, усулҳои ҳалли мушкилот);

— сифати технологияҳои таълим ва тарбиявӣ (ташкили фаъолияти маърифатӣ, ҳавасмандкунии фаъолияти маърифатӣ, натиҷагириҳои иҷрои корҳои таълимӣ.);

— сифати таълим (азхудкунии дониш, малака, меъёрҳои ахлоқӣ).

Яъне арзёбии натиҷаи таълим, метавон гуфт ба ҷойи арзёбии дониш дар низоми дараҷаҳои педагогӣ ва нақши он муайян карда мешавад. Арзёбии дониш, ки қисмати зарурии ҷараёни таълим мебошад ва раванди таълимро бо натиҷаи он пайваст намуда, на танҳо ба ташкил ва баланд бардоштани самаранокии ин раванд таъсир мерасонад, балки ба рушди донишазхудкунии таълимгиранда ва усулҳои таълим, аз ҷумла ташаккули худшиносии ӯ ҳамчун хусусияти асосии шахс таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, ҳадаф ва вазифаҳои иҷтимоии муайяншудаи раванди таълим дар доираи ҳамкориҳои ба нақша гирифташудаи судманди омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ва хонандагони литсей ба ҳалли

рушд ва худшиносии таълимгиранда равона карда шудааст. Ҳамзамон, дар он баъди таъмини босифати раванди таълим ба натиҷаи фаъолият ва самарабахши он дар ҳолати сари вақт муайян кардан, баҳо додан ва таҳлили ҷараёни таълим вобаста ба натиҷаи охирини ҳосилшуда натиҷагирӣ кардан имкон дорад.

Агар ҷараёни таълимро дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон қиёсбандӣ намоем, дар низомномаҳои намунавии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсею гимназияҳо возеҳу равшан нишон дода шудааст, ки бо мақсади муайян намудани дониши хонандагон санҷишҳои шифоҳӣ , тестӣ, хаттӣ, эссе, иншоҳо дар бисёр фанҳо, аз он ҷумла дар фанни иқтисодиёт ба нақша гирифта шудааст.

Санҷишҳои дохилилитсейӣ (ва ё дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) низ бо мақсади муайян намудани сатҳу сифати дониши таълимгирандагон зина ба зина, яъне дар ҳар як чоряк, муайян карда шуда хулосабарорӣ карда мешаванд. Хонандаи литсей ба мавзуҳои барномаи таълимӣ ва ё шакли санҷишҳои дар ин зинаҳо доиршаванда бояд ба хубӣ  шинос бошад. Аз тарафи дигар, санҷиш бояд аз тарафи мутасадиён шаффоф ва ҳадафмандона сурат гирад. Ана дар ҳамин маврид таълимгирандагон, омӯзгорони дарсдиҳанда ва падару модарони шогирдони онҳо аз натиҷаи дурусти санҷиши ба дастомада огоҳӣ пайдо намуда, барои пешравӣ саъю кушиш мекунанд.

Аммо мутасаддиён аз он ҷумла, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ имкони санҷидану назорат бурдани санҷишҳои ҳамаи фанҳои таълимиро надошта, санҷиданро ба худи омӯзгорон ҳавола мекунанд. Бинобар он натиҷаҳо руякӣ бароварда шуда, ба роҳбарони муассисаҳо пешниҳод карда мешаванд. Аз натиҷаҳои баровардашуда ҳама қаноатманд гардида, барои ислоҳи камбудиҳо чораҳо намеандешанд, яъне чунин водор мешавад, ки гӯё ҳамаи таълимгирандагон барномаҳои таълимиро ба дараҷаи хубу аъло ҷамъбаст намудаанд.

Ҳамин тартиб дар чорякҳои минбаъда низ такрор гардида, сатҳи дониши хонандагон номуайян боқӣ мемонанд. Ин албатта ба омодашавии мутахассисони оянда таъсири манфӣ мегузорад. Аз ин лиҳоз, олимону коршиносони соҳаи маориф, аз он ҷумла олимони тоҷик низ дар ин самт таҳлилҳои худро пешниҳод намудаанд.

Санҷишҳо дар соҳаи маориф, ба ақидаи И. А. Зимняя **[59:3-11],** анҷоми он натиҷаҳое мебошанд, ки дар чорякҳои соли таҳсил мунтазам гузаронида мешаванд. Баъди таҳлили корҳои баанҷомрасонидашуда нишондиҳандаҳои натиҷа, ки таълимгиранда аз руйи маҷмӯи муайяни санҷишҳои таълимӣ ба даст овардааст, дар низоми муайяни таълимӣ муайян мегардад. Аз ин рӯ, самаранокии ҷараёни таълим дар сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ ва тарбияи хонандагон, ки дар ҷараёни фаъолияти таълимии онхо таъсир мерасонад, низ тафтиш карда мешаванд.

Таълимро барои манбаъҳои гуногун (донишҷӯён, хонандагони муассисаҳои таълимӣ) ва сатҳҳои гуногун арзёбӣ кардан мумкин аст ва ҳар дафъае, ки мо дар бораи натиҷаҳои мухталиф сухан меронем, аз он бармеояд, ки натиҷаҳои таълим на танҳо муттаҳид карда нашудаанд (зеро механизмҳои ҳамгирой маълум нестанд), балки ҷамъбаст карда намешаванд. Вазифаи мо на танҳо муайян кардани меъёрҳои омодагии иқтисодии донишҷӯён, балки муқаррар намудани муттасилии ин меъёрҳо дар сатҳи мухталифи он мебошад.

Ҳамин тариқ, агар дар ду гурӯҳи аввали муайянкунии натиҷаҳои таълим ба коршиносон нисбати ҷузъи оқилонаи омӯзандагон имкониятҳо фарохтар бошанд, пас гурӯҳи сеюм ҷузъи ба ном номатлубро инъикос мекунад. Мо дар бораи ҳолатҳое сухан меронем, ки дар онҳо натиҷаҳои мусбӣ ё манфӣ ба таври омилҳои пинҳонӣ ё тасодуфӣ сурат мегиранд. Ин натиҷаҳоро дақиқ пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст. Танҳо барои ба вуҷуд овардани онҳо шароит фароҳам овардан мумкин аст. Бо назардошти гуфтаҳои боло, дар ҷое, ки

мушаххас муайян кардани натиҷа ғайриимкон аст, идоракунии ҷараёни таълимӣ номуайян буда, хусусияти фарзия ва тахминӣ ва аз рӯйи эҳтимол натиҷагирӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат ҳатто ба дурустии натиҷа кафолат дода намешавад ва барои дақиқ муайян кардани меъёрҳои баҳодиҳии таълими иқтисодии донишҷӯён бодарназардошти муттасилии таҳсил дар зинаҳо ва сатҳҳо аҳаммияти зарурӣ бояд дод.

Муттасилии таълим бо он оварда мерасонад, ки моҳияти талаботи зарурӣ нисбати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯ, баланд бардоштани салоҳияти касбии онҳо, васеъ намудани дониш, малакаи бевосита барои баланд ҷаҳонбинии онҳо дар тамоми соҳаи зиндагӣ роҳнамо гардад. Донишҷӯ то он дараҷа омода бояд шавад, ки аз ҳар ҷиҳат ба монанди мафҳумҳои меҳнати соф, дониш ва малакаҳои истеҳсолӣ бо маҷмуи пурраи донишу малакаҳо, аз ҷумла онҳое, ки барои ҳифз ва такмили саломатӣ, рушди демографӣ, ҳифз ва рушди анъанаҳо ва фарҳанг, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва табиат заруранд, бархурдор бошад. Президенти кишвар ин нуқтаро дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси миллӣ қайд карда таъкид карда гуфтанд, ки насли ҷавони кишвар, ки ояндасози миллат маҳсуб меёбад, бояд на танҳо ихтисосманд, балки дараҷаи ба бозори меҳнат рақобатпазир буданро доро бошад, донандаи забонҳои маъмули ҷаҳонӣ бошад ва аз техникаву технологияи муосир маълумоти кофӣ дошта бошад.

Яке аз хусусиятҳои тағйири муносибати инсонӣ ба таълим ин нақши афзояндаи ӯ дар тағироти иҷтимоӣ ва такмили қобилияти ӯ дарк кардани динамикаи равандҳои рушд ва таъсир ба рафти онҳо мебошад. Ин талаботи салоҳияти касбӣ бо сиёсати таълимии давлат муайян карда мешаванд.

Низоми таҳсилоти касбӣ айни замон дар шароити дигаргуниҳои бозорӣ қарор дорад ва аз ин рӯ донишҷӯёни донишгоҳҳои иқтисодӣ аз худ намудани шарту талаботҳои ин шароитҳоро бояд хуб сарфаҳм

раванд. Истифодаи чунин мафҳумҳои иқтисодӣ ба монанди “бозор”, “маҳсулот”, “талабот”, “пешниҳод”, “рақобат” дарк кардани масъалаҳои иқтисодии рӯзмарра, омодагӣ доштан ба соҳибкорӣ, дарки баланди саҳм гузоштан дар рушду нумӯи кишварро ҳамеша дошта бошанд.

Дар зинаҳои таҳсилоти литсей ва донишгоҳ такмил додани дониши таълимгирандагон ва баланд бардоштани рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ, маънавии онҳо талаботи муҳим ба ҳисоб меравад. Омӯзонидани таҷрибаи фаъолият намудан дар корхонаҳои саноатӣ ва истифодаи нерӯи илмию техникӣ дар соҳаи иқтисодиёт дар ҳамкорӣ хуб ва самаранок ба анҷом расонида мешаванд.

Яке аз меъёрҳои муҳими фаъолияти муассисаҳои таълимӣ омода намудани хатмкунандаи хуб мебошанд, ки сифати маҳсулоти донишгоҳ ба ҳисоб мераванд. Омода намудани мутахассиси соҳаи иқтисодиёт метавонад, барои аз худ намудани сифатҳои мутахассиси оянда замина фароҳам орад ва ӯ дар шароити бозори меҳнат метавонад, имконот ва ниёзҳои шахсии худ, рақобатпазирӣ ва амалисозии потенсиали худро таъмин кунад.

Дар давраи омодагардонии шогирдон барои мутахассиси дар бозори меҳнат рақобатпазир шудан, шиносоӣ пайдо намудан ба техникаю технологияи муосир, таваҷҷӯҳ доштан ба донишҳои иқтисодӣ ва омӯхтани таҷрибаи пешқадам дар зинаҳои таҳсилот моҳе як маротиба машғулиятҳои якҷояи донишҷӯёну хонандагони литсей ба роҳ монда шудааст.

Мафҳуми рақобатпазирии мутахассис, дараҷаи кофии дониш ва маҳорати зеҳнии ӯ ба ҳисоб меравад ва метавонад ҳамчун асос барои тарҳрезии тамоми фаъолиятҳои таълимӣ, инчунин дар муайян кардани меъёрҳои арзёбии таълими иқтисодии донишҷӯён дар низоми литсей-донишгоҳ асос шавад. Ғайр аз он, бояд хусусиятҳои зерини бунёдиро доро бошанд:

— меҳнатдустӣ;

— муносибати эҷодӣ ба тиҷорат;

— Қобилияти тарҳрезии нақшаи корро дошта бошанд;.

— Қобилияти роҳбарӣ намуданро эҳсос намоянд;

— имконияти мустақилона эҷод намуданро пайдо кунонида тавонанд;

— Қобилияти рушди доимии касбӣ доштан;

— кӯшиши маҳсулоти сифатан баландро омода намудан;

— муқовимати зидди эҳсосотро доштан.

Дар рафти омодашавии хатмкунандагони литсейи ДДТТ ҷиҳати ба қайдгирии фаъолияти онҳо ва тағйирёбии натиҷаҳои бадастомада, бонки маълумотҳо созмон дода шудаанд. Дар онҳо далелҳо ва маълумотномаҳо оиди иҷрои талаботҳои дар ҷараёни омодагӣ бавуқуъоянда; тағйирёбии сифатҳои шахсии мутахассиси оянда, рушди малака, қобилият ва тағйирёбии фаъолияти мутахассис гирд оварда шудаанд.

Омода гардидану аз худ намудани бисёр таҷрибаҳои иқтисодӣ ҳангоми омӯзиш, мушоҳида ва иҷрои амалии мавзуъҳои барнома аз худи таълимгирандагон вобастагӣ дорад. Азхудкунӣ ва такмили малакаҳои касбӣ: одоби муошират бо кормандон дар ҳолатҳои гуногуни фаъолияти корӣ, беэътиноӣ накардан нисбат ба ҳамкорон, машғул будан ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим таҷрибаи онҳоро мукаммал мегардонад.

Донишҳоро пурра ва мукаммал намудан дар ҳолати омухтани қонунҳо, адабиёт, барномаҳои илмҳои табиӣ-илмӣ имкон дорад. Барои дар ин соҳа муваффақ гардидан заминаҳо ва имкониятҳои зарӯриро фароҳам овардан лозим аст. Имкониятҳо дар таълим ин макони ҷавобгӯи баргузории машғулиятҳо, таъмини воситаҳои муосири техникӣ, омӯхтан ва риояи қарорҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ба ҳисоб меравaнд.

Аз ҷониби дигар, қоидаҳои ахлоқи инсонӣ: ба ҳамкорон муносибати некбинона анҷом додан, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳамдардӣ изҳор намудан, эҳсосотро дар худ нигоҳ надоштан, ба ҳаққоният руй овардан,

таҳаммулпазириро омӯхтан, ташаббускорӣ, қобилияти итоаткорӣ, қобилияти истироҳат, қобилияти қабули масъалаҳои ҳалталаб, қобилияти роҳбарӣ таҳлил кардани масъалаҳои рӯзмарра, аз худ намудани мушоҳидакорӣ, вокуниши зуд нишон додан ва ғайраро омӯзад.

Ҷадвали 2. Талабот ба қобилият, малака ва усули фаъолият (аз рӯйи амал)

| № п/п | Манбаи ҳамкорӣ | Усулҳои фаъолият ва навовариҳо |
|---|---|---|
| 1 | Нақшаҳои байниҳамдигарии кормандон | Ҷараёни алоқаро ташкил кардан: Барои ташхис ва муошират бо ҳамкорон як заминаи мусбии эҳсосӣ эҷод кардан, ҳавасманд кардан, низоъҳоро ба таври суҳбат ҳал кардан ва ғайра. |
| 2 | Фаъолият, қабули қарорҳо. | Ташкили фаъолиятҳои муштараки речавӣ ва эҷодӣ, Дар ҳолатҳои стандартӣ ва ғайримуқаррарӣ қарор қабул кардан. Истифодаи технологияҳои иҷтимоию фарҳангӣ, Муайян намудани самти фаъолият бо роҳи қабули қарорҳо. |
| 3 | Маълумот (нақшҳои иттилоотӣ) | Таҳияи нақшаи дурнамо: Фаъолиятҳоро ба нақша гирифтан, гузоштани мақсадҳо, гузаронидани таҳлил, ташхис, таҳия ва |

| | | |
|---|---|---|
| | | истифодаи ҳуҷҷатҳои маъмулии фаъолияти касбӣ, ҷӯстуҷӯйи идеяҳои нав, инкишоф додани таълими муттасилӣ ва ғайра. |

Самаранокии азхудкунии донишҳо барои ҳар як нишондиҳандаи сифатӣ дар ҳамаи сатҳҳои пешниҳодшуда баҳо дода мешавад. Ғайр аз он, бо истифода аз нишондиҳандаҳои зерин миқдори донишҳои гирифтаро дар ҳар сатҳ чен кардан мумкин аст: арзиши донишҳои гирифташуда, суръати маводи омӯзиш, қобилияти азхудкунӣ ва ғайра.

Умуман, баҳодиҳии натиҷаҳои тайёрии иқтисодӣ бо истифодаи усули санҷиши тестӣ ё усули таҳлили қисматҳо имконпазир аст. Хусусияти усулҳои дар боло зикршуда дар он аст, ки онҳо барои ҳама гуна намудҳои таълим: ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ татбиқ мешаванд. Фарқият дар он аст, ки дар ҳолати аввал меъёри амали баҳодиҳӣ ҳамчун меъёри азхудкунии маводи таълимӣ бошад, дар ҳолати дуюм бошад, меъёри ташаккули малака ва қобилияти касбӣ меистад.

Арзёбии дониш, ки унсури зарурии ҷараёни таълим мебошад, раванди таълимро бо натиҷаи он пайваст намуда, на танҳо ба ташкил ва баланд бардоштани самаранокии ин раванд таъсир мерасонад, балки ба рушди дониши таълимгиранда, аз ҷумла ташаккули худшиносии ӯ ҳамчун хусусияти асосии шахс таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, самаранокии ҷараёни таълим дар сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ (дараҷаи таълим) ва дар тарбияи донишҷӯён(фарҳанги умумӣ), ки дар ҷараёни назорат (муайян, андозагирӣ) ва санҷида мешаванд, таъсири мусбат мерасонад.

Мафҳумҳои арзёбии дониш барои муайян кардани дараҷаи мутобиқшавии дониши хонандагон ба талаботи дар ин марҳилаи таълим мавҷудбуда, муқоисаи донишҳояшон бо меъёрҳои дар меъёрҳои

давлатии таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ муқаррар шуда, маҳсуб меёбанд.

Натиҷаҳои таълим, ки бо дараҷаи баландтар ё камтари дониш, қобилият, малака, нишондиҳандаҳои рушди шахсии донишҷӯ, тағйир ёфтани салоҳияти касбии омӯзгор ва муносибати ӯ ба кор таъсир мерасонанд, ба афзоиши нуфузи муассисаи таълимӣ дар ҷомеа оварда мерасонад.

Пурсишҳои инфиродӣ бо хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ва гуфтугӯ бо волидон, таҳлили тамоюлҳои умумии рушди таҳсилот нишон медиҳанд, ки хатмкунандагон мехоҳанд:

— дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ, гуманитарӣ ва иҷтимоӣ, физика ва математика дониш гиранд;

— дониши гирифташударо дар амал татбиқ карда тавонанд; малакаҳои муошират ва роҳбарӣ дошта бошанд;

— касбро интихоб намоянд ва қобилияти мутобиқ шудан ба кори навро дошта бошанд;

— ба таври ройгон таҳсил гиранд, аммо ҳамзамон онҳо омода бошанд, ки бароимуассисаҳои таълимии баландсифати донишгоҳи бонуфуз маблағ супоранд.

Мувофиқи ин талабот, ба мо лозим меояд, ки аз руйи нақшаи зерини муттасилии таълим амал кунем:

• Фароҳам овардани тарзи ташкили таълим бо усулҳои муосир.

• Такмил додани нақша, қобилияти назорат ва ислоҳи камбудиҳо дар фаъолият, фаҳмиши алоқамандии байни зинаҳои таҳсилот.

• Тақсими имкониятҳо (қобилияти тақсим кардани вақт, муҳайё будани фазои муносиби донишомӯзӣ).

• Назорат дар истифодаи технологияи ҳозиразамон, қобилияти интихоби таҷҳизот ва роҳу усулҳои нав.

Ҳамин тариқ, меъёри самаранокии таълими муттасилии иқтисодӣ-ин тадбиқи дониш ва малакаҳои рақобатпазир мебошад, ки аҳаммияти

шахсӣ ва иҷтимоӣ дорад. Бинобар он лозим аст омӯзиши қонунҳои иҷтимоию иқтисодии рушд, мушкилоти иқтисодиёти бозорӣ, хусусиятҳои вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, тамоюлҳои рушди иҷтимоӣ, талабоҳо ва усулҳои меҳнат дар соҳаи иқтисодиёт, ташаккули малакаҳо дар самти интихоби шароити воқеӣ, ҳадафи фаъолияти онҳо, интихоби самти фаъолияти худ, ҳал намудани вазифаҳои мушаххас дарояндаи наздик ва дар муҳлати дарозмуддат устувор бошанд.

Таҳлили натиҷаҳои ба дастомада барои худидоракунӣ ва худбаҳодиҳӣ ва ба танзим даровардани усулҳои кор имкон медиҳанд, ки амалӣ намудани малакаҳои муошират: хоҳиш доштан барои рушд доштани фаъолияти мустақилона, амал намудан дар кор ва таҳсилоти худ, инкишоф додани худшиносӣ, малакаҳои фарҳанги иқтисодӣ ва тиҷоратӣ имконпазир гардад.

Вазифаҳои номбаршуда вобаста ба ҳадафи фаъолияти мушаххаси иқтисодӣ ва шароити афзалиятнок пайваста мураккаб, тағйирёбанда ва рушдёбанда мешаванд.

Мо аз рӯйи як қатор маводи санҷишие, ки пешниҳод карда шудаанд, сатҳи сифати донишҷӯёнро муайян намудем. Ин санҷишҳо ба мо имкон медиҳанд сатҳи таълими иқтисодиро барои он донишҷӯёне, ки донишҳои назариявии худро давр амал татбиқ менамоянд ва инчунин хонандагоне, ки дар литсей таҳсили илм доранд, муайян, таҳлил ва баррасӣ намоем.

## Хулосаи боби якум

Бо баррасии муттасилии таълими иқтисодии донишҷӯён ҳамчун як проблемаи педагогӣ ва бо омӯзиши таҳқиқотҳои психологӣ ва педагогӣ дар раванди муттасилии таълим мо ба чунин хулосаҳо омадем:

* Сатҳи баланди омодагии назариявӣ ва амалӣ дар якҷоягӣ бо қобилиятҳои пешрафтаи касбии хонандагони дар чаҳорчӯбаи раванди таълими муттасилӣ таҳсилкарда имконият медиҳад, ки онҳо нисбат ба хонандагони дар муассисаҳои таълимии умумӣ таълимгирифта бештар

ба рақобатпазирии бозори меҳнат омода гарданд ва дар солҳои минбаъдаи таҳсил ба талаботи таълимӣ одат кунанд.

* Дар маҷмуи таҳсилоти муттасилӣ самаранокии ҷараёни таълими мутахассисони ояндаро дар раванди литсей-донишгоҳ танҳо тавассути иҷрои босифати чорабиниҳои ташкилию педагогӣ ба амал баровардан мумкин аст. Яъне, барномаи таълимии муттасилӣ ҳангоми таҳсил ба мо имкон медиҳад, ки рушди касбии иштирокчиёни таълимро афзун гардонем.

*Ташкили дурусти идомаи тахсил аз рӯйи фанни иқтисодиёт аз муайян кардани тарзи дурусти таълими ин фан дар зинаҳои гуногуни таҳсилот, муайян кардани талаботу хоҳиш ба дониш ва малакаи донишҷӯён дар ҳар яки ин марҳилаҳо иборат мебошад. Нишондиҳандаи ба дастовардаи таълимгиранда сатҳи он сифатеро меҳисобанд, ки имкони бемамониати гузариш ба сатҳи дигари таълим ба ҳолати нави сифатиро фароҳам меорад. Ҳамин омили ташкили кор муттасилиро пурра мекунад.

* Таҳлили муттасилии таълим аз таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи бою рангини иқтисодии ниёгон рушди муназзами минбаъдаи донишҳои гуногунро афзоиш медиҳад.

* Дар давраи рӯ ба рушд қарор доштани иқтисодиёти кишвар таълим ва тарбияи насли ояндасози ҳозира усулҳои муосирро талаб мекунад, ки ин бевосита дар навбати худ аз донишу таҷрибаи мукаммали омӯзгорон вобастагии калон дорад. Дар ҳамин маврид ба тарбияи иқтисодии донишҷуён, ки болотар шарҳ дода будем, диққати махсус додан лозим меояд.

* Низоми таҳсилоти давомдор дар кишвар ба он равишҳое асос ёфтааст, ки муттасилиро дар зинаҳои мухталифи он таъмин мекунанд. Таълими муттасили иқтисодӣ метавонад барои онҳое, ки литсейро хатм мекунанд ва сатҳи гуногуни омӯзиши касбҳои иқтисодиро пеша кардаанд, барои гирифтани маълумоти мукаммали касбии иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ кумак расонад.

* Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ  имкони таълими фанни “Асосҳои иқтисодиёт”-ро, ки замина барои омӯзиши мафҳумҳои ин фан ва пайвастан бо барномаҳои таълими касбии иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд,  фароҳам меоварад.
* Вазифаи таълими иқтисодӣ бояд дар шароити муттасилии байни литсей ва муассисаи олии касбӣ ҳал карда шавад, ки он аз ихтилофҳо дар байни талаботи объективии таълими иқтисодӣ ва рушди насли ҷавон  дар шароити иқтисоди бозорӣ ва татбиқи ин талабот дар назария ва амалияи таълим иборат аст.
* Меъёрҳои баҳодиҳии таълими иқтисодии донишҷӯён бо назардошти давомнокии омӯзиш ба рақобатпазирии дониш ва малакаи донишҷӯён асос ёфта, меъёри азхудкунии дониш ва меъёри ташаккули малака ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тариқ, яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти муттасилии таълими иқтисодии донишҷӯён бо иҷрои як қатор шартҳои ташкилӣ алоқаманд аст, ки имкон медиҳад, мушкилоти таълими босифат дар системаи таълими давомдори иқтисодии литсей – донишгоҳ ба роҳ монда шавад.

# БОБИ II. МАЗМУНИ ТАЪЛИМИ ИҚТИСОДИИ ДОНИШҶӮЁН БО НАЗАРДОШТИ АМАЛИСОЗИИ РОБИТАҲОИ МУТТАСИЛӢ ДАР ЗИНАҲОИ ЛИТСЕЙ – ДОНИШГОҲ

## 2.1 Тартиби ташкили фаъолияти кормандони зинаҳои таҳсилот ва нақши онҳо дар тағири сифати таълим

Раванде, ки натиҷаҳои муайян ва қонеъкунанда дошта бошад, раванди мусоид барои таълим арзёбӣ мегардад ва бо мавҷуд будани муттасилии доимоамалкунанда натиҷаи мусбат хоҳад гирифт. Дар ҳоле, ки аз як тараф тағйироти миқдорӣ бо талаботи зиёди донишҷӯён меафзояд аз ҷониби дигар, талаботҳои сифатӣ имкон фароҳам меорад, ки зина ба зина дониши таълимгирандагон беҳтар гардад.

Агар ҳар як зинаи таҳсилоти муттасилӣ ба таври ноаён давом кунад, яъне танҳо тағйироти миқдорӣ руй диҳад, пас гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигар бесифат ва бе мукаммал гардидани дониши таълимгирандагон ба анҷом мерасад. Муттасилӣ дар як сатҳ тағйироти миқдориро дар назар дорад, вале дар ҳоле, ки давом меёбад, тағйироти сифатиро низ талаб мекунад.

Аз ҳамин ҷиҳат аз рӯйи тартиби муайян ташкилу роҳандозӣ намудани таълими муттасилӣ барои мукаммал намудан ва ғанӣ гардонидани донишу таҷрибаи мутахассисони оянда мавқеи муҳим дорад.

Барои амалӣ намудани раванди муттасилии таълим роҳҳои фаъол гардонидани фаъолияти таълимӣ ва маърифатии ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагону донишҷӯёнро ба нақша гирифтан лозим аст.

Расми 1.Нақшаи амалисозии раванди таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот


Нақшаи амалисозии тартиби ташкили раванди таълими муттасил дар маҷмуи литсей – донишгоҳ
Тадбирҳо
Шакли иҷрои амал
1
Ташкили муҳити мусоид барои таълими фанни иктисодиёт
Таъмин намудани макони таълим, воситаҳои техникӣ ва омӯзгорони ихтисосманд
2
Ташкили маркази бақайдгирии раванди таълими муттасил дар назди донишгоҳ
Гурӯҳи ҳамоҳангсози ҳамкорӣ бо қарори Шурои олимони
3
Баррасии нақша ва амалисозии таълими муттасили зинаҳои литсей ва донишгоҳ дар Шурои олимон.
Бандҳои амалисозии нақшаи таълими муттасил дар Шурои олимон баррасӣ гардида, масъулин вазифадор карда мешаванд.
4
Гузаронидани бозпурсӣ оид ба интихоби касб бо хатмкунандагони литсей
Барои муайян намудани мақсаду ҳадафҳои хатмкунандагон барои давраи аввали интихоби касб варақаҳо пур карда мешаванд
5
Бо гурӯҳҳо тақсим намудани хонандагони литсей бо назардошти касбҳои интихобнамудаашон
Вобаста ба касби интихобшуда, хонандагон дар давраи омодагӣ ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд


6
Таъмин намудани дарсҳои иловагӣ барои хатмкунандагони гурӯҳҳо аз рӯйи интихоби касб.
Барои мукаммал намудани дониш ва таҷрибаи хатмкунандагон дарсҳои иловагӣ бо иштироки омӯзгорони ботаҷриба ташкил карда мешаванд,.
7
Баргузор намудани суҳбат бо падару модарони хонандагон оиди рафти фаъолияти хонандагон дар давраи омодагӣ
Бо иштироки падару модарони довталабон интихоби касби онҳо муайян карда мешаванд
8
Ташкили презентатсияи хонандагон ва донишҷӯёни донишгоҳ аз рӯйи лоиҳаҳои «касби дустдоштаи ман»
Бо роҳбарии омӯзгори фанни иқтисодиё, роҳбари синф ва хонандагон барои муаррифии касб, заруриятҳои он лоиҳа пешниҳод мегардид.
9
Ташкили экскурсия ба корхонаҳои саноатии шаҳр.
Дар нақша бозидид аз фаъолияти корхонаҳои «Фабрикаи шири Саодат», Ширкати «Ёқут», Ширкати «Фароз» ва марказҳои савдои пойтахт дар назар гирифта шудааст.
10
Иштирок намудан дар дарсҳои фанни иқтисодиёт
Бо мақсади муайян намудани сатҳи гузаронидани дарсҳо аз ҷониби омӯзгорон иштирок дар дарсҳо таъмин мегардад
11
Ташкили санҷишҳо дар синфҳои 11 оид ба сатҳи дониши хонандагони ин синфҳо
Дар марҳилаҳои соли таҳсил санҷишҳои шифоҳӣ, тестӣ ва амалӣ гузаронида мешаванд


12
Ташкили мусобиқаҳои озмоишӣ оиди татбиқи назарияҳои иқтисодӣ дар амал бо иштироки хонандагону донишҷӯён
Доир ба маҳорату таҷрибаи омӯхтаи донишҷӯёну хонандагон санҷиши донишу маҳорат гузаронида мешавад.
13
Ташкили мубоҳисаҳои илмӣ аз рӯи мавзуъҳои фанни иқтисодиёт
Аз рӯи мавзуъҳои барномаи таълимӣ мавзӯъҳо интихоб шуда, барои мукаммал намудани дониши онҳо мубоҳисаҳои илмӣ гузаронида мешаванд.
14
Ташкили санҷиши таҷрибавӣ ва самаранокии методологияи таҳқиқот ва таҳлили корҳои ба анҷом расонидашуда.
Таҳлили натиҷаҳои омодагиҳо нисбат ба соли қаблӣ вобаста ба омӯзиш, иштирок дар корҳои таҷрибавӣ ва амалӣ маълумотҳо ҷамъоварӣ мешаванд
15
Гузаронидани усулҳои мушоҳидавӣ роҷеъ ба фаъолияти хонандагон дар дарсҳо ва ҷамъ овардани маълумотҳо нисбати ҳар як хонанда.
Усулҳои мушоҳида аз фаъолияти ҳар як хатмкунанда, пешравии дониш ва малакаи ӯ ба қайд гирифта мешаванд
16
Таъмини иштироки омӯзгорон дар курсҳои бозомӯзӣ
Барои мукаммал намудани донишу маҳорати омӯзгорони фанни иқтисодиёт, иштироки онҳо дар семинарҳои дохилу хориҷи кишвар таъмин карда мешаванд.
17
Ташкили ҳамкорӣ бо омӯгорони фанҳои дақиқ чиҳати ба дарсҳои иловагӣ фаро гирифтани мутахасисони оянда
Бо иштироки омӯзгорони донишгоҳу литсей семинар машваратҳо ба нақша гирифта мешаванд


18
Шиносоӣ ба муассисаҳои олии касбии иқтисодии дохилу хориҷи кишвар (презентатсияи донишҷӯён).
Тариқи тахтаи электронӣ акс, мавқеи ҷойгиршавӣ ва номгӯйи ихтисосҳои донишгоҳҳои олии касбӣ намоиш дода мешаванд
19
Тариқи онлайн ташкили иртибот бо собиқ дастпарварони литсей, ки дар донишгоҳҳои олии берун аз кишвар таҳсил мекунанд
Дар толори донишгоҳ бо иштироки хатмкунандагон, падару модарон ва аъзоёни кумитаи падару модарон робитаи мустақим баргузор карда мешавад.
20
Созмон додани ширкати таълимӣ дар литсей
Барои шинос намудани фаъолияти касбҳои иқтисодӣ дар литсей ширкати таълимӣ бо саҳми муттахассисони хориҷӣ аз рӯйи лоиҳаи «Темпус» созмон дода шудааст.
21
Шинос намудани хатмкунандагон ба қоидаҳои қабул ба маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Барои шинос намудани қоидаҳои қабул ба маркази миллии тестӣ воҳурӣ бо корманди маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад
22
Натиҷагирӣ аз натиҷаҳои сифати дониш ва фаъолияти рушди зеҳнии хонандагоне, ки касбҳои иқтисодиро интихоб намудаанд
Бо иштироки роҳбарияти донишгоҳ бо хонандагоне, ки касбҳои иқтисодиро интихоб намудаанд, тавсияҳои зарурӣ дода мешаванд
23
Ҷамъ овардани давраи дуюми анкетаҳои интихоби касб бо мақсади муайян намудани тағирёбии шуғли интихоб гардида.
Бо мақсади муқоиса ва муайян намудани интихоби аниқи хатмкунандагони литсей анкетаи дуюми интихоби касб гузаронида мешавад.

Айни замон, дар байни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барои ҷалби довталабон рақобати шадид сурат мегирад ва фароҳам овардани шароити воқеъ барои таҳсилоти ҳамаҷонибаи босифат масъалаи дараҷаи аввал ба ҳисоб меравад. Рушди фазои таълимии таҳсилоти касбӣ зарурати таҳияи низому усулҳои нав ва омӯзиши онҳо дар сатҳи байни соҳавиро тақозо мекунад. Ҳамзамон, вазъ тақозо менамояд, ки довталабон аз худи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо) ба барномаи олии касбӣ аз наздик шиносоӣ пайдо намоянд. Дар соли аввали ташкили ҳамкории байни зинаҳои таҳсилот мо зарур донистем бо мақсади алоқаманд намудани фаъолияти кормандони литсей ва донишгоҳ, аз рӯйи нишондодҳои нақшаи зерин амал намоем.

Ҷадвали 3. Нақшаи ташкили ҳамкории байни кормандони зинаҳои таҳсилоти литсей ва донишгоҳ:

| **Раванди муттасилӣ дар маҷмуи литсей - донишгоҳ** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Хонандагони литсей** | | **омӯзгорон, роҳбарони синфҳо)** | | **Донишҷӯёни донишгоҳ** |
| Иштирок дар супоридани санҷишҳои рейтингӣ | | Шурои якҷояи педагогӣ | | Мусобиқаҳои якҷояи варзишӣ |
| Мубоҳисаҳои илмии хонандагони литсей ва донишҷуён дар атрофи мавзуъҳои иқтисодӣ | | Маҷлиси падару модарони хонандагони литсей ва донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳ | | Экскурсияи донишҷӯён ба корхонаҳои саноатии пойтахт |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Иштироки хонандагони литсей дар озмоишгоҳҳои донишгоҳӣ | | Иштирок дар дарсҳои омузгорони ду зинаи таҳсилот | | Ташкили таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар корхонаҳои саноатӣ ҳангоми таътили тобистона. |
| Вохӯрии хатмкунандагон бо кормандони маркази миллии тестӣ | | Ҷаласаи умумии омӯзгорон оид оид ба таҳлили натиҷаҳои нимсолаҳои соли таҳсил | | Таъмини иштироки донишҷӯён дар озмӯнҳои ҷумҳуриявии илмӣ |

Ташкили ҳамкории байни зинаҳои таҳсилот зарурати воқеист ва дар барномаҳои имрӯзуояндаи маорифи ҷумҳурӣ дар мадди аввал хоҳад истод. Гузариш ба чунин тарзи нави таълим махсусан дар байни литсей ва донишгоҳи олии касбӣ аз қабили тадбирҳое ба ҳисоб меравад, ки ба воситаи гузаронидани марҳилаҳои пайдарпай хонандагону донишҷӯён соҳиби малака ва таҷрибаи баланд мегарданд.

Чунин далелҳоро дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ: Нуъмонов М. [116], Оқилов Н. [117:14−21], Давлатшоев И. [45:11−15], Л. С. Виготский [27 :21−31], Гершунский Е. Б. [34:32−38 ], Григорев С. Г. [36:15−22], М. П. Завялова [53:10−18 ], А. И. Зеленков [58:25−31], Казаков А. П. [69:32−35] мушоҳида кардан мумкин аст.

Муносибатҳои гуногун ба ташкили тарбияи мутахассиси муосирро А. А Раззоқов [13:7-12 ], Г. Н. Исаенко [61:25-32 ], Н. Ф Онушкин [120:7-10 ], низ таҳлил кардаанд.

Ба омӯзиши таҷриба ва дурнамои рушди таълими зинаҳои гуногун олимони дигар: Нуъмонов М, Муқимова С. Р. [116:27−31 ], Каримзода О. [68:14−17 ], В. В. Сериков, фикру андешаҳои худро баён карда, онро усули таълимии намуди нав баррасӣ намудаанд. Тафовути нав дидашаванда аз қаблӣ дар он ба назар мерасад, ки дар раванди таълими муттасилӣ мутахассисони оянда давра ба давра омӯзонида шуда обу тоб меёбанд.

Аслан ташкили кор ба воситаи ҳамкорӣ имконият медиҳад, ки мушкилотҳои дар доираи мавзуъ баамаломада, омӯхта шуда, аз руйи онҳо маълумотҳои зарурӣ гирифта шаванд. Бо ин мақсад таълими иқтисодӣ аз зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсей), сатҳи миёнаи таҳсилоти касбӣ (коллеҷ) ва таҳсилоти олии касбӣ (донишгоҳ)-ро таҳқиқ намуда барои бартараф намудани мушкилотҳое, ки барои аз худ намудани донишҳои иқтисодӣ дар зинаҳои таҳсилоти литсей ва донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон монеа эҷод менамуданд, мавриди омузиш қарор дода шуданд.

Низоми таълими муттасилӣ дар маҷмуи литсей-донишгоҳ, низоми ташаккулёфтаи таълими касбии ба ҳам алоқаманд ё ин ки низоми нави таҳсилоти иқтисодӣ тавсиф карда мешавад, Яъне дар раванди муосири илм таълиму тарбияи иқтисодӣ моҳияти нав касб менамояд, ки онро метавон чун омодагии иқтисодӣ ном бурд. Омодагии иқтисодӣ аз ду ҷузъи якдигарро пуркунанда, яъне таълими иқтисодӣ ва тарбияи иқтисодӣ, ки яке ҷанбаи назариявӣ ва дигаре амалӣ дорад, иборат аст.

Ташкил намудани ҳамкории байни муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таълим ҳамеша аз масъалаҳои муҳими педагогӣ ба шумор мераванд, зеро ҳамон вакт

донишҷӯёни муассисаи олии касбӣ натиҷаҳои баландро ноил мегарданд, агар заминаҳои мусбатро аз зинаи қаблӣ ба даст оварда бошанд.

Ҷадвали 4. Нақшаи назорати раванди таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот.

| № п/п | | Талабот ба қобилият, малака ва усули фаъолият |
|---|---|---|
| 1 | Нақшаҳои байниҳамдигарии кормандони зинаҳои таҳсилот | Ҷараёни алоқаро ташкил кардан;<br>Барои ташхис ва натиҷагирӣ намудани ҷараёни таълим заминаи мусбии эҳсосӣ эҷод кардан;<br>Ҳавасманд кардан, мушкилотҳоро ба таври суҳбат ҳал кардан. |
| 2 | Фаъолият ва қабули қарорҳо. | Ташкили фаъолиятҳои муштараки реҷавӣ ва эҷодӣ;<br>Дар ҳолатҳои стандартӣ ва ғайри муқаррарӣ қарор қабул кардан;<br>Истифодаи технологияҳои иҷтимоию фарҳангӣ;<br>Муайян намудани самти фаъолият бо роҳи қабули қарорҳо. |
| 3 | Таҳияи нақшаи дурнамои гурӯҳ | Фаъолиятҳоро ба нақша гирифтан, гузоштани мақсадҳо, гузаронидани таҳлил, ташхис, таҳия ва истифодаи ҳуҷҷатҳои маъмулии фаъолияти касбӣ, ҷустуҷӯйи идеяҳои нав, инкишоф додани таълими муттасил. |

Ба хонанда ё донишҷӯи замони ҳозира танҳо бо маълумоти назариявӣ додани дониш нокифоя ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз, ташкили дарс дар раванди муттасилии таълим бо фарогирии қисматҳои назариявӣ, амалӣ ва мушоҳидавӣ баргузор карда мешавад.

Дар айни замон, аз сабаби афзоиш ёфтани дигаргуниҳо дар соҳаи маориф вобастагии ин зинаҳои таҳсилот низ ба маротиб боло рафтааст. Тағйиротҳои айни замон баамаломада, ба дигаргуниҳои иқтисодиёт,пешравии технологияи нав ва талаботҳои муосири илму маориф дар ҷаҳон вобаста буда, инкишоф додани шахсияти ҳам мактаббачагон ва ҳам донишҷӯёнро ба миён мегузорад.

Дар назар бояд гирифт, ки дар шароити муосир таҳсилоти умумӣ ва касбӣ бо ҳам мувофиқ нестанд. Бисёр донишгоҳҳо ҳатмкунандагонро ба сафи донишҷӯён қабул намекунанд. Сабаби асосӣ сифати пасти таълим дар муассисаҳои зинаҳои поёнӣ мебошад, ки ҳар яки онҳо монеаҳо ба омодагии ҳонандагон мегарданд.

Маълум аст, ки на ҳамаи муассисаҳо имконияти васеи ба роҳ мондани таълими босифатро доро мебошанд. Дар ҳамин самт омилҳои зиёде мавҷуданд, ки барои донишазхудкунии хонандагони баъзе аз муассисаҳои ноҳияҳои дигари кишвар монеа мешаванд.

Расми 2. Омилҳои асосие, ки ба раванди таълим монеа эҷод месозанд.




Имрӯз хатмкардаи донишгоҳ бояд на танҳо сатҳи баланди касбӣ дошта, шахси ҳамаҷониба рушдёфта бошад, балки ҷаҳонбинии васеъ, маҳорати баланди фикрронӣ, забондонӣ, зиракии сиёсиро доро бошад ва дар ҳалли бисёр масъалаҳои рӯзмарра омодагии худро нишон дода тавонад. Аз ин лиҳоз ба он таваҷҷуҳ намудан лозим аст, ки ӯ ин

хислатҳоро танҳо дар муассисаҳои таълимӣ ноил гардиданаш имкон дорад ва ин танҳо дар натиҷаи ташкили дурусти таълим ба даст меояд.

Дар асоси тартиби ташкили муттасилӣ тамоми қобилияте, ки хонандаи литсей дар аввали зинаи аввали таҳсилот доро мебошад, ба қайд гирифта мешаванд:

Расми 3. Номгуи қобилиятҳое, ки мутахассисони оянда онҳоро бояд доро бошанд.




Нақшаҳои хатмкунанда дар асоси раванди ягонаи таълимӣ амалӣ мегардад ва бо эҳтимолияти зиёд зинаро фатҳ намуда, ба зинаи минбаъда ворид мешавад. Дар ин маврид вай ба дараҷаи муайяни ҳамкорӣ бояд расида бошад:

Расми 4.Самтҳои инкишофи мутахассисони оянда




Тартиби ташкили муттасилӣ дар таълими иқтисодии хонандагону донишҷӯён, ки дар боло нишон дода шуд, ба ташаккул ёфтани маълумоти иқтисодии онҳо равона карда мешавад. Дар баробари ин дар раванди таълими муттасилӣ на аз рӯйи хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, балки аз рӯйи донишазхудкунӣ, натиҷаҳои нишондодаи хонандагону донишҷӯён таҳлил карда мешаванд.

Эҷоди чунин технологияи таълим аз он иборат аст, ки пайвастагии таълими фанни иқтисодиётро дар маҷмуи литсей–донишгоҳ таъмин месозад. Баъди анҷоми зинаи аввали таҳсилот ба ҳар як хатмкардаи литсей доир ба донишҳои иқтисодии гирифтааш баҳо дода мешавад.

Дар назар бояд дошт, ки муттасилӣ на фақат дар таълими фанни иқтисодиёт татбиқ карда мешавад, балки дар ҳамаи фанҳои таълимӣ ва зинаҳои таҳсилот (ҳатто байни зинаҳои муассисаҳои томактабӣ ва синни хурди мактабӣ) татбиқ карда мешавад. Мисоли мушаххас доир ба омӯзиши фанни математика ин аст, ки агар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо) мавзуъҳои функсияҳои яктағйирёбандаро, ки аз синфи 7 то11 меомӯзанд, дуруст аз худ накарда бошанд, дар омӯхтани функсияҳои бисёртағйирёбандадор дар математикаи муассисаҳои олии касбӣ душворӣ мекашанд. Айнан ҳамин тавр дар зинаи аввали таҳсилот аз мафҳумҳои аввалаи иқтисодӣ

маълумоти дақиқ пайдо накардан боиси дониши мукаммал нагирифтани мутахассисони оянда мегардад.

Аз рӯйи тартиби муайяни муттасилӣ амалӣ намудани раванди таҳсилоти иқтисодӣ бо ҳамкории байни муттахасисони байни зинаҳои таҳсилот мушкилотҳои пайдошударо бартараф кардан мумкин аст. Аҳаммияти ин тарзи фаъолият инчунин аз он ҷиҳат муҳим ба ҳисоб меравад, ки дар зинаҳои аввали таҳсилот сифати баланди таълим, яъне бо ташкилу баргузор намудани машғулиятҳои амалӣ ва таҷрибаю маҳфилҳои фаннӣ ба роҳ монда мешавад, то ки дар зинаҳои баъдӣ барномаҳо бо осонӣ аз худ шаванд.

Баъди хатми ҳар як зинаи таҳсилот ҳам литсей ва ҳам донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳ ба хонандагону донишҷӯён расм омода карда мешавад, ки он на расми ӯ, балки тамоми донишу маҳорату хислат ва истеъдоди бадастовардаи ӯ муаррифӣ карда шуда, лоиқи дар муассисаи олӣ таҳсил кардан ва ё накарданаш муайян карда мешавад. Бо чунин раванд ташкил додани фаъолияти якҷояи кормандони зинаҳои гуногуни таҳсилот барои пурра ва мукаммал сохтани маълумотҳо аз сатҳи миёнаи умумӣ то ба сатҳи маълумоти олӣ шароити заруриро фароҳам меорад. Ҳамзамон, татбиқи якхелаи барномаҳои таълимии касбӣ дар муассисаҳои гуногуни таълимии намудҳои мухталиф осон хоҳад гардид.

Барои пурра ва дақиқ муайян кардану ислоҳ намудани монеаҳои ба раванди таълим таъсиррасонанда мушоҳидаҳою санҷишҳои гузаронидашуда имкон доданд, ки бисёр масъалаҳои асосии барои пешравии кор мусоидаткунанда муайян карда шаванд. Аз ҷумла, тадбирҳои анҷомдодашаванда барои омода намудани шогирдон барои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои иқтисодӣ заминаи устувор хоҳад гузошт. Нақшаҳои дар боло нишондодашуда дурнамои омодасозии мутахассисони оянда ба ҳисоб мераванд, ки қисматҳои зеринро дар бар мегиранд:

1) Ташаккули тафаккури нави иқтисодии донишҷӯён ва омӯзгорон вобаста ба талаботи замони муосир иҷро гардад;

2) Дар тамоми раванди таълими зинаҳои таҳсилот омӯзонидани он, ки минбаъд ҷавонону наврасон дар ояндаи наздик на дар давлати аграрӣ, балки дар кишвари саноатию аграрӣ кору фаъолият хоҳанд кард, яъне бо назардошти он, ки дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои калони саноатӣ сохта шуда истодаанд ва соҳибкорӣ дар ҳоли рушд қарор дорад, бинобар он ҳар як хонандаю донишҷӯ дар асоси барномаи таълими муттасил омода карда шавад;

3) Бо мақсади ҳамоҳанг сохтани сифати таълим дар зинаҳои таҳсилот ва муваффақ гардидан дар натиҷаҳои он дар литсей ташкили озмуни қабули хонандагони болаёқат ба нақша гирифта шавад;

4) Барои шинос намудани хонандагони литсей ва донишҷӯёни соли аввали донишгоҳ аз ҷараёни фаъолияти иқтисодии мутахассисон дар корхонаҳои калони иқтисодӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз қабили заводи алюминии шаҳри Турсунзода, корхонаҳои истеҳсолии шаҳри Душанбе, минтақаҳои озоди иқтисодии ноҳияҳои Данғара, Кулоб ва дигарҳо ташкили боздидҳо;

5) Ба нақша гирифтани иштироки омӯзгорони зинаҳои таҳсилот дар семинарҳои омӯзишӣ ва марказҳои вилоятҳо созмон додани марказҳои омӯзишӣ ва таҷрибаивазкунии омӯзгорони дар таълими муттасили иқтисодӣ ширкаткунанда;

6) Ҷиҳати муваффақ гардидан дар таълиму тарбияи иқтисодии хонандагону донишҷӯён дар ҷараёни таълими муттасилии литсей – донишгоҳ бо усулҳои наву муосир ташкил намудани ҳамкории байни зинаҳои таҳсилот;

7) Дар нақшаи кории гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот ҷой додани шаклҳои гуногуни муайян кардани донишандӯзӣ, минҷумла аз фанни иқтисодиёт, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дарҷ мегарданд, яъне ҳам назорат ва ҳам таҳлили корҳои бaанҷомрасида, ки фарогири

машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ буда, донишомӯзии хонандагон ва донишҷӯёнро дар раванди таълими муттасилии литсей – донишгоҳ дар бар мегиранд;

8) Бо мақсади беҳтар намудани сифати кор дар раванди таълими муттасилӣ, пеш аз ҳама ташкили озмуни қабули мутахассисони варзида тадбири муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин бо иштироки онҳо гузаронидани ҷамъияти илмӣ, ки дар ҷустуҷӯи мундариҷа, усул ва шаклҳои ҷараёни таълим ва умуман корҳои эҷодӣ саҳм мегузоранд,

9) Ташкили кор дар литсей аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фарққунанда буданаш амри воқеист. Дар баробари миқдори бештари соатҳои дарсӣ, ки асосан заминаи риёзӣ ва иқтисодиро доранд, дар нақшаи таълимӣ барои тақвият додани донишҳои омӯхта машғулиятҳои амалӣ ҷой дода мешаванд. Инчунин, вазифаҳои асосии давраи таълими литсей–донишгоҳ ҳамеша рушдкунанда бояд бошанд ва аз зинаҳои қаблӣ ба куллӣ фарқ кунанд ва ҳар яки зинаи таҳсилот хусусиятҳои алоҳидаи барои сатҳи гуногуни таҳсили ба худаш хосбударо доро бошанд. Ҳамин тариқ, дар навбати аввал литсей ба азхудкунии таълими фанҳо, аз ҷумла иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам оварда, бо мақсади роҳнамоии касбии донишҷӯён, ташаккули низоми дониш ва малакаҳои касбомӯзӣ, ташаккули ҳавасмандӣ барои фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ва амалӣ замина мегузорад.

Дар донишгоҳ донишҷӯён қонунҳои иқтисодиёт ва дигар ҳамкориҳои иктисодиро меомӯзанд, усулҳои таҳқиқоти илмиро аз худ мекунанд, тарзи ташкили соҳибкорӣ ва ғояҳои пешрафтаи назарияи иқтисодро ёд мегиранд. Саҳми литсей аз он иборат аст, ки ба воситаи ташкили чорабиниҳои шавқовари мазмуни иқтисодидошта диққати онҳо ба таҳсилоти минбаъда ҷалб гардида, барои ташаккули тафаккури нави иқтисодӣ, рушди қобилияти эҷодӣ гирифтани онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Донишгоҳ рушди шахсии донишҷӯ, рушди малакаҳои муошират, ташаккули фарҳанги башардӯстона, ташаккули ниёз ба касби худ, таҷрибаи баланд бардоштан, нерӯи эҷодӣ гирифтан, рушди самтҳои гуногуни иқтисодӣ аз худ намуданро омӯзонида, ба навоварию ихтироъкорӣ омода месозад.

Ҳамин тариқ, таҳсилоти муттасилии касбӣ, ки аз рӯйи шакли муайян дар таълими таҳсилоти литсей – донишгоҳ татбиқ мешавад, барои бо осонӣ ва беҳтару пешакӣ омода намудани мутахассисони оянда ва қаблан таъмин намудани донишҳои зарурӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Маҳз чунин ҳамкориҳо дар эҷоду ҷӯстуҷӯйҳо рақобати илмиро ба вуҷуд оварда, ба баланд гардидани таҷрибаи кории кормандони факултаҳои иқтисодӣ ва ҳамзамон муттахасисони литсейҳо нақши муҳим мебозад. Пурсишҳои сотсиологии хатмкунандагони литсейи ДДТТ ва Коллеҷи техникии ДДТ ба номи академик М. Осимӣ ва гуфтугӯ бо волидон, дар мавриди таҳлили тамоюлҳои умумии рушди таҳсилот нишон доданд, ки хатмкунандагон чӣ мехоҳанд.

Ҷадвали 5. Муайянсозии тамоюли фаъолияти таълимгирандагон барои солҳои минбаъда.

| | |
|---|---|
| Самти интихоби касб | Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ, гуманитарӣ ва иҷтимоӣ, физика ва математика дониш гиранд; |
| Фаъолияти касбӣ | Дониши гирифташударо дар амал татбиқ карда тавонанд; малакаҳои муошират ва роҳбарӣ дошта бошад; |
| Эҷодкорӣ ва навоварӣ | Касбро инкишоф диҳанд ва қобилияти мутобиқ шудан ба кори |

| | |
|---|---|
| | навро дошта бошанд; |
| Такмили ихтисос | Ба таври ройгон таҳсил гиранд, аммо ҳамзамон онҳо омода бошанд, ки барои муассисаҳои таълимии баландсифати донишгоҳи бонуфуз маблағ супоранд. |

Барои ҳамоҳанг сохтани донишҳои назариявӣ ва амалӣ иҷрои тадбирҳои дар нақшаи боло дарҷгардида муҳим дониста шуд.

Ҷадвали 6. Нақшаи иҷроиши тадбирҳои баландгардонии донишу таҷрибаи хонандагону донишҷӯён

| №т/р | Номгӯйи чорабиниҳо | Мудати иҷро | Макони иҷро | Миқдори иштироккунандагон | Дараҷаи иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Иштирок намудан дар дарсҳои иловагии фанҳои математика | Рӯзҳои чоршанбеи ҳар ҳафта | Бинои шуъбаи иқтисодиёти донишгоҳ | 15 нафар | 80% |
| 2. | Дарси иловагии фанни химия | Ҷумъаи ҳар ҳафта | Бинои шуъбаи иқтисодиёти донишгоҳ | 7 нафар | 80% |
| | | Рӯзҳои | Маркази тестӣ | 15 нафар | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3. | Ичрои амалиётҳои ҳисоббарорӣ ба воситаи компютер | сешанбе | | | 70% |
| 5. | Иштирок намудан дар олимпиадаҳо и даврӣ. | Моҳҳои октябр, январ | Маркази рушди истеъдодҳои шаҳр | 8 нафар | 40% |
| 6. | Забономӯзӣ | Рӯзҳои душанб е | Факултаи забонҳои хориҷӣ | 22 нафар | 70% |
| 7 | Иштирок дар озмуни “Илм-фурӯғи маърифат” | Сентябр - май | Китобхонаи миллӣ | 4 нафар | 40% |
| 8 | Иштирок дар сайёҳат ба корхонаҳои саноатӣ ва марказҳои савдои шаҳр | Октябр,<br><br>Ноябр<br><br><br>ноябр,<br><br>декабр,<br>феврал, | Корхонаи “шири саноат”,<br>Ширкати “Қолинҳои Душанбе”<br>Маркази савдои “Пайкар”ва”Ашан”<br>Комбинати | 27 нафар<br><br><br>20 нафар<br><br><br>26 нафар<br><br>27 нафар | 80% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | март | насоҷии пойтахт | | |
| 9 | Вохӯрӣ бо собиқ дастпарварони литсей | апрел | Бо тариқи онлайн дар толори донишгоҳ | 27 нафар | 80% |
| 10 | Таҳияи слайдҳо ва намоиш додани онҳо | Апрел-май | Намоиши дастовардҳои замони истиқлолият | Хатмкунандагони литсей ва донишҷӯёни соли аввали донишгоҳ | 90% |
| 11 | Иштирок намудан дар мубоҳисаи илмӣ дар мавзуи илмӣ | апрел | Мавзуи илмӣ “Ҳама касбҳо хубанд, аммо касби интихобгардида боз беҳтар” | Кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти донишгоҳ | 70% |
| 12 | Омухтани рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз маълумотҳои шабакаҳои телевизиони | Сентябр - май | Намоиши факту рақамҳо оид ба тағироти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ | Хатмкунандагони литсей ва донишҷӯёни донишгоҳ | 40% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҷумҳурӣ | | | | |

Диаграммаи 2. Натиҷаҳои иҷроиши нақшаи баланд бардоштани таҷрибаи касбазхудкунии хонандагони литсей дар соли таҳсили 2021-2022




Диаграммаи 3. Натиҷаҳои иҷроиши нақшаи баланд бардоштани таҷрибаи касбазхудкунии хонандагони литсей дар соли таҳсили 2022-2023




Фоизҳои дар диаграмма дарҷгардида дар муқоиса ба ду соли таҳсил нишон медиҳанд, ки хатмкунандагони литсей омодагии худро бо интихоби дурусти касб, мукаммал намудани дониш, омухтани маълумотҳо доир ба касби интихобнамуда, шуғл варзидан дар чорабиниҳои ҷанбаи иқтисодидошта, иштирок дар сайёҳати корхонаҳои саноатии пойтахт, шуғл варзидан дар корҳои эҷодӣ ба монанди:омода

намудани лоиҳаҳои хурд ва дигар эҷодкориҳо вусъат дода то хатми муассиса донишу таҷрибаи худро баланд бардоштанд.

Дар диаграммаи соли таҳсили баъдӣ миқдори тадбирҳои иҷрогардида нисбат ба соли таҳсили қаблӣ зиёд ба назар мерасанд. Ин далолати он аст, ки баъди омӯхтану намоиш додани навовариву эҷодкориҳо, презентатсияҳо дар мавзуъҳои “касби дустдоштаи ман” ва ширкат варзидан дар сайёҳатҳо ба марказҳои савдо аз қабили: “Пайкар”, “Ашан”, ”Гелос”, бозори “Меҳргон”, ширкатҳои истеҳсолии “Мармарӣ”, ”Қолинҳои Душанбе”, пешниҳоди навовариҳо ба монанди: иштирок дар лоиҳаҳои ба мавзуъҳои рушди иқтисоди ҷумҳурӣ нигаронидашуда ва ғайраҳо донишҳои хонандагон мукаммал гардонида шуданд.

Ҳамин тариқ, меъёри самаранокии таълими иқтисодӣ, ба фикри мо, татбиқи дониш ва малакаҳои рақобатпазирӣ мебошад. ки дар ҷараёни таълим қабул карда мешаванд. Яъне ба омӯзиши қонунҳои иҷтимоию иқтисодии рушд, мушкилоти иқтисодиёти бозорӣ, хусусиятҳои вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, худидоракунӣ ва худбаҳодиҳӣ ва ба танзим даровардани усулҳои кор, инкишофи малакаҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва тиҷорат иҷро мешаванд. Вазифаҳои номбаршуда вобаста ба ҳадафи фаъолияти мушаххаси иқтисодӣ ва шароити афзалиятнок пайваста мураккаб, тағйирёбанда ва рушдёбанда мешаванд.

Арзёбии дониш, ки унсури зарурии ҷараёни таълим мебошад, раванди таълимро бо натиҷаи он пайваст намуда, на танҳо ба ташкил ва баланд бардоштани самаранокии ин раванд таъсир мерасонад, балки ба рушди дониши таълимгиранда – мавзуи таълим, аз ҷумла ташаккули худшиносии ӯ ҳамчун хусусияти асосии шахс таъсир мерасонад.

Меъёрҳои баҳодиҳии таълими иқтисодии донишҷӯён бо назардошти давомнокии омӯзиш ба рақобатпазирии дониш ва малакаи донишҷӯён, аҳаммияти шахсӣ ва иҷтимоии онҳо асос ёфта, меъёри азхудкунии дониш

ва меъёри ташаккули малакаро дар бар мегирад. Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда нишондиҳандаҳои онҳо муайян карда мешаванд: самаранокӣ, огоҳӣ аз дониш, ҳаҷм, суръат, дақиқӣ, қобилияти донишҳои гирифташуда (меъёр барои азхудкунии дониш); дурустии амалҳои иҷрошуда, оқилии ташкили меҳнат, мустақилият, суръати иҷрои корҳо. (меъёрҳои ташаккули малака) ва ғайра.

Дар зинаи аввал, яъне литсей таҳсилот дар асоси нақшаи таълимии тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, омӯзиш тибқи нақшаҳои литсейҳои таълимии ба ҳам алоқаманд вобаста ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ сурат мегирад. Ин зинаро хонандагон бо гирифтани маълумоти миёнаи умумӣ хатм менамоянд ва барои гирифтани номи донишҷӯй омодагӣ мегиранд. Ба хатмкунандагони литсей шаҳодатномаи давлатии маълумоти миёнаи умумӣ ва шаҳодатномаи маълумоти касбӣ дода мешавад.

Дар зинаи баъдӣ таълимгирандагон барои гирифтани маълумоти миёнаи касбӣ таҳсили илм мекунанд. Ин дар сатҳи литсейҳои касбӣ, коллеҷҳо, аз ҷумла дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии ба номи Муҳаммад Осимӣ ва инчунин, курсҳои махсуси донишгоҳ сурат мегирад, ки мо таҳқиқоти худро дар онҳо гузаронидем. Омодасозии мутахассисон тибқи нақшаи таълимии литсей ва донишгоҳ аз рӯи ихтисоси иловагии маълумоти олии касбӣ, ки ба таҳсилоти миёнаи касбӣ монанд нест, ҷараён мегирад. Ҳамин тариқ, литсей дар пешравии таълими муттасилии раванди литсей –донишгоҳ бо мундариҷа ва усулҳои ташкили кор нақши калидиро мебозад.

Мушоҳидаҳои ду соли таҳсилро ба инобат гирифта, ба хулоса омадан мумкин аст, ки таълим бо низоми муттасилӣ сафи хоҳишмандонро ба ин соҳа афзоиш медиҳад. Низоми таълими литсей – донишгоҳ, алалхусус дар соҳаи таълими иқтисодӣ асосан дар се самт татбиқ мешавад: ҷалби иқтисодчиёни оянда, ташаккули равандҳои таълим, ислоҳот дар ташкили сифати таълим..

Дар литсейи равияи иқтисодӣ ва табиӣ-риёзӣ дошта бо мафҳумҳо ва усулҳои барои давраи то донишгоҳ замина гузошта мешавад. Дар таҳсили давраи донишгоҳ барои баланд бардоштани малакаи касбӣ, рушди малакаҳои ташкилӣ ва идоракунӣ кумак расонида мешавад. Аз ҳамин сабаб таваҷҷуҳ ба равандҳои таълим дар маҷмӯи литсей-донишгоҳ зиёд мебошад, зеро донишҷӯ метавонад мунтазам дар сатҳи маълумоти касбӣ–иқтисодӣ (маълумоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ) як сатҳ боло равад.

Давомнокӣ дар ин ҷо ҳамчунин ба меъёрҳои таълим, имкон медиҳад, ки ҳангоми гузаштан аз зинаҳои таҳсилоти касбӣ якчанд ихтисоси маълумоти иқтисодии худро гирад. Масалан, маълумоти миёнаи касбӣ аз рӯйи ихтисоси 0601 “Иқтисод, ба ҳисобгирӣ ва назорат” ва маълумоти олии касбӣ - аз рӯйи ихтисоси 521500 “Менеҷмент” ва ғайра.

Мафҳуми давомнокӣ дар низоми литсей–донишгоҳ дар барномаҳои таълимӣ ва касбӣ ҳамчун ҳамроҳкунии пайдарпайи донишҷӯён ба фаъолияти муттасилии таҳсил ҳангоми пешбурди сатҳҳои таҳсилоти касбӣ пайдо мешавад. Мо тарбияи мутахассисро дар низоми литсей–донишгоҳ, ки ба маълумотҳои илмҳои ба ҳам алоқаманд асос ёфтааст, ҳамчун падидаи хуб мешуморем ва ин нуқтаи оғози омодагии мутахассис ба касбиояндааш дар соҳаи иқтисодиёт мебошад.

Дар намунаҳое, ки мо омӯхтем, чун таҳлилҳои қаблӣ, донишгоҳ ҳамчун таҳиягари пешбар ва ҳамрафъи мушкилоти таълими муттасилӣ ва робитаи он дар заминаи татбиқи давраҳои илмҳои иқтисодӣ, инчунин дар асоси андешаронихо барои ҳалли мушкилоти беҳтар кардани сифати тайёр кардани мутахассисон масъул мебошад. Дар мисоли мо, литсей ташаббускори таъсиси чунин низом, аввал раванди таҳсилоти давомдор, дар заминаи муттасилии байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ ва баъдан барқарор намудани робитаҳои шарикӣ бо донишгоҳ мебошад, ки дар таҳияи литсей –донишгоҳ фаро гирифта мешавад.

Таҳияи дурусти барномаҳои таълимӣ барои омодасозии мутахассисони оянда дар низоми литсей–донишгоҳ барои таваҷҷуҳи бештару хубтар зоҳир намудани хатмкунандагони литсей ва умуман хонандагони синфҳои болоии литсей ва барои мукаммал гардонидани донишҷӯёни донишгоҳ мусоидат намояд.

Масалан, аз рӯйи барномаи ягона таълим гирифтани зинаҳои таҳсилоти мавҷуда дар литсей ва донишгоҳ барои роҳандозии таълими фанни иқтисодиёт нисбат бо усули қаблӣ барои бо муваффақият анҷом додани корҳо нақши созгор гузошта метавонад.

Бо ҳамин тариқ ҷараёни омодагии иқтисодии донишҷӯ дар таълими муттасилӣ имконият медиҳад, ки ташаккули сифатҳои шахсӣ дар донишҷӯён, тақвият бахшидани ҷиҳатҳои маърифатӣ, эҳсосот ва мустақилияти онҳо рушд ёбад. Он гоҳ натиҷа ҳосил мегардад, ки ба ташаккули шахсияти шогирдон бомуваффақият таъсир расонида тавонем ва тамоюли ҷараёни таълимии муассисаи таълимиро таъмин кунем. Аз ҷониби дигар ҷалби бештари довталабоне, ки касбҳои ҷанбаи иқтисодидоштаро интихоб намудаанд, бештар намуда, ба шогирдон барои мутобиқ шудан ба шароити муосири иҷтимоӣ кумак расонем.

## 2.2 Методикаи ташкили таълими иқтисодии таълимгирандагон бо назардошти амалисозии муттасилӣ дар зинаҳои таҳсилот

Раванде, ки таҳия намудаем, барои таълимгирандагон дар зинаҳои гуногуни таҳсилот аз худ намудани мазмуни барномаи таълимӣ ва омодагӣ гирифтан ба талаботҳои бозори меҳнат кумак мерасонад. Дар ин самт хатмкардаи донишгоҳ ҳангоми оғоз намудани фаъолияти корӣ мавқеи худро дар истеҳсолот пайдо мекунад. Инчунин, донишҳои мукаммали азхудкардааш ба ӯ имконият медиҳанд, ки равобити ҳамкорӣ бо мутахассисони берун аз кишварро низ ба роҳ монад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон садҳо соҳибкоронро дидан мумкин аст, ки дар ҳамкорӣ бо мутахассисони хориҷӣ корхонаҳои хурду бузурги

саноатӣ бунёд намуда, маҳсулотҳое истеҳсол менамоянд, ки на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки дар давлатҳои хориҷа низ харидорони худро доранд.

Раванди таълими муттасил дар байни муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус литсей ва донишгоҳ ҷиҳати замина гузоштан дар омодасозии мутахассиси сатҳи баланд имкониятҳои фарохтарро фароҳам меоварад. Омили ташаккулдиҳандаи ин тарзи бароҳмонии таълим дар байни муассисаҳои миёна ва олии касбӣ маҷмуи барномаҳои таълимию методӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзгорони зинаҳои таҳсилот дар заминаи муносибатҳои ҳамкорӣ дар якҷоягӣ метавонанд, фаъолияти таълимӣ-методии иҷрои барномаҳо ва ташкили раванди таълимро амалӣ намоянд.

Дар робита бо тағйир ёфтани қисматҳои барномаи таълимӣ машваратҳои якҷояи дастурдиҳии омӯзгорони донишгоҳу литсей ба нақша гирифта мешаванд. Аз тарафи дигар ҷалб намудани омӯзгорони пешқадами донишгоҳ барои фаъолият намудан дар литсейҳо ва барои гузаронидани машғулиятҳои алоҳидаи фаннӣ ба ин нақша дохил карда мешаванд.

Ташкили такмили ихтисос барои омӯзгорони литсей дар курсҳои бозомӯзӣ, тавассути таҷрибаомӯзӣ дар кафедраҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, Донишгоҳи иқтисодии Тоҷикистон, тавассути иштирок дар машғулиятҳои таҳсили рӯзона, аспирантура, семинарҳо, иштирок дар корҳои таълимӣ ва илмӣ-методӣ, ташкили пойгоҳи таҷрибавӣ дар дохили литсей аз ҳисоби ҷалби омӯзгорон ба корҳои таҷрибавӣ, ташкили корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо хонандагон, сатҳи малакаҳои методологӣ ва педагогии онҳоро зиёд мегардонад.

Дар ҳама марҳилаҳои муттасилии иқтисодии таҳсил дар низоми литсей-донишгоҳ сатҳи таълим бояд рушд кунад ва инчунин таълимгиранда низ дар ин самт аз навгониҳои илмӣ ва технологияи

пешрафта бархурдор шаванд. Дар ин замина қобилият ва манфиатҳои вай барои гирифтани таълими бисёрҷонибаи иқтисодӣ мувофиқат бояд намояд. Азбаски зарурияти муҳимтарини ташаккули нақшаҳои таълимии литсей-донишгоҳ мувофиқатии барнома ва нақшаҳо, мундариҷа ва таъминоти методологии он маҳсуб меёбанд, пеш аз оғози фаъолият онҳо ташхис ва баррасӣ карда хоҳанд шуд.

Таҳлили нақша ва барномаҳои таҳиянамудаи омӯзгорон гузаронида шуда, барои фароҳам овардани тартиби дурусти кор машваратҳои муштараки устодони литсею донишгоҳ гузаронида мешаванд. Дар он истифодаи роҳу усулҳо дар таълим бо назардошти хусусиятҳои синнусолии  хонандагон, таҳлил намудани натиҷаҳои аввали таҷриба, баррасии фаъолияти устодон ва натиҷаҳои то ин дам бадастовардаи онҳо, тавсияҳои омӯзгорони ботаҷриба ва ихтисосманд барои  дар ин ё он гуруҳ ба инобат гирифта шуда, ба рушду такомул додани кори устодон дар ҳама сатҳҳои таълими иқтисодӣ ба роҳ монда мешаванд.

Барои омода намудани барномаҳои таълимӣ омӯзгорони ҳамаи зинаҳоро дар ҳамкорӣ мебоист ҷалб намуда, нақшаю барномаҳоро дар таҳлили муштарак доир намоянд. Дар акси ҳол такрор омадани мавзуъҳо аз эҳтимол дур нест. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар сурати такрор омадани мавзуъҳо лозим  меояд, ки мавзуи қаблии ба онҳо алоқаманд аз сари нав омӯзонида шаванд.

Таҳлили барномаҳои таълимӣ дар литсей ва донишгоҳ нишон дод, ки мавзуъҳои барномаҳои таълимӣ аз сода сар карда шуда, то ба зинаҳои болоӣ вобаста ба синну соли таълимгиранда тартиб дода шаванд. Пай дар пай ҷобаҷогузории мавзуъҳо дар мундариҷа имконияти барои ихтисосманд шудани таълимгирандагон бо маводҳои мувофиқ мусоидат мекунанд. Дар ин сурат, аз як тараф, таълими муттасилии зинаҳои таҳсилот таъмин гардида,  аз тарафи дигар пешниҳоди мавзуъҳои пешрафтаи фанҳои таълимӣ низ ба барномаҳои таълимӣ ворид карда мешаванд.

Ҳангоми таҳияи барномаҳо фикру пешниҳоди ҳамаи мутахассисон ба инобат гирифта шуда, ворид намудани маълумоти нав ва пурраю мукаммал намудани мавзуъҳои барнома ва бардоштани мушкилотҳои ҷойдошта ҳалли худро хоҳанд ёфт. Дар тағйир додани мундариҷаи барномаҳо ташкилу баргузории семинархо, курсҳои гуногуни махсус, машгулиятҳои беруназсинфӣ, ташкили намоиши навгониҳои илмии ҷаҳонӣ, ташкили робитаҳои байни муассисаҳои ноҳия, шаҳр ва ҷумҳурӣ ба нақша гирифта мешаванд.

Фаъолияти таълим дар ҳама сатҳҳо мутобиқи нақша ва барномаҳои дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот таҳиягардида, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд, ба роҳ монда мешаванд. Мундариҷаи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ низ аз ҷониби барномаҳои дахлдори давлатии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ муайян карда шуда, инчунин тибқи корҳои таҳқиқотии мутахассисони варзида таҳия карда мешаванд.

Нақшаи таълимии литсей дорои сохтори ду қисмат буда, дар пайвастагии бандҳои асос ва зербандҳо тартиб дода мешаванд. Дар самти иқтисодиёт мавзуъҳо аз сода ба мураккаб бо истифода аз корҳои амалӣ ба мундариҷа дохил карда мешаванд. Ҳамаи ин бандҳо дар умум барои инкишофи донишҳои аввалаи иқтисодӣ имконият фароҳам меоваранд. Барои ҳар як сатҳ барномаи таълимии алоҳида таҳия шуда, дорои роҳнамои умумии рушди касбӣ бандҳои онро ташкил медиҳанд. Бандҳо бо ҳам алоқаманд буда, раванди таълими иқтисодиро муайян мекунанд.

Таълими иқтисодӣ дар ҷараёни омӯзиши фанҳои таълимӣ ба монанди математика, физика, химия ва ғайра тавассути намудҳои гуногуни ҳамкорӣ амалӣ карда мешавад. Бонизом ҷорӣ намудани таълими муттасилии иқтисодӣ дар баланд бардоштани сифати таълим барои дигар фанҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Хусусиятҳои зерин ба литсей хосанд: align азнавсозӣ ва бартарӣ доштан нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, махсусан аҳаммият додан ба фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ ва ба ҷойи дарсҳои муқаррарӣ гузаронидани дарсҳо бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим, гузаронидани бозиҳои мазмуни иқтисодидошта, ташкили озмӯну мусобиқаҳо, семинарҳо ва ғайра.

Азхудкунии донишҳо, ташаккули маҳорат ва малакаҳо зимни дарсҳои муттасил ҳосил мегарданд. Роҳҳои тарзу ташкили омӯзиши маводи таълимӣ гуногунии навъҳои дарсро талаб мекунад. Гуногунии шаклҳои дарс дар таълим барои ба мақсад мувофиқ интихоб намудани қисматҳои дарс кумак мерасонад. Ҳар як шакли дарс сохт ва хусусиятҳои муайяни худро дорад ва дар рафти он омӯзгор барои фаҳмонидан ва мукаммал намудани дониши таълимгирандагон ташкили бозӣ, мусобиқаи байни гурӯҳҳо, озмунҳои мазмуни иқтисодидошта, такрор намудани маводи таълимӣ бо истифода аз айёниятро роҳандозӣ мекунад. Ба ин монанд дарсҳое ҳам ташкил карда гузаронида мешаванд, ҳамаи намудҳо ва усулҳоро фаро гирифта бошад ва ин тарзи ташкили дарсро олими рус Ю.К.Василев [100:27–29], дар китоби худ “Таълим ва маърифати иқтисодӣ” баррасӣ намуда қайд менамояд, ки

“дарси баёни маводи таълимӣ, дарси ташаккулдиҳӣ ва мустаҳкамкунии маҳорат ва малакаҳо, дарси ҷамъбасткунӣ, такрорӣ, дарси назораткунӣ, санҷиш ва баҳогузорӣ дониши таълимгирандагонро мукаммал мегардонанд.”

Дар дарси фанни иқтисодиёт зимни амалӣ намудани таълими муттасил омӯзгор дарсро бо ташкили таҷрибаю озмунҳое, ки фаъолиятҳои иқтисодии ҳаррӯзаи одамонро дар бар мегиранд, мегузаронанд. Тавре, ки аз нақшаи таълимии фанҳои иқтисодӣ дар қисми иловагии барномаи таълимӣ дида мешавад, ба омӯзиши амиқи фанҳои табиӣ-математикӣ (физика, химия, алгебра) ва асосҳои иқтисодиёт афзалият дода мешавад. Соатҳои физика, химия, алгебра дар як ҳафта то

ба 3-7 соат расонида шуд ва фанни асосҳои иқтисодиёт ҳамчун фанни асосӣ дар синфи 11 ба нақша дохил карда шудааст

Дар асоси нақшаҳои таълимӣ нисбатан барои заминагузорӣ барои омодагӣ ҷиҳати соҳибкасб шудан дар литсейҳо шароитро мусоидтар кардан мумкин аст. Баъди гузаштани зинаҳои вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии муассисаҳои таълимӣ омӯзиши мавзуъҳо васеътар гардида, дар баробари тарҳи мавзуъҳо корҳои амалӣ зиёдтар ба нақша гирифта мешаванд. Илова бар он, дар донишгоҳу донишкадаҳои иқтисодӣ нақшаҳои интенсивӣ истифода бурда мешаванд.

Омӯзгорони донишгоҳҳо ва литсейҳо саъю кӯшиши худро ҷиҳати омода кардани тавсияҳои методӣ нисбати ташкили раванди таълим ва корҳои мустақилонаи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимӣ, ки ба ин раванд дохил мешаванд, равона месозанд.

Яке аз вазифаҳои асосӣ гузаштан аз машғулиятҳои синфӣ ба машгулиятҳои назариявӣ мебошад ва барои амалӣ гардидани он фанҳое ба нақша дохил карда мешаванд, ки дар таълимашон аз лексия-семинарҳои таълимӣ истифода мебаранд. Дар ин самт машғулиятҳои таълимӣ ва машваратҳои назариявӣ дар мавзуъҳои гуногуни илмӣ аз ҷониби устодон ба нақша гирифта мешаванд.

Бисёре аз омӯзгорон тавассути машғулиятҳои илмӣ дар кафедраҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ҳамчунин дар корҳои муштараки таълимӣ ва илмӣ-методӣ ҷиҳати такмили ихтисосашон имкониятҳои иловагӣ пайдо намудаанд.

Омӯзгорони фанни иқтисодиёти литсейи назди донишгоҳ имкон доранд, ки дар чунин машғулиятҳо ширкат варзанд. Озмоишгоҳҳои ташкилшуда гузаронидани таҷрибаҳоро аз рӯи мавзуъҳои интихоб кардаашон метавонанд бо иштироки омӯзгорони ҳар ду муассисаи таълимӣ, ки ба раванд дохиланд, ташкил намоянд. Дар баробари ин, хонандагони литсей аз баъзе таҷрибаҳои донишҷӯён дар озмоишгоҳҳо бархӯрдор мешаванд ва иштироки онҳо низ дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ

таъмин карда мешаванд. Донишҷӯёни фаъол бошанд, ҳамчун маслиҳатдеҳ ба ҷаласаҳои ҷамъияти илмии хонандагон, конфронсҳо ва мизҳои мудаввар сафарбар карда мешаванд. Сохтор ва шаклҳои идоракунӣ дар ин сатҳ тағйир меёбанд, яъне ҷойҳои нав ҷорӣ карда мешаванд: муовини директор оид ба корҳои илмӣ, муовини ректор оид ба назорати рафти раванди муттасилӣ, мудири кафедра, мудири озмоишгоҳҳо ва ғайра.

Зимни ташкили таълими муттасилӣ кафедраи умумӣ низ дар назар дошта шудааст, ки муаллимони литсей ва донишгоҳро муттаҳид мекунад. Интихоби касб дар литсей ҷиддӣ ба роҳ монда шуда, баъди ин пайваста озмунҳои тестӣ аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ ва математика гузаронида мешаванд. Хоҳиши дар оянда таҳсил намудани хатмкунандагони литсейро дар ин донишгоҳ ба инобат гирифта, то саршавии имтиҳонҳои марказонидаи маркази тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди донишгоҳ аз рӯйи мавзӯъҳои ихтисосӣ машғулиятҳои иловагӣ ташкил карда мешавад. Рафти ин гуна машғулиятҳо низ санҷида шуда, ба Шурои олимон пешниҳод мегардад.

Зарурияти таҳқиқоти мо дарёфт кардани усулҳои фаъоли таълим, ки ба ҳадафҳои таълими иқтисодӣ мувофиқанд, ба ҳисоб меравад. Дар муассисаи таълимӣ ташкили таълими муосир асоси фаъолияти кори муттахассисон ба ҳисоб меравад. Ин шакли ташкили кор барои муддати тӯлонӣ таҳия шудааст, ки бо мақсади беҳтар намудани ташкили таълими хонандагону донишҷӯён бо усулҳои муосир мебошад. Айни замон, дар фаъолияти педагогии сатҳҳои зинаҳои гуногун ҳам барои баланд бардоштани самаранокии дарс диққати махсус дода мешавад.

Дар ин самт мақсад ва сохтори дарс ба инобат гирифта шуда, дарсҳои назаривии литсей низ муҳим арзёбӣ мегарданд, лекин онҳо шакли нопурра ва нокифояи ба хонандагон бо роҳи сода расонидани маълумотҳои иқтисодиро доранд. Он бо сохтори худ, дар муқоиса бо донишҷӯён дар донишгоҳҳо бо чунин хусусиятҳояш фарқ мекунад:

дарсҳои мактабӣ миқдори камтари маводи назариявии таълимиро дорад ва аз хонанда таҳлили андешаҳои умумии азхудшударо талаб мекунад. Бо мисолҳои мушаххас, иртиботи муаллим бо хонандагон, ба салоҳиятнокии хонандагон диққат додан, барои дониши худро дар амалия ва назария татбиқ намудан, аз донишҳои қаблӣ истифода бурдан қисматҳои асосии дарсро ташкил медиҳанд.

Ба роҳ мондани муттасилии усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсил, аз он ҷиҳат зарур аст, ки дарсҳои литсей бояд ба машгулиятҳои назариявӣ–семинарии донишгоҳ наздик карда шавад. Дар натиҷа дарсҳои назариявии литсей ба мундариҷаи шаклҳои гуногуни машғулияте, ки ба мактаби олии касбӣ хосанд, бой мегарданд.

Барои ташкили дарсҳои ҷолиб ва онро ба замону хонандаи давраи ҳозира мувофиқ кунонидан аз омӯзгор маҳорату истеъдоди баландро талаб менамояд, яъне дарсе, ки муоширати байни хонанда ва омӯзгор, донишҷӯ ва омӯзгорро баланд мекунад, дониши шогирдонро низ ташаккул медиҳад. Дарсҳои назариявӣ ҳамчун як иртиботи махсуси байни таълимгиранда ва омӯзгорро бо мақсади матраҳ намудани ин ё он мавзӯи иқтисодӣ ва омӯзонидани хусусияти хос ва аҳамияти он гузаронида мешаванд.

Дар ин байн муоширати байни ҳамдигарии хонанда бо хонанда, ташкили мубоҳисаи байни онҳо, проблемагузорӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад, ки заминаи фаъолияти мушаххаси таълимиро ташаккул медиҳад. Ҳамзамон, барномаи таълимии фанҳоро дар зинаҳои таҳсилот бо пешниҳоди мутахассисони ҳар ду муассиса таҳия гардонидан паҳлӯи дигари мусбати кор буда метавонад. Инчунин дар машғулиятҳои таҷрибавии донишҷӯён ширкат варзидани хатмкунандагони литсей тавсияи дигари унвонҷӯ ба ҳисоб меравад, ки онро чунин тасвир менамоем:

– Аз натиҷаҳои нишондодҳои дар охири ҳар чоряк ба даст orandai хонандагони синфҳои болоии литсей хулоса ва муайян кардан

мумкин аст, ки шогирдон ба кадом равия омодагии хуб доранд. Мақсад дар ҳамкорӣ бо падару модарон ба кадом касб мутобиқат кардани дониши хатмкунандагон ва ба кадом касб шавқу ҳавас доштани онҳо муайян карда мешаванд. Дар аксари мавридҳо новобаста аз хоҳиши хатмкунандагон баъди хатми соли таҳсил касбро на худи онҳо, балки падару модаронашон интихоб мекунанд.

– Айни ҳол, барои пурратар ошно пайдо намудани мутахассисони оянда ҳам дар литсейҳо ва ҳам дар донишгоҳҳо усулҳои нави таълим ва ҳам усулҳои нави санҷишӣ ба роҳ монда шудаанд, ки дар сурати фароҳам овардани раванди таълими муттасилӣ барои донишазхудкунии таълимгирандагон боз ҳам имкониятҳо фарохтар хоҳад шуд.

– Дар раванди таълими муттасилӣ имконияти хуби ноил гардидан ба касби интихобгардида муҳайё мегардад. Дар зинаҳои пайвастшудаи таҳсилот донишазхудкунии пайдарпайи донишҷӯён ҳангоми пешбурди сатҳҳои таҳсилоти касбӣ пайдо мешавад. Аз ин лиҳоз тарбияи мутахассиси оянда дар низоми литсей–донишгоҳ, ки ба маълумотҳои илмҳои ба ҳам алоқаманд асос ёфтааст, ҳамчун падидаи ягона арзёбӣ мегардад ва ин нуқтаи оғози омодагии мутахассис ба касби ояндааш дар соҳаи иқтисодиёт мебошад.

– Дар намунаҳое, ки мо омӯхтем, ба ақидаи мутахассисон, донишгоҳ ҳамчун таҳиягари пешбар ва рафъкунандаи мушкилотҳои таълими муттасилӣ дар зинаҳои таҳсилот ба ҳисоб рафта, ҷиҳати омода намудани шароити мусоид бахри омода намудани мутахассисони оянда масъул мебошад. Дар мисоли мо литсей зинаи аввали таълими муттасилии байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ба ҳисоб рафта, нақшаи барқарор намудани робитаҳои шарикӣ бо донишгоҳро ба уҳда мегирад.

– Таҳияи дурусти барномаҳои таълимӣ барои омодасозии мутахассисони оянда дар низоми литсей- донишгоҳ аз ҳар ҷиҳат

муҳим буда, дар асоси он ба хатмкунандагони литсей ва донишгоҳ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад.

– Дар ҷараёни омодагӣ барои ноил гардидан ба касбҳои иқтисодӣ ҷиҳати ташаккул додани сифатҳои шахсии таълимгирандагон дар нақшаи чорабиниҳои таълими муттасилӣ ташкили маҳфилҳои адабӣ, ташкили экскурсияҳо ба корхонаҳои саноатӣ, ширкатҳо, баргузор намудани мусобиқаҳои шавқовари характери иқтисодидошта ба нақша гирифта мешаванд.
– Ин барои баланд гардидани малакаву маҳорат ва ҷаҳонбинии онҳо таъсири мусбат мерасонад ва бо ҳамин восита ҷалби бештари довталабоне, ки ҷанбаҳои иқтисодидоштаро интихоб менамоянд, меафзояд.
– Ҳангоми таҳқиқот мо бо хатмкардаҳои собиқи литсей суҳбат гузаронида, бо мақсади муайян намудани натиҷаҳои рафти ҷараёни таълим дар зарфи ду соли сипарӣ маълумотҳои мушаххаси заруриро гирифтем. Инчунин, монеаҳои ҷараёни таълимро низ ба қайд гирифта, барои Шурои педагогӣ маълумот ирсол намудем.
– Чизи аз ҳама муҳиме, ки ба омӯзгорон пешниҳод намудем, ин ба шавқу меҳри зиёд интихоби касб кардани хатмкунандагони муассиса мебошад. Зеро агар таълимгиранда бе шавқи баланд ба омӯзиши он оғоз намояд, бешубҳа аз ӯ мутахасиси хуб ба воя расиданаш ба гумон аст. Инро худи собиқ хатмкардаҳои Литсейи Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон, ки айни ҳол дар муассисаи тибии "Истиқлол" ва "беморхонаи роҳи оҳан" - и шаҳри Душанбе кору фаъолият доранд, тасдиқ намуданд.
– Худи таълиму тарбия низ ҳамчун фаъолияти муштараки ҳам падару модар, ҳам муассисаи таълимӣ ва ҳам ҷомеа мебошанд, ки танҳо маҳз ба воситаи ҳамкориҳои мунтазам наврасро ба воя мерасонанд. Бинобар ин, бо назардошти пешниҳоди барномаи таълими муттасилии литсей-донишгоҳ усулҳои наву муосир ба роҳ монда

мешаванд. ки дар ҷараёни таҳсил ба таълими донишҷӯён дар ҳама зинаҳои тайёрии иқтисодӣ, аз литсей то ба донишгоҳ заминаи устувор хоҳад гузошт.

– Ҳадафи донишгоҳи иқтисодӣ аз он иборат аст, ки малакаю маҳорат, қобилиятҳои эҷодӣ ва донишҳоеро, ки донишҷӯён ҳангоми таҳсил дар литсейҳо гирифтаанд, рушду инкишоф дода, барои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолият намудан онҳоро омода намояд. Дар ин самт ҳамкорӣ яке аз он воситаҳое мебошад, ки ба пешравии сифати таҳсилот асос гузошта, бо тавсияю пешниҳоди мутахассисони зинаҳо мушкилоти баамаломада бартараф карда мешаванд.

Истифодаи мақсадноки маҷмуи дарсҳои назариявӣ ва машваратҳо бо иштироки якчанд синфҳо дар литсей ба таълимгирандагон имкон медиҳад, ки барои таҳсили минбаъда дар муассисаҳои олии касбӣ омодагӣ гиранд ва барои фаъолияти минбаъдаи амалӣ барои худ дониш замина намоянд.

Ҳангоми муқоисаи маҷмуи дарсҳои назариявӣ ва машваратҳо бо гуруҳи синфҳо мо камбудии асосии онҳоро, ки дар кадоме аз ин дарсҳо мавҷуд ҳастанд хулосабарорӣ карда метавонем. Маҳз аз ин рӯ, дар раванди таълими муттасилии литсей-донишгоҳ, дар баробари усулҳои анъанавии таълимӣ инчунин технологияҳои инноватсионӣ ба монанди ҳалли мушкилотҳо, рушдёбанда, тафовутбахш, фаъол ва боз васеъ истифода ва татбиқ карда мешаванд. Мо чанде аз ин дарсҳоро метавонем муаррифӣ намоем, ки бо истифода аз технологияи муосир баргузор мешаванд ва бо усулҳое, ки хонандагонро барои донишандӯзӣ водор менамоянд. Ҳамаи ин тадбирҳо барои иҷрои вазифаи педагогӣ ва машгулиятҳои амалӣ истифода бурда мешаванд. Масалан, ташкили дарс бо роҳи холгузорӣ метавонад, таълимгирандаро барои донишро ҷӯстуҷӯ карда ёфтану ҷавоб додан водор намояд.

Дар раванди таълим усулҳое истифода бурда мешаванд, ки ба муносибати фаъоли шахсият, тафаккури интиқол, қобилияти таҳия

кардани мушкилот, ёфтани ҷавоби мушаххас ва қабули қарорҳо асос карда мешаванд. Дар айни замон технологияҳои ҳозиразамони педагогӣ истифода бурда шуда, омодагии ҳаррӯзаи хонандагон ба қайд гирифта мешаванд. Аз онҳо бештар масъалагузорӣ, яъне чӣ гуна омӯзиши ҳал намудани мушкилоти ҳаррӯзаи иқтисодиро бояд ёд гиранд, яъне хонандагони литсей бояд ҳамеша барои ҳал кардани масъалаҳои иқтисодӣ омода бошанд.

Дар ташкили раванди таълим барои шавқовар гардидани дарси фанни иқтисодиёт дарсҳои ғайримуқаррарӣ: КВН, нишастҳои матбуотӣ, мубоҳисахо, бозиҳои корӣ, намоиши дастовардҳо, дарс-саёҳат, экскурсияҳо, ташкили бозор, дарсҳои лабораторӣ, амалӣ ва ғайра ба роҳ монда мешаванд. Таҳлил ва назорати рафти донишазхудкунӣ бо шаклҳои пурсишӣ, санҷишӣ, тестӣ, ҳимоявӣ эссе, имтиҳон ба анҷом расонида мешаванд.

Барои баланд бардоштани дониши хонандагон омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои проблемавӣ васеъ истифода бурда мешавад. Моҳияти усули проблемавии таълим дар он аст, ки муаллим дар дарс хулосаҳои ниҳоии илмиро аз рӯйи ягон мавзуъ гузориш намедиҳад. Муаллим мушкилотро дар ибтидо гузошта, ихтилофҳои дохилии онро ошкор менамояд, баҳс ташкил мекунад, фарзия мекунад, онҳоро муҳокима мекунад, эътирози эҳтимолиро рад мекунад ва ҳақ будани хулосаҳоро исбот мекунад.

Ин муаррифии маводи таълим ба донишҷӯён роҳи хеле хуби тафаккури илмиро нишон медиҳад. Бо донишҷӯён дар равиши ҳаракати фикрӣ ба ҳақиқат пайравӣ намуда, онҳоро ҳамчун иштирокчии фаъоли таҳқиқоти илмӣ муаррифӣ менамояд. Истифода бурдани саволҳо ва вазифаҳои мушкил, ҷараёни дарсро вусъат мебахшад ва ин машғулият чун манбаи кашф ва ташаккули андешаҳои психологӣ ба анҷом меёбад.

Мушкилоти гузошташуда дар сурати пешрафти назаррас дар ҳалли масъалаҳо нуқтаи назарро қавӣ мекунад. Барои он ки ин вазифа ба

манфиати донишомӯзон ба анҷом расад, бояд душвориҳои пешниҳодшудаи онҳо ба инобат гирифта шавад.

Усулҳои таълимие, ки дар ҳама марҳилаҳои раванди фаъолияти омӯзгорон истифода мешаванд, бояд иҷрои ҳамаи қисматҳо – пайдарпайии таълимӣ-маърифатиро дар машғулиятҳо бо хонандагон таъмин кунанд.

Дарсҳо бо усули нав дар литсей як қисми муҳими ҳаёти хонандагон маҳсуб ёфта, барои бартараф намудани мушкилоте, ки дар таълим бо усули дидактикӣ пайдо мешуданд, нақши муҳимро доро мебошад. Яъне якрангии дарс, ки он дар тӯли якчанд рӯз такрор мешавад, санҷиши кори хонагӣ, пурсиши мавзуи гузашта, ислоҳ кардани он, баёни мавзуи нав ва боз вазифаи хонагӣ, тадриҷан хонандагонро дилгир мекунад ва диққати онҳоро ҷалб карда наметавонад.

Воқеан, дар дарс хонандагон маводи омӯхташударо камтар меомӯзанд ва шубҳа пайдо мешавад, ки оё омӯзгор метавонад бо роҳи фароҳам овардани ягон намуди таъсир ин мушкилиро барҳам диҳад. Чунин шароитро тавассути ташкили таълими муттасилӣ ба роҳ мондан мумкин аст, яъне муваффақияти омӯзиш аз усулҳои таълим вобаста аст. Барои мутахассиси хуб шудани хонандаи литсей бояд аз синни хурди мактабӣ ба ҳолати донишазхудкунӣ, махсусан донишҳои иқтисодии ӯ диққати зарурӣ дода шавад.

Дар бисёр муассисаҳои таълимии давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон омӯзиши фанни иқтисодиёт аз синфи 5 ба роҳ мода шудааст. Яке аз бандҳои пешниҳоди унвонҷӯ низ ин дар литсейҳо ба нақша гирифтани таълими фанни иқтисодиёт аз синни хурди мактабӣ мебошад. Албатта вобаста ба синну соли онҳо дарсҳо ба воситаи ташкили бозиҳо, мусобиқаҳои шавқовар, озмунҳо, мубоҳисаҳо ва дигар шаклҳои сода ва шавқоваре, ки мазмуни иқтисодӣ доранд, гузаронида шуда, зина ба зина ба мундариҷаи таълими фанни иқтисодиёти синфи 11 мутобиқ гардонида мешаванд. Масалан, хонандагони синфхои 5-7 дар дарс ташкили бозор

ва муомилоти бозориро бисёр бо шавқ қабул мекунанд. Ҳангоми созмон додани чунин дарсҳои амалӣ ҳар кадоми хонандагон кушиш мекунанд, ба таври ба худ хос ин амалҳоро иҷро намоянд ва дар онҳо шавқу ҳавас нисбат ба фанни иқтисодиёт ва касбҳои иқтисодӣ зиёд мегарданд.

Агар бо эҷодкорӣ омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар нақшаи тақвимии худ мавзуҳои ҷолиби мазмуни иқтисодидоштаро ворид намоянд, хонандагон аз синни хурди мактабӣ ба мафҳумҳои иқтисодӣ ва фаъолияти иқтисодӣ ошно мешаванд. Мо метавонем, чанде аз ин гуна машғулиятҳоро мисол орем, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоии Литсейи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баргузор менамоянд.

Ҳангоми гузаронидани бозиҳо низ ба хонандагон барои аз бар намудани донишҳои математикӣ ва иқтисодӣ имконият эҷод намудан мумкин аст. Ба таври мисол мехоҳем, намуна ё чанд аз бозиҳои математикиро пешниҳод намоем, ки дар онҳо хонандагон барои худ бештар донишу малака аз бар менамоянд.

Бозии “Себчинӣ”

Мо аввал асбоби аёнӣ тайёр мекунем. Дар се варақаи албом расми се дарахти себро бо меваҳояш мекашем. Дар ҳар як дона себи овезон ифодаҳо ва ё саволро менависем ва дар тахтаи синф меовезем. Меваҳое, ки дар онҳо ифода навишта шудаанд, бояд аз 3 то 60-то бошанд. Барои ин боз аз се қатор як нафарӣ хонанда ба назди тахтаи синф даъват карда мешаванд ва баъди вақтро муайян кардан, бо ишораи муаллим бозиро сар мекунанд.

Шарти бозӣ чунин аст: кадоме аз хонандагон дар як дақиқа бештар себ мечинад ва ё ба таври дигар гӯем, хонандае, ки дар як дақиқа бештар ифодаҳоро ҳал менамояд, ҳамон хонанда ғолиб дониста мешавад. Саволҳо ҷанбаи иқтисодӣ дошта, асосан хонандаро водор месозад, ки барои фоида ба даст овардан талош варзад.

Мазмуни саволҳо содафаҳм буда қариб, ки ҳар рӯз дар рӯзғор истифода мешаванд, лекин хурдсолону наврасон ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир

намекунанд. Масалан пушида нест, ки барои буҷаи оила ба ғайр аз калонсолон дигарон бетараф мебошанд. Аз тарафи дигар чӣ гуна ба даст овардани маблағҳое, ки аз тарафи падару модарон ба буҷаи оила ворид мегарданд, барои хонанда аҳаммияте надорад ва аз ин гуна бозиҳо онҳо метавонанд донишҳои иқтисодӣ гиранд. Наврасону кӯдакон ба рехтани оби ҷумак аз субҳ то шом диққат намедиҳанд ва маҳкам кардани он чӣ фоидае меорад, барои онҳо бетафовут аст. Ё ин, ки хомӯш намудани лампаҳои хона ба хотири он, ки барои буҷаи оила чӣ фоида меорад, низ ҳамин маънoро дорад.

Саволҳо аслан ба чунин маъно навишта мешаванд:

— Оё Шумо пули бисёр доштан мехоҳед ?.

— Агар ҳа, пас барои чӣ?

— Бонк гуфта куҷоро дар назар доранд)?.

— Вай барои мардум чӣ аҳаммият дорад?

— Чӣ гуна бояд амал кард, ки оилаи шумо боигарии зиёд ба даст биёред?.

— Либосҳои соли гузаштаи апаву бародари калониатонро истифода мебаред?

— Агар истифода баред, ин ба зарари буҷаи оилаи шумо хоҳад буд ё фоида?

— Телефони мобилиро истифода бурдан чӣ фоидаву чӣ зарар дорад?

— Шумо низ барои буҷаро зиёд намудан саҳм мегузоред?

— Агар ҳа, пас чӣ тавр?

— Кадом намуди пулҳоро шумо медонед?.

— Агар донед, канӣ гӯед, 100 сомонӣ чанд дирам мешавад? Ва ба монанди инҳо омӯзгор метавонад, саволҳои зиёди ҳаётан муҳимро истифода намояд.

Дар ҷараёни таълим, амалҳои дараҷаи ҳадафрас ба таври равшан зоҳир мешаванд. Дар ин ҷо раванди азхудкунӣ аз сифр оғоз намешавад,

балки аз дараҷаи муайяни дониш то дараҷаи муайяне, ки ба таълимгиранда муяссар мегардад, расиданаш зарурият дорад.

Асосҳои психологии пайдо намудани дониш дар бораи ҳалли як масъалаи мушкил ё вазъияти мушкил ин рафъи мушкилотест, ки онро як навъ рақобати байни донишҳои қаблан гирифташуда ва нав омӯхташаванда арзёбӣ намудан мумкин аст. Ин раванд ҳамеша аз сатҳи муайяни инкишофи дониш ва малакаи хонанда ё донишҷӯ оғоз меёбад ва имкони ба сатҳи нав ба зина баромадани онҳо мегардад.

Ҳангоми гузаштан ба қадамҳои ин маҷмуъ, мундариҷаи вазифаҳои ҳалашон мушкил бояд сифати навтар ва баландтар гиранд. Дар ниҳояти кор, дар раванди таълими мушкилотгузории мутахассисони ояндаро омӯзонидан лозим аст, ки чанд гуна мушкилиҳои истеҳсолии пешомадаро эҷодкорона ҳал кунанд.

Барои таваҷҷуҳи зиёд пайдо намудани хонандагону донишҷӯён ба дарс ва фаро гирифтани онҳо ба иҷрои масъалаҳо бо роҳи холгузорӣ ташкил намудани дарсҳо ҳам яке аз усулҳои беҳтарини фаъолияти омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Бо ин усул хонандагону донишҷӯён барои ҷамъ намудани холҳои зарурӣ кӯшиш менамоянд, ки донишу маҳорати худро истифода баранд. Бо ҳамин роҳ онҳо барои ҷамъ овардани маълумот таҷриба пайдо мекунанд.

Холгузорӣ дар дарс бо чунин тарз сурат мегирад: Хонандае, ки холҳои аз “0” то “40” - ро соҳиб мегардад, баҳои ғайриқанобахш мегардад. Дар сурати холҳои аз “40” то “60” - ро гирифтан баҳои миёна, яъне “3”, соҳиби холҳои “60” то “80” баҳои “4” ва ниҳоят соҳиби баҳои “5” он нафароне мегарданд, ки микдори холҳояшон аз “80” то “100” - ро ташкил диҳанд.

Хонандагон барои гирифтани холҳои баланд, дар панҷ самти кор супоришҳоро бояд иҷро кунанд:

— барои иҷрои вазифаи хонагӣ;

— барои иҷрои супоришҳои кори мустақилона;

— барои иҷрои кори синфӣ, ки ин баъди баёни мавзӯи нав сурат мегирад;

— барои иҷрои мусобиқаи иқтисодӣ;

— барои рафтор.

Ин баҳо дар мавриде гузошта мешавад, агар рафтори хонанда боиси халалрасонӣ ба дарс гардад ва ӯ аз “20”хол маҳрум мегардад. Сардори гурӯҳ бо супориши омӯзгор дар рафти дарс дар ҷадвали зерин қайд намуда, дар ҷамъбасти дарс ба маълумоти хонандагон мерасонад

Ҷадвали 7. Баҳогузорӣ ба фаъолияти омӯзгорон

| Иҷрои вазифаи хонагӣ | Иҷрои кори мустақилона | Иҷрои кори синфӣ | Мусобиқаи ҷанбаи иқтисодидошта | Барои рафтор | Ҷамъи холҳо | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 20 | 20 | 20 | 20 | 0 | 80 | 4 |

Диаграммаи 4. Нишондодҳои фаъолияти омӯзгорон




Дар рафти дарс хонандагон ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд. Сардорони гурӯҳ оиди иҷрои вазифаи хонагӣ маълумот дода, холҳои аввалини аъзоёнашонро муайян мекунанд. Сипас, барои ду гурӯҳ масъалаҳои иқтисодии дар ҳаёт истифодашаванда супорида шуда, бо гурӯҳи сеюм саволу ҷавоб доир ба мавзуъҳои гузашта гузаронида мешавад. Ҳамин тариқ, хонандагон вобаста ба ҳаҷми саволҳо, дурустӣ

ва пуррагии онҳо хол мегиранд. Ҳангоми ҷавоб додани хонандагон то кадом андоза ба масъалаҳои иқтисодӣ сарфаҳм рафтанашонро муайян намуда, ба онҳо хол гузошта мешавад. Масалан дар рафти дарси фанни иқтисодиёт дар синфи 11 хонандагон ба чунин натиҷаҳо ноил гардиданд: Дар ҷадвал баҳои як қисми хонандагон пешниҳод карда шудааст. Хотирасон мекунем, ки бартарии ин гуна дарсҳо аз дарсҳои қаблӣ дар он зоҳир мегардад, ки яке аз мушкилотҳои асосии таълим – баҳогузории пурраи хонандагон ҳалли худро меёбад.

Ҷадвали 8. Варақаи баҳогузории хонандагон дар дарси фанни иқтисодиёт

| № т\р | Ному насаби хонандагон | Иҷрои супоришҳои хонагӣ | Иҷрои кори мустақилона | Иҷрои кори синфӣ | Марафони иқтисодӣ | Рафтор | Ҷамъи холҳо | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Азимов Рустам | 20 | 15 | 15 | 20 | 20 | 90 | 5 |
| 2 | Саидова Гулнинор | 15 | 20 | 15 | 15 | 20 | 85 | 5 |
| 3 | Аҳмадов Фирӯз | 15 | 15 | 15 | 15 | 20 | 80 | 5 |
| 4 | Баҳодуров Акмал | 15 | 10 | 15 | 15 | 20 | 75 | 4 |
| 5 | Шарифова Манижа | 10 | 10 | 15 | 15 | 20 | 70 | 4 |
| 6 | Сафаров Алишер | 10 | 15 | 10 | 10 | 20 | 65 | 4 |
| 7 | Бахромов Некрӯз | 20 | 15 | 15 | 20 | 20 | 90 | 5 |

Диаграммаи 5. Натиҷагириҳо аз машғулиятҳое, ки тариқи холгузорӣ бар роҳ монда шудааст




Омӯзиши мушкилиҳои дар ин намуди дарс баамалоянда дар муқоиса бо машғулиятҳои шакли анъанавидошта якчанд бартариҳо дорад: аввал пешниҳоди маводи навро ба далелҳо асоснок месозад, яъне таълимгирандагон эҳсос мекунанд, ки ҳақиқати илм аз куҷо пайдо шудааст ва бо ин роҳ аз моҳияти мавзуъ огаҳӣ пайдо мекунанд. Ин маврид онҳоро ба фикр рондану эҷодкорона амалӣ намудан водор месозад. Аз тарафи дигар, ҳамин гуна ҷустуҷуйҳо, фикррониҳо ва эҷодкориҳо дар машғул шудани онҳо ба таҳқиқоти илмӣ замина мегузорад. Илова бар он ҷиҳати асоснок намудани донишҳои гирифташуда, яъне пайдо намудани асосҳои илмӣ кӯшиш менамоянд, ки робитаи зичи байни паҳлуҳои гуногуни мавзуъро омӯзанд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин усул ба монанди усулҳои қаблӣ душвору амалӣ намуданаш мураккаб мебошад, вале ҳангоми мушоҳидаҳои таҳқиқотӣ самарабахш будани онро муҳим донистем. Зеро ҳар як хонанда кушиш менамояд, ки нисбат ба ҳаррӯза маводи зиёдтареро барои дарс омода намуда, холи баландтарро соҳиб гардад.

Аз дигар тараф, шавқу завқи онҳо ҳангоми дар дарс ҳал намудани масъалаҳои ҳаётие, ки ҳалли онҳо гарчанде душвор несту, ҳатто калонсолон дар иҷрои онҳо танқисӣ мекашанд, огоҳӣ пайдо намоянд.

Тавре, ки таҳқиқот нишон дод, шарти самарабахши таълими иқтисодиёт ин тарҳрезии ҷараёни таълим дар асоси фаъолияти донишҷӯён дар бозор мебошад. Фаъолияти мазкур бо мақсади бо осонӣ ҳал намудани масъалаҳои баҳсталаб нигаронида шудааст. Донишҷӯён ба ин самт тавассути бозиҳои иқтисодӣ ҷалб карда мешаванд, ки на танҳо аз таҷрибаҳои ҳаётӣ ва ҳалли масъалаҳои пешомада огоҳӣ пайдо мекунанд, балки аз ҳалли мушкилоти дар муносибатхои бозорӣ пешомада низ бархурдор мешаванд.

Хонандагони литсейҳо аллакай дар ҷараёни таълим тарзҳои фаъолият намудан дар бозору муносибатҳои бозориро аз худ мекунанд. Инчунин, баъзе ҳолатҳоеро, ки ҳангоми фаъолият намудан дар бозор пеш меоянд, бо роҳи тақлид намудану ба иҷро расонидан намоиши тарғиби молҳо онро метавонанд, ба иҷро расонанд.

Ин ҳолатҳо метавонанд чунин бошанд:

— ҳангоми фаъолияти иқтисодиро иҷро намудан, усулҳои мувофиқро тавре истифода баранд, ки ҷалби харидорон зиёдтар гарданд. Яъне амалҳоеро истифода баранд, ки бо хароҷоти камтарин фойида ба даст оваранд. Ин ҳолатҳо ҳангоми фаъолият намудан баргузории мақсадноки муоширати тарафайнро таъмин месозад. Усулҳои заминагузории фаъолиятро тавре истифода мекунанд, ки дар ниҳоят мақсадҳои пешакии банақша- гирифташударо таъмин месозанд;

— ҳолатҳое, ки дар он шароити бозору талаботи истеъмолкунандагонро ҷихати муайян намудани нархҳо ба маҳсулот, ҳангоми номуайян будани онҳо ҳаллу фасл менамоянд,

— ҳолатҳое, ки донишҷӯён барои ворид шудан ба бозор, оиди интихоби маҳсулот, ҷалби харидорон ва рушди тиҷорату самтҳои воридшавӣ ба бозорро ҳангоми фаъолият ҷустуҷӯ кунанд,

— ҳолате, ки хонандагон мавзӯъро барои фаъолият дар бозор интихоб мекунанд, яъне дар он муносибатҳои бозориро амалӣ мушоҳида мекунанд ва раванди тиҷоратро илмию амалӣ иҷро менамоянд.

Ҳангоми муқоисаи маҷмуи дарсҳои анъанавӣ  дар синфҳо мо камбудии асосиро дар хонандагони муассисахои таҳсилоти миёна, дар набудани таваҷҷуҳ ба диққат додан барои омӯзиши мавзуи нав мушоҳида карда метавонем. Маҳз аз ин рӯ дар ҷараёни таълими литсей-донишгоҳ дар якҷоягӣ бо усулҳои анъанавии таълим, бояд  ҷараёни фаҳмонидани мавзуи нав  бо истифодаи  технологияҳои муосир ва ташкили бозиҳо, мусобиқаҳо, озмунҳо, мубоҳисаҳои мазмуни иқтисодидошта ва дигар намуди  чорабиниҳои мароқ зоҳиркунанда доир карда шаванд.

Усулҳои таълимие, ки дар ҳама марҳилаҳои раванди таълим истифода мешаванд, бояд татбиқи ҳама ҷузъҳои муттасилии таълимию маърифатиро дар таълим ва фаъолнокии маърифати донишҷӯён таъмин кунанд. Самаранокии раванди дидактикӣ тавре, ки дар боло зикр гардид, аз бисёр ҷиҳат аз интихоби мувофиқи касб ва татбиқи донишҳои гирифташуда дар амал, ки одатан шаклҳои ташкилӣ ва усулҳои таълимӣ номида мешаванд, вобастагӣ дорад.

Усулҳои таълимие, ки дар литсей ва донишгоҳ истифода мешаванд, бояд татбиқи ҳама ҷузъҳои муттасилии таълимӣ-маърифатиро дар таълим таъмин намуда, фаъолнокии маърифатиро фаъол созанд.Чунин пешниҳоди маводи таълим ба донишҷӯён роҳи хеле хуби тафаккури илмиро нишон медиҳад ва хонандаро ба диққат додан  роҳнамоӣ менамояд. Аз саволҳои баҳсталаб ва вазифаи мушкил оғоз карда, ҷараёни фикрониро вусъат мебахшад ва ин ҷустуҷӯи номаълум идома меёбад ва бо кашф ва андешаю пешниҳодҳои қолиби психологӣ  хотима меёбад.

Дар ҷараёни таълим амалҳои ба донишазхудкунии хонандагон таъсир- расонанда ба таври равшан зоҳир мешаванд. Дар ин ҷо раванди азхудкунӣ аз сифр оғоз намешавад, балки баъди аз дараҷаи муайяни донише, ки дар дараҷаи муайяни умумӣ  ба даст омадааст, давом дода мешавад. Масалан,  ҳангоми роҳандозии мавзуъ ҳалли мушкилоти як

масъалаи ҳаётии рӯзмарра ба миён гузошта мешавад. Ин истифодаи як навъ ихтилофи байни донишҳои қаблан гирифташуда ва аз худшудаи ҳозира мебошад. Ин раванд ҳамеша аз муваффақияти донишҷӯ оғоз мешавад ва ҳама вақт аз расидан ба сатҳи муайяни рушди дониш ва малакаи донишҷӯ ибтидо гирифта, ба расидан ба сатҳи нави рушд, ки марҳилаи хурди ташаккули ҳиссиёт равониро ташкил медиҳад, оварда мерасонад.

Дар раванди муттасилии таълим тарроҳии бозӣ, ташкили намудҳои дигари шавқоваркунонии машғулиятҳо бо иштироки ҳам хатмкунандагони литсей ва донишҷӯён гузаронида мешаванд. Тарҳрезии бозӣ як дарси амалӣ мебошад, ки моҳияти он ин рушди дониши таълимгирандагон дар истифодаи донишҳои қаблан гирифташуда бо технологияҳои нав ва дигар намудҳои лоиҳаҳо дар амал татбиқ карда мешаванд, ки воқеиятро то ҳадди имкон таҷассум мекунад. Ин усул бо дараҷаи баланди омезиши кори инфиродӣ ва гурӯҳи донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад.

Ин гуна дарсҳоро бо шакли пурратар донишҷӯёни донишгоҳи олии касбӣ метавонанд баргузор намоянд. Донишҷӯён имкон доранд, лоиҳаҳои худро дар назди хонандагони литсей ва донишҷӯён намоиш диҳанд. Дар ин самт барои лоиҳаи беҳтарин озмунҳо ташкил кардан имкон дорад. Таҳияи лоиҳаи муштарак барои гурӯҳ аз як тараф дар ҳар як тарҳрезӣ донистани ягон технологияи ҷадид ва аз ҷониби дигар, қобилияти муошират ва нигоҳ доштани муносибатҳои байни шахс барои ҳалли масъалаҳои касбиро талаб мекунад. Тарҳрезии бозӣ метавонад, ба тарҳи воқеӣ гузарад ва натиҷаи он ҳалли мушкилоти мушаххасро низ нишон дода метавонад.

Бозии дидактикӣ ташкили мақсадноки робитаҳои мутақобилаи таълимӣ ба ҳисоб мераванд, ки таълимгирандагон дар рафти бозӣ шаклҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои ҳалталабро ба миён мегузоранд. Манфиатбахшии ин маврид иҷрои намудҳои гуногуни фаъолият дар

бозӣ, масалан ба таври нақша иҷро кардан, мубоҳисаи байни иштирокчиёни бозиро ташкил намудан, амалҳои фаъолияти касбиро намоиш додан ба фароҳам овардани татбиқи назариявӣ дар амалия мусоидат менамоянд.

Хонандагон ҳангоми иҷрои нақшҳо метавонанд аз таблиғоти молу маҳсулот, доруворӣ, ҷалби мизоҷон барои кор ба корхонаҳо, осоишгоҳҳо, тарабхонаҳо, ширкатҳои хусусӣ, барои таҳсил ба донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳо ва ғайраҳоро истифода баранд. Ҳамаи инро фақат омӯзгор не, балки худи таълимгирандагон ҷамъоварӣ намуда, ҳангоми дарсҳои амалӣ дар тахтаҳои интерактивӣ намоиш медиҳанд. Маълум аст, ки ҳангоми тамоми хонандагону донишҷуён ба ин кор сафарбар гардидан дар онҳо дониши зиёди касбӣ захира мегардад. Дар рафти бозӣ онҳо маводҳои қолабии қисматҳои дар бозор истифодашаванда, ба монанди: дӯконҳо, рафҳо ва тарзҳои дигари ҷобаҷогузории макони фаъолиятро намоиш медиҳанд ва роҳҳои гуногуни ҷалби харидоронро ба маҳсулоти савдо низ муаррифӣ менамоянд.

Бозии корӣ, ки талаботи ташкили оқилонаи меҳнатро дар касб баён месозад, зарурати ба даст овардани дониш ва малакаҳои зарурӣ дар фаъолияти амали касбиро муҳайё месозад ва он барои баён кардани фикр ҳангоми ҷустуҷӯйи роҳҳои ташкили дурусти фаъолият дар бозорро низ ба таълимгирандагон нишон медиҳад. Ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ на танҳо мундариҷаи фанҳои таълимӣ муайян карда мешавад, балки усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои расидан ба ҳадафҳои иҷрошавии самти таълим ба барнома ҷой дода мешавад. Дастурҳо, воситаҳои таълими ёрирасон, мавзӯъҳои машваратҳои омӯзишӣ барои омӯзгорон, барнома барои ҳар зинаи таълимӣ бо назардошти муттасилии раванд, интихоби мавзӯъҳои барнома барои ташкили мубоҳисаҳои байни хонандагону донишҷӯёни зинаҳои таҳсилот усулҳое ба ҳисоб меравад, ки сифати таълимро беҳтар мекунанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар шароити муосир муаллим бояд доираи васеи усулҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълимро омӯхта бошад. Ҳамчун созмондиҳанда дар ҷараёни таълими проблемавӣ омӯзгор мавқеи муҳимро ишғол мекунад ва ӯ бояд ҳамчун сарчашмаи дониш ва дастурҳо барои амалӣ азхудкунии шогирдон бештар роҳбарӣ ва шарикӣ дошта бошад.

Ҳамин тавр, барои ташкили ҷараёни таълим, бунёди робитаҳои пайдарпай ҳам дар муҳтавои фанҳои таълимӣ ва ҳам дар пайвастани донишҳои қаблӣ бо нав мо хостем дар маҷмуи литсей-донишгоҳ барои замина пайдо намудан ҷиҳати гирифтани маълумоти касбӣ ва иқтисодии касбӣ, ки талаботу эҳтиёҷоти ҷомеа аст, саҳм гузорем. Барои ин ташкили раванди муттасилиро мо дар пешниҳодҳои худ дар охири рисола ҷой додаем.

## 2.3 Асосҳои педагогии натиҷагириҳо аз раванди таълими муттасил ва озмоишҳои таҳқиқотӣ.

Сифати таълим категорияи иҷтимоӣ мебошад, ки ҳолат ва самараи раванди таълимро дар ҷомеа ва истифодаи онро дар рушд ва ташаккули салоҳиятҳои шаҳрвандӣ ва касбии шахс муайян менамояд. Сифати таълим ба омузиш ва таҳлили маҷмуи нишондиҳандаҳое равона карда мешаванд, ки самтҳои гуногуни фаъолияти таълимии муассисаро дар бар мегиранд.. Мундариҷаи таълимро шакл ва усулҳои таълимӣ ва заминаи моддию техникӣ, ки рушди салоҳияти донишҷӯёнро таъмин мекунанд, ташкил медиҳад.

Ҳангоми ташхис ва таҳлили сифати таҳсилот ба се паҳлӯи он арзёбӣ карда мешавад:

— сифати мундариҷаи таълимӣ (дониш, истифодаи иҷрои масъалаҳои ҳалталаб);

— сифати таълиму тарбия (ташкили фаъолияти маърифатӣ ва ҳавасмандкунии он, натиҷагирӣ оид ба иҷрои корҳои таълиму тарбия);

— раванди таълими донишгирандагон ва сифати он (шаклҳои донишазхудкунии онҳо, малака, меъёрҳои ахлоқӣ).

Натиҷагирии раванди таълим дар рафти таҳқиқот яке аз муҳимтарин робитаҳои нисбатан мустақил дар давраи идоракунӣ баррасӣ карда мешавад. Ин масъала дар таҳқиқоти илмии Борис Григоревич Шемякин [154: 23-24] ва доктори илмҳои педагогӣ Валентина Алексеевна Калней [154: 25-27] нишон дода шуда, мушкилотҳои муайянкунии сифати таълим ва шаклҳои ҳаллу фасли онҳо аз ҷониби маъмурон инъикос ёфтааст. Натиҷагирии сатҳи донишазхудкунӣ дар ҳар як чоряки соли таҳсил ва марҳилаҳои санҷишии донишгоҳ бо амалҳои муайян ва баҳо додани натиҷаҳо, ҳамзамон дар бораи мувофиқати натиҷаҳои воқеӣ ба натиҷаҳои нишондодаи таълимгирандагон дар давраҳои қаблӣ васеъ ба назар гирифта мешаванд.

Дар соҳаи педагогӣ омилҳое вуҷуд доранд, ки метавонанд, самаранокии фаъолият дар таҳсилотро коҳиш диҳанд:

— Беаҳаммиятӣ намудан дар таҳияи нақшаҳои кории муассисаи таълимӣ, яъне бе омодагӣ аз рӯйи мавзӯъҳои барномаҳои таълимӣ ва нақшаи таълимӣ баргузор намудани машғулиятҳо инчунин тағйирот надаровардан дар қисмати кадрӣ;

— Дар Шӯроҳои илмӣ ва методӣ фикру андешаҳои омӯзгоронро роҷеъ дар раванди таълиму тарбия ба инобат нагирифтан;

— набудани рушди пешрафти илм ва ташкили машваратҳои бозомӯзии таълимӣ;

— истифода набурдан аз усулу технологияҳои нави таълимӣ;

Ҳамин тавр, натиҷагириҳо бо муайян ва танзими таъсири омилҳои муҳити зист ва омилҳои дохилии худи соҳаи педагогӣ алоқаманд аст. Дар дилхоҳ муассисаи таълимӣ новобаста аз он ки чӣ гуна равия ва ё зинаи таҳсилот дар он мавҷуд аст, ташхис, таҳлил ва баррасии натиҷаҳо ба кормандони муассиса бояд гузаронида шаванд.

Баръакси ин ҳолатҳо дар раванди таълими муттасил имкониятҳое

фароҳам оварда мешаванд, ки ба воситаи амалӣ намудани тадбирҳои дар ин лавҳачаҳо дарҷгардида мушкилотҳо коҳиш меёбанд.

Яке аз роҳҳои беҳтаре, ки барои баланд гардидани дараҷаи дониш ва таҷрибаи хонандагону донишҷӯён боис мегарданд, истифодаи чорабиниҳое, ки бо роҳу усулҳои нав ва истифодаи таҷрибаи пешқадами мутахассисони соҳаи иқтисод баргузор карда мешаванд.

Расми 5. Самтҳои баланд бардоштани дониш ва таҷрибаи иутахассиони оянда




Сафарбар намудани омӯзгорони фанни иқтисодиёт ба курсҳои бозомӯзӣ Барои ташкил намудани машваратҳои дастурдиҳӣ бо омӯзгорон аз аввали соли таҳсил маъмурияти муассиса дар мавзуҳои гуногун аз қабили: ташкили бозиҳои ҷанбаи иқтисодидошта дар дарс, ташкили дарс бо гуруҳҳо, бо роҳи холгузорӣ баргузор намудани дарс, дарси мубоҳисавӣ оид ба ҳалли мушкилотҳо дар дарс, тақсимбандии дарс, ҳавасмандии хонандагон ва дигар мавзуҳои ҷолиби диққат ҷадвал тартиб дода, онро ба нақшаи методии шурои олимони донишгоҳ ворид сохта, моҳе як маротиба онҳоро амалӣ менамоянд.

Дар раванди таълими муттасилӣ низ санҷишҳо, махсусан санҷишҳои марҳилавӣ баргузор карда мешаванд. Ҳамкории назорат бо дигар вазифаҳои идоракунӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҳар як самти идоракунӣ ҳамчун нуқтаи асосии натиҷагириҳо амал мекунад, яъне ба ҳадафҳо,

иттилоот, пешгӯиҳо, қарорҳо, ташкил ва иҷрои фаъолияти педагогӣ ва ислоҳ таъсир мерасонад. Санҷиши сифати таҳсилот ва самаранокии он дар раванди таълим дар корҳои олимон Ю.К.Василев [21:17-24], В.И. Кремленский [77:15-22], И. Х.[Каримова 66:2-7], М. Нуъмонов [116:17-21], Л. С. Сусская [149], А. Е.Николаева [113:11-17] ва дигар олимони дохилу хориҷи кишвар таҳлили худро ёфтаанд.

Марҳилаҳои аввали санҷишӣ ба марҳилаи баъдӣ муқоиса карда шуда, аз натиҷаҳои бадастомада натиҷагирӣ карда мешаванд, яъне маълумотҳои ирсолшаванда вобастагӣ дорад. Чуноне, ки дар боло қайд намудем, он маълумотҳои шаффофе, ки онро интизор ҳастем, бо пуррагӣ нагирем, натиҷаи босифат ва манфиатбахшро ба даст нахоҳем овард. Бинобар ин, фикрҳо ва фаъолияти омӯзгор, аъзоёни гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот, роҳбарони муассисаҳо бо ҳам бояд мувофиқат кунанд.

Ташкили усули таҳлили педагогӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини маҷмааи таълими муттасилии литсей-донишгоҳ мебошад. Ҳар як муассисаи таълимӣ дар алоҳидагӣ сохтори назоратии худро дорад. Масалан, натиҷагириҳои маҷмӯйи литсей–донишгоҳ ба шаш самт равона мешавад: донишҷӯён; муаллимон, падару модарон, маъмурият, таъминоти моддию техникӣ ва методии ҷараёни таълим. Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи ин самтҳо ба сифати дониши донишҷӯён таъсир мерасонанд, бинобар ин, мо лозим донистем, ки ҳамаи онҳоро шарҳ диҳем.

Самти муайян намудани нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Миқдори хатмкунандагони литсей ҳамасола дар аввали соли таҳсил ба қайд гирифта шуда, сатҳи донишҳои иқтисодии онҳо тариқи шифоҳӣ ва тестӣ ва қобилияти донишазхудкунии онҳо санҷида мешаванд.

2. Дар ин давра сатҳи дастовардҳои хонандагон, сабабҳои норасоии дониш, мушоҳида намудани натиҷаҳои фаъолияти

хонандагону донишҷӯён дар зинаҳои маҷмуи литсей-донишгоҳ таҳлил гардида, татбиқи барномаи муттасилӣ дар давраи се соли таҳсил оғоз меёбад, ки он аз рӯйи нишондиҳандаҳои миқдорӣ, одатан дар литсей барои 3 сол ва дар донишгоҳ барои як сол ба нақша гирифта шудааст. Дар марҳилаҳо ва чорякҳои соли таҳсил натиҷаи онҳо дар ҷаласаҳои шурои педагогӣ, ҷаласаи назди директор, шурои методӣ баррасӣ карда мешаванд.

Таҳлилҳои охир нишон доданд, ки хатмкунандагони литсей дар тули 3 сол 50% - ашон ба донишгоҳҳои иқтисодӣ рафта, 38% таҳсилро дар коллеҷ идома додаанд ва 12% - и онҳо интихоби худро иваз кардаанд.

Санҷишҳо ва сатҳи ташаккули малака ва қобилияти умумии таълимгирандагон дар ҳар ду сатҳ ба воситаи санҷишҳои маъмурӣ муайян карда мешаванд. Дар санҷиш усулҳои самараноки санҷишии сатҳи муосир истифода бурда мешавад, ки малака ва қобилияти шогирдон равшан мегардад. Устодони литсей ва донишгоҳ дар тайёр кардани тестҳо иштирок мекунанд ва доир ба фанҳои ба ихтисосҳо мувофиқ ва тибқи нақшаҳои ба ҳам алоқаманд маводҳои тестиро оид ба санҷиши дониш омода менамоянд. Дар ҳама фанҳои таълимии ихтисосҳо миқдори зиёди маводи санҷишӣ ҷамъ оварда мешаванд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад сатҳи дониши шогирдон зуд ва объективона тафтиш карда шуда, камбудиҳо дар дониши онҳо муайян карда шаванд. Дар рафти таҳқиқот ба гурӯҳи хатмкардаҳои собиқи литсей, ки баъди хатми литсей таҳсили худро дар коллеҷҳо идома дода истодаанд, таваҷҷуҳ дода шуд.

Дар коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии ба номи академик М. Осимӣ озмоиши педагогӣ дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки баъди хатми синфи 9 аз рӯйи ихтисосҳои зерин таҳсил мекунанд:

3-25015201 - Ҳисобдор бо донистани компютер;

3-25015202 -Хазинадор-назоратчӣ;

3-37015203 - Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил;

3-37015201- Челонгар оид ба таъмири маҳаррикҳои автомобил;

3-40025201-Системаи компютерӣ ва интернет–технология ;

3-51025401- Оператори нуқтаҳои савдои сӯзишворӣ ;

3-19051002-Рӯйкашкунандаи мебелҳо;

3-015101-Муҳандис оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои барқӣ;

3-015102-Механики барқӣ оид ба лифтҳо;

ва баъди хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад;

3-480154-Тозакунии канданиҳои фоиданок;

3-430151-Истифодаи техникии таҷҳизоти неругоҳҳо ва шабакаҳо;

3-30025202-Радиотехника оид ба таъмири таҷҳизоти радиоэлектронӣ;

3-37015201-Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил;

3-37015203:-Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил;

3-46015202-Устои сохтмончӣ;

3-25015201-Ҳисобдор;

3-25015202-Хазинадор –назоратчӣ;

ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар коллеҷ инчунин хонандагоне, ки баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қабул шудаанд, дар гурӯҳҳои 1-сола, 3-сола ва 4-сола барои гирифтани ихтисосҳои номбаршуда таҳсилро давом дода истодаанд. Нақшаи таълимӣ дар ин зинаҳо ба нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсею гимназияҳо қариб дар як сатҳ қарор дошта, машғулиятҳои амалие, ки дар ин коллеҷ аз рӯйи ихтисосҳои интихобшуда мегузаронанд, бартарӣ арзёбӣ мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳатҳои фарқкунандаи нақшаи таълимии литсей ва шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбии колеҷ хеле бисёранд. Аввал ин, ки 90 дақиқа давомнокӣ доштани дарсҳо мувофиқи ҷадвали дарсӣ боиси мушкил гардидани аз худкунии таълим мегардад. Донишҷӯёни коллеҷ, ки нав аз муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ,

таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо) омадаанд, барои дар ин муддат нишастану дониш аз худ намудан одат накардаанд. Баъди 45 дақиқаи дарсҳои муқаррарие, ки пеш онҳо иштирок мекарданд, дар коллеҷ таъсири манфӣ ҳам дар самти донишазхудкунии таҳсилкунандагон ва саломатии онҳо мерасад. Ана ҳамин таъсирҳо хонандагонро маҷбур месозанд, ки зуд-зуд хоҳиши аз дарс рухсат гирифтану хориҷ шуданро кунанд ва ҳатто сабаби қатъ намудану аз таҳсил рафтан дар онҳо пайдо мешаванд.

Аз рӯйи нақшаи таълимӣ дар коллеҷ аз он ҷумла, шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар фанни математика якчанд мавзӯи бобро дар 1 машғулияти дарсӣ мегузоранд, ки ин барои хонандагони шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбии коллеҷ бениҳоят душвор мебошанд.

Санҷишҳои сатҳи сифати таҳсилот на танҳо дараҷаи донишу интизоми хонандагону донишҷӯёнро муайян месозад, балки фаъолияти омӯзгорон низ таҳлили худро меёбанд. Фаъолияти омӯзгор мусбат арзёбӣ мегардад, ки агар дар ҷустуҷӯйҳои худ барои дар амалия истифода намудани донишҳои назариявӣ далелҳо дорад. Илова бар ин, омилҳои ғайриалгоритмӣ ва ғайри- муқаррарӣ дар корҳои эҷодиаш мушоҳида мешаванд;

Таҳлил барои фаъолияти худи омӯзгор низ аз рӯйи чор нишондиҳанда гузаронида мешавад:

Расми 6. Ба ҳисоб гирифтани омодагии омӯзгорон ва дараҷаи касбии онҳо




Расми 7. Натиҷаҳои нишондодаи омӯзгор дар фаъолияти ӯ тариқи иҷрои босамаронаи тадбирҳои зерин амалӣ мегарданд:



Дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ дар низоми литсей–донишгоҳ самаранокии методикаи таълими донишҷӯён аз фанни иқтисодиёт дар зинаҳои гуногуни таҳсил санҷида шуданд. Муваффақияти донишҷӯён дар озмоиш аз рӯйи сатҳи дониш, таҷриба, ҷаҳонбинӣ, ҳалли масъалаҳои рузмарраи иқтисодӣ муайян карда шуда, фарқияти донишҷӯёне, ки дар зинаи қаблӣ аз рӯйи таълими муттасилӣ омодагӣ гирифтаанд, муайян карда шуданд. Дар ин самт роҳи ҳавасмандкунӣ, ки муносибатро ба гирифтани касб дар соҳаи иқтисодиёт инъикос мекунад, мавқеи муҳим дорад. Дар раванди озмоиши педагогӣ хонандагони литсей ва донишҷӯёни соли аввали донишгоҳ ширкат варзиданд: 150 нафар донишҷӯёне, ки гурӯҳи таҷрибавӣ ҳисобида шуда, дар сафи онҳо аз ҳар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз кишвар таҳсили илм доранд, шомил гардидаанд ва 20 нафар донишҷӯёни бахшҳои болоии донишгоҳ ба гурӯҳи назоратӣ дохил шуданд. Барномаҳои таълимӣ дар иқтисодиёт дар литсей ва донишгоҳ бо назардошти муттасилӣ таҳия карда шуданд.

Ҳангоми озмоиш сатҳи сифати дониши донишҷӯёни соли аввали донишгоҳ яъне муқоисаи дониши он хонандагони собиқи литсей, ки фанни иқтисодиётро омухтаанд ва хонандагоне, ки аз дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омада дар ихтисосҳои иқтисодӣ таҳсил карда истодаанд, муайян карда шуданд. Ба гурӯҳҳои озмоиш инчунин хатмкунандагони литсей низ шомил дохил карда шуданд, ки чоряки 2 (нимсолаи 1-ро ) ҷамъбаст намуда, таҳсилро давом дода истода буданд. Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии фаъолияти хонандагони литсей дар фанҳои тахассусӣ, ки мавқеи муҳим доранд, ба инобат гирифта шуд. Дар доираи таҳлили нимсола (семестри 1) пурсиши донишҷӯён аз фанҳои “Макроэкономика” (диаграммаи 1) ва “Менеҷмент” (нақшаи 2) гузаронида шуд.

Тағирёбии сатҳи дониши хатмкунандагони литсей дар се соли таҳсил дар диаграммаҳои зерин оварда шудаанд:

Диаграммаи 6. Сифатнокии дониши хонандагон дар соли таҳсили 2020–2021 аз фанни иқтисодиёт ва пурсишҳо доир ба интихоби касб дар литсейи ДДТТ



**44%** **35%** **48%** **38%**

Нимсолаи I - и соли таҳсил Нимсолаи II - и соли таҳсил

Сутуни аввал – фоизи ҷамъбасти баҳои нимсолаи соли таҳсил.

Сутуни дуюм – фоизи пурсиши аввал доир ба интихоби касбҳои иқтисодӣ.

Диаграммаи 7. Сифатнокии дониши хонандагон дар солҳои таҳсили 2021 -2022 аз фанни иқтисодиёт ва пурсишҳо доир ба интихоби касб дар

Литсейи ДДТТ



**49%** **42%** **51%** **44%**

Нимсолаи I - и соли таҳсил Нимсолаи II - и соли таҳсил

Сутуни аввал – фоизи сифатнокии баҳои нимсолаи соли таҳсил.

Сутуни дуюм – фоизи пурсиши аввал доир ба интихоби касбҳои иқтисодӣ.

Диаграммаи 8. Сифатнокии дониши хонандагон дар солҳои таҳсили 2022–2023 аз фанни иқтисодиёт дар Литсейи ДДТТ

Нимсолаи I - и соли таҳсил Нимсолаи II - и соли таҳсил

Сутуни аввал – фоизи ҷамъбасти баҳои нимсола

Сутуни дуюм фоизи пурсиши аввал доир ба интихоби касбҳои иқтисодӣ




Нимсолаи I - и соли таҳсил Нимсолаи II - и соли таҳсил

Сутуни аввал фоизи ҷамъбасти баҳои нимсола

Сутуни дуюм фоизи пурсиши аввал доир ба интихоби касбҳои иқтисодӣ

Ҷадвали 9. Нишондиҳандаҳои пешрафти таълимгирандагони Литсейи ДДТТ дар раванди муттасилии таълим

| Раванди таълими муттасилӣ | Фоизи сифатнокии дониш дар нимсолаи I | Фоизи сифатнокии дониш дар нимсолаи II | Пурсиш доир ба интихоби касб дар нимсолаи I | Пурсиш доир ба интихоби касб дар нимсолаи II |
|---|---|---|---|---|
| Соли таҳсили | 44% | 48% | 35% | 38% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2020–2021 | | | | |
| Соли таҳсили 2021–2022 | 49% | 51% | 42% | 44% |
| Соли таҳсили 2022–2023 | 53% | 55% | 45% | 56% |

Диаграммаи 9. Натиҷаи санҷиши дониши хонандагони литсейи ДДТТ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49 - и ноҳияи Фирдавсӣ дар соли таҳсили **2022 - 2023**



**Нимсолаи I 53%** Нимсолаи **I I 44% Нимсолаи II 55% Нимсолаи II 49%**

Ҷадвали 10. Таҳлили муқоисавии шумораи аълохонҳо ва хубхонҳо дар таълими муттасилии фанни иқтисодиёт.

| | Миқдори «5» | Миқдори «4 ва 5» |
|---|---|---|
| Соли таҳсили 2020–2021 | 4 хонанда | 38 хонанда |
| Соли таҳсили 2021 – 2022 | 5хонанда | 37хонанда |
| Соли таҳсили 2022–2023 | 7 хонанда | 35 хонанда |

Ҷадвали **№11.** Тағйирёбии шавқи хонандагон нисбат ба фанни иқтисодиёт

| № т/р | Татбиқи методи муттасилӣ | Хоҳиш доранд | Муайян нест | Хоҳиш надоранд |
|---|---|---|---|---|
| 1 | То истифодаи раванди муттасилӣ | 15% | 25% | 60% |
| 2 | Баъди низоми муттасилӣ | 45% | 30% | 25% |

Рафти донишазхудкунии хонандагони литсейи назди Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон баъди анҷоми нимсолаҳои соли таҳсил ва анҷоми соли таҳсил ин нишондиҳандаҳоро дорост.

Ҷадвали 12. Нишондиҳандаҳои хатмкунандагони литсейи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз фанни иқтисодиёт дар нимсолаи I - и соли таҳсили 2022 - 2023

| Синфҳо, омӯзгор. | Баҳои «5» | Баҳои «4» | Баҳои «3» | Баҳои «2» | Давом от | сифатнокӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфи 11«А», Султонов М. | 6 | 14 | 4 | – | 100% | 83,3% | 24 |
| Синфи 11 «Б» Раҳмонова М. | 5 | 12 | 6 | – | 100% | 73,9% | 23 |
| Ҷамъ 2 синф | 11 | 26 | 10 | Нест | 100% | 78,7% | 47 |
| Нишондиҳандаҳои хатмкунандагони литсейи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз фанни иқтисодиёт дар нимсолаи II–и соли таҳсили 2022–2023 | | | | | | | |
| Синфҳо, | Баҳои | Баҳои | Баҳои | Баҳои | Давом | сифатнокӣ | Ҳамагӣ |

| омӯзгор. | «5» | «4» | «3» | «2» | от | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфи 11«А», Султонов М. | 7 | 15 | 2 | Нест | 100% | 81% | 24 |
| Синфи 11 «Б» Раҳмонова М. | 8 | 13 | 2 | Нест | 100% | 90% | 23 |
| Ҷамъ | 15 | 28 | 4 | Нест | 100% | 91,5 | 47 |

Диаграммаи 10. Натиҷаи пешрафти дониши донишҷӯёни бахши аввали ДДТТ аз рӯйи фанни иқтисодиёт

Дар ин диаграмма натиҷаи фаъолияти донишҷӯёни бахши аввали донишгоҳ, ки хатмкунандагони собиқи литсейи ДДТТ, муассисаҳои равиядошта ва хатмкунандагони дигар намуди муассисаҳои таълимӣ мебошанд, нишон дода шудааст.



МТМУ **44%** Литсейи ДДТТ **56%** Муассисаҳои равиядошта **57** %

Санҷиши аввал тариқи тестӣ доир карда шуда, чунин натиҷаҳоро нишон доданд: Хатмкунандагони собиқи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ-44%, литсейи ДДТТ-56% ва муассисаҳои равиядошта – 57%

Таҳлили муқоисавии монанд оиди пешрафти дониши донишҷӯёни бахши аввали Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи фанни иқтисодиёт, ки он барои хатмкунандагони собиқи литсейи ДДТТ, муассисаҳои равиядошта ва муассисаҳои дигари ҷумҳурӣ ташкил медоданд гузаронида шуд. Натиҷаҳои пурсиш чуни натиҷаҳоро нишон доданд: хонандагони ҳарсе гурӯҳ вазифаҳоро иҷро карданд; сифати дониш дар гурӯҳи таҷрибавӣ аз фанни иқтисодиёт - 50%,

Ба гурӯҳи таҷрибавӣ хатмкунандагони собиқи литсейи ДДТТ, ки ҷузъи маҷмӯи литсей–донишгоҳ мебошанд, ба гуруҳи назорати донишҷӯён– хатмкунандагони дигар литсейҳои иқтисодӣ ва хатмкунандагони мактабҳое дохил мешаванд, ки таҳсилоти махсуси пеш аз донишгоҳӣ надоранд. Натиҷаҳои фаъолият нуқтаҳои зеринро нишон доданд: ҳама донишҷӯён имтиҳонҳоро бомуваффақият супурданд; сифат дар гурӯҳи таҷрибавӣ 70%, дар гурӯҳи назоратии хатмкунандагони дигар литсейҳои иқтисодӣ – 50%, дар гуруҳи назоратии хатмкунандагон, ки тайёрии махсус пеш аз донишгоҳ надоранд, 30% буд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ мақсаднок будани сатҳи таълими иқтисодиро дар таълими муттасилии иқтисодӣ ва самаранокии таълими иқтисодии донишҷӯёнро бо назардошти давомнокии низоми литсей–донишгоҳ ба таври қотеъ исбот мекунанд.

Ба ақидаи мо маълумотҳое, ки аз ин гуна санҷишҳо ба даст меоянд дар муайян кардани самт ва заминаҳои рушди маҷмӯи таълимию методии литсей-донишгоҳ нақши муҳим доранд. Дар асоси маълумоти натиҷагириҳои охир накшаю барномаҳои таълимӣ таҳия ва тартиб дода шуда, самтҳои корҳои илмию таълимӣ ва барномаи таълимӣ таҳия карда шуданд, ки он дар боби аввал нишон дода шуда буд.

Таҳлили маълумот оид ба тағирот дар соҳаи ҳавасмандгардонӣ аз самаранокии нақшаҳои таълимӣ ва усулҳои таълимие, ки мо дар асоси муттасилӣ таҳия кардаанд, шаҳодат медиҳад.

Ҳавасмандӣ ин он маъноро дорад, ки хонандагони литсей ва донишҷӯёни донишгоҳ дар баробари таълими иқтисодӣ гирифтан, инчунин дар озмуну мусобиқаҳои мазмуни иқтисодидошта иштирок менамоянд ва бо саёҳат ба корхонаҳои саноатӣ донишу малакаи худро васеъ мегардонанд. Илова бар он, аз рӯйи барномаи муттасилӣ суҳбату дигар чорабиниҳои муфид барои ҷалби таълимгирандагон ба касбҳои иқтисодӣ бештар баргузор карда мешаванд.

Ҳангоми арзёбии соҳаи ҳавасмандӣ, пас аз ба итмом расидани дарсҳо ва баъд аз омӯзиши тамоми барномаи омузишӣ, аз ҷумла машваратҳои дастурдиҳӣ, саволномаҳо ва мусоҳибаи кӯтоҳ бо донишҷӯён гузаронидем. Маълумот дар диаграммаҳои 7 ва 8 нишон дода шудаанд.

Диаграммаи 11. Арзёбии ҳавасмандӣ, ки муносибати донишҷӯёнро ба субъектҳои давраи иқтисодӣ дар оғози озмоиш муайян мекунанд




Аз ин диаграмма бармеояд, ки пас аз гузаронидани дарсҳо бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ гурӯҳи донишҷӯён, ки дониши нокифояи иқтисодӣ дошта, зарурияти омӯхтани фанни иқтисодиётро доштанд ва дар ин машғулиятҳо гурӯҳи манфиро ташкил медоданд, ба таври назаррас коҳиш ёфтанд.

Нишондиҳандаи муҳимтарини самаранокии мундариҷа ва усулҳои таълими иқтисодиёт дар литсей–донишгоҳ, ба назари мо равона кардани донишҷӯён ба ихтисоси интихобкардаашон мебошад. Барои омӯхтани ин мушкилот мо аз як тадқиқоти таваҷҷӯҳӣ дар литсейи ДДТТ

гузаронидашуда истифода кардем. (асосан бо пурсишҳои номаълум): 65.1% хатмкунандагони литсей барои гирифтани касби ҷолиби иқтисодиёт кӯшиш мекунанд. Аз ин ҳисоб 56%-и онҳо ихтисоси иқтисодчиро фойидаовар мешуморанд ва иброз медоранд, ки он вазнин нест. Ба ғайр аз ин онҳо бо боварӣ иброз менамоянд, ки баъд аз хатми таҳсил фавран метавонанд кор пайдо кунанд, Нишондиҳандаи муҳимтарини самаранокии таълими иқтисодӣ, ки мо дар заминаи муттасилии низоми литсей–донишгоҳ ба даст овардем, чунин буд: хоҳиши аз худ кардани донишҳои иқтисодиро 95%- и хонандагон ҷонибдорӣ намуданд.

Натиҷаҳои кори таҷрибавӣ имкон медиҳанд, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Натиҷаҳои озмоишии сифати дониш аз руйи фанҳои иқтисодӣ дар се соли охир чунин аст;

- хонандагони литсей: **2021 - 78,3%; 2022 - %; 2023 – 80%.**

2. Таҳлили муқоисавии фаъолияти таълим дар фанҳои иқтисодии литсейҳои маҷмӯӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе дар соли таҳсили 2022-2023 бартарияти гирифтани маълумоти касбиро дар системаи литсей–донишгоҳ ба таври боварибахш исбот мекунад: масалан, сифати дониши хатмкунандагон литсей 80% -ро ташкил медиҳад, дар ҳоле, ки хатмкунандагони собиқи дигар мактабҳо 50% -ро нишон доданд.

3. Маҷмуаи таълимию методии литсей–донишгоҳ метавонад як пойгоҳи ҷудонашавандаи таҳсилоти давомдори иқтисодӣ бошад, ки қобилияти баланд бардоштани сифати донишро дар ҳама сатҳҳои таълими иқтисодӣ дошта бошад.

4. Таъсис додани муттасилӣ дар таълими иқтисодии донишҷӯён ба вазифаҳои консепсияи таҳияи низоми литсей-донишгоҳ, ниёзҳои иҷтимоии ҷомеа, дигаргуниҳои муосир ва равандҳои инноватсионӣ мувофиқат мекунад.

5. Хатмкунандаи раванди литсей-донишгоҳ барои мустақилона аз худ намудани дониш дар соҳаи фаъолияти касбӣ омода хоҳад буд.

6. Интихоби меъёрҳои гуногуни гирифтани маълумоти иқтисодӣ дар зинаҳои гуногун имконпазир аст.

Ҷадвали № 13. Муқоисаи миқдори хатмкунандагони литсейи донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ки ба донишгоҳҳои иқтисодӣ дохил шудаанд.

| **Синфҳо** | **Соли таҳсили 2021-2022** | | | **Соли таҳсили 2022 – 2023** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| № т/р | Номи донишгоҳ | Дохил шудаанд | Факултаи иқтисодӣ | Номи донишгоҳ | Дохил шудаанд | Факултаи иқтисодӣ |
| 1 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 4 | 4 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 5 | 4 |
| 2 | Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия | 3 | 3 | Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия | 2 | 2 |
| 3 | Донишгоҳи техникии ба номи академик М.Осимӣ | 2 | 2 | Донишгоҳи техникии ба номи академик М.Осимӣ | 2 | 2 |
| 4 | Донишгоҳи давлатии | 3 | 2 | Донишгоҳи давлатии | 4 | 4 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | тиҷорати Тоҷикистон | | | тиҷорати Тоҷикистон | | |
| **5** | Донишгоҳи давлатии технологии Тоҷикистон | 3 | 2 | Донишгоҳи давлатии технологии Тоҷикистон | 3 | 3 |
| 6 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон | – | – | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон | 2 | 2 |
| 7 | Донишгоҳи иқтисодии Тоҷикистон | 2 | 2 | Донишгоҳи иқтисодии Тоҷикистон | 3 | 3 |
| 8 | Донишгоҳи давлатии шаҳри Кулоб | 3 | 3 | Донишгоҳи давлатии шаҳри Кулоб | 2 | 1 |
| 9 | Донишгоҳи далатии бизнес ва политикаи шаҳри Хуҷанд | 2 | 2 | Донишгоҳи далатии бизнес ва политикаи шаҳри Хуҷанд | 1 | 1 |
| 10 | Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 | 2 | Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 | 1 |
| 11 | Донишкадаи | 4 | | Донишкада | 4 | 4 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | соҳибкорӣ ва хизмат | | 4 | и соҳибкорӣ ва хизмат | | |
| 12 | Донишкадаи энергетикии шаҳри Бохтар | 3 | 3 | Донишкадаи энергетикии шаҳри Бохтар | 3 | 3 |
| 13 | Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ | 2 | 2 | Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ | 4 | 3 |
| 14 | Ба дигар донишгоҳу донишкадаҳои ғайри иқтисодӣ | 10 | | Ба дигар донишгоҳу донишкадаҳои ғайри иқтисодӣ | 8 | |
| 15 | Ба истеҳсолот | 7 | | Ба истеҳсолот | 5 | |
| **ҷамъ** | **49** | **32** | **65,3 %** | **50** | **36** | **66 %** |

Диаграммаи 12. Тағйирёбии миқдори хатмкунандагони литсейи ДДТТ, ки ба донишгоҳҳои олии иқтисодӣ дохил шудаанд.




**Хулосаи боби дуюм**

Барои ҷомеаи мутамаддин ва рушдёфтаро соҳиб гардидан рушд додани низоми мактабу маориф ва илму фарҳанг нақши калидӣ ва созандаро мебозад. Мактабу маориф метавонад барои афзун гардонидани мутахассисоне, ки дорои дониши устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ҳастанд, саҳм гузорад. Баланд гардидани кори мактабу маориф, на танҳо ба таъмини пурраи илмомузӣ фаро гирифтани таълимгирандагон замина мегузорад, балки метавонад ба дараҷаи сифатан нави замонавӣ табдил додани донишу таҷрибаи онҳо мавқеи муҳим дошта бошад.

Дар даврони Истиқлолият ба шарофати ислоҳоти соҳаҳои гуногун, аз ҷумла соҳаи мактабу маориф дастовардҳои шоён ба назар мерасад. Агар ба ислоҳоти соҳаи мактабу маориф аз нигоҳи таҳқиқ ва таҳлил назар андозем, се марҳилаи амалӣ намудани сиёсати давлатии

Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар соҳаи мактабу маориф мушоҳида намудан мумкин аст: марҳилаҳои ибтидоӣ, зиддибуҳронӣ ва стратегӣ.

Муҳтавои таълими иқтисодии донишҷӯён бо назардошти татбиқи муттасилӣ дар маҷмуи литсей–донишгоҳ дорои сохтори махсуси ташкили раванди таълим, бахусус усулҳо, шаклҳои таълим, назорати сифати дониш мебошад.

Феълан вобаста ба фаъол гаштани нақши илм дар фаъолияти қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа иқтисодиёти дониш ҷойгаҳи устувор пайдо карда, ҷустуҷӯи илм аз тарафи таълимгирандагон ба маротиб афзудааст. Вобаста ба ин чорабиниҳое, ки аз рӯйи нақша бо мақсади амалӣ намудани ташкили муттасили таълим дар байни зинаҳои литсей ва донишгоҳ роҳандозӣ карда шуданд, ба беҳтар омода шудани мутахассисони оянда мусоидат намуданд. яъне бо ин роҳ маҷрои фаъолияти нав дар омузиши фанни иқтисолиёт рушди навро соҳиб гардида, барои омӯзиши ин фан тағиротҳои мусбӣ ба амал омаданд.

Тартиби ташкили муттасилии таълими иқтисод дар системаи литсей-донишгоҳ низоми бисёрсатҳаи таълимро дар назар дорад, ки он имкон медиҳад, ки дар ҳар як марҳилаи таҳсил сатҳи имконпазириҳо ва манфиатҳои рушди он, хусусияти бисёрҷонибаи таълими иқтисодӣ, тафриқаи шароити таълимро таъмин созад.

Сифати дониши хонандагон дар муайян кардани тактика ва стратегияи фаъолият ва рушди маҷмуаи таълимию методии литсей–донишгоҳ нақши муҳим дорад. Дар асоси маълумоти мониторинг нақшаю барномаҳои таълимӣ таҳия ва тартиб дода шуда, самтҳои корҳои илмию таълимӣ ва таълимию методии литсей ва донишгоҳ муайян карда шудаанд:

1. Ҳамкории литсей ва донишгоҳ дар асоси принсипи муттасилӣ ба мо имкон медиҳад, ки зиддиятҳоеро, ки дар ҷараёни таълими донишҷӯёни донишгоҳ ва хонандагони литсей ба амал меоянд, ҳаллу фасл намояд;

2. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи олимону донишмандони ватанию хориҷӣ, инчунин муттафакирони бузурги асримиёнагии форсу тоҷик дар ҷараёни таълими фанни иқтисодиёт ва инкишоф додани донишҳои иқтисодии хонандагону донишҷӯён нақши муҳимро мебозад.
3. Ташкили ҳадафҳо, вазифаҳо, мундариҷа, усулҳои пай дар пай дар маҷмуи литсей–донишгоҳ имкон медиҳад, ки самаранок омода намудани муттахасисони оянда роҳи ҳалли худро пайдо намояд;
4. Низоми муттасилии таълим дар зинаҳои литсей ва донишгоҳ барои татбиқи мақсадҳо, роҳандозии мундариҷа, роҳу усулҳо боиси ҷалби хонандагон ба таҳсилоти олии иқтисодӣ мегардад;
5. Шарти муҳими татбиқи муттасилии таълим дар маҷмуи литсей–донишгоҳ оқилона интихоб намудани мундариҷа, воситаҳо ва шаклҳои таълим мебошад.

## ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

Таҳлилҳо тасдиқ мекунанд, ки татбиқи самараноки таълими иқтисодӣ дар низоми литсей-донишгоҳ ба рушди он мусоидат мекунад. Барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва донишазхудкунии таълимгирандагон таҳқиқоти мавзуи интихобшуда имкон дод, ки барномаи таълими муттасили фанни иқтисодиёт бо ҳамкории омузгорони зинаҳои литсей ва донишгоҳ мавриди озмоиш қарор дода шавад. Барои ин барномаҳо адабиёти дахлдори таълимӣ, заминаи ҳуқуқӣ ва низоми идоракунии таълими иқтисодӣ дар маҷмуи литсей-донишгоҳ мавҷуд аст.

Дар асоси таҳлили сохтор ва мазмуни таҳсилоти муттасили касбӣ дар доираи таҳқиқоти психологию педагогӣ дар низоми литсей-донишгоҳ низоми таълими муттасили иқтисодӣ таҳия гардид, ки маҷмуи усулҳои таълимро дар робита бо муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун дар бар мегирад.

Барои таъмини идомаи таълими иқтисодии хонандагон усулҳои самарабахши таълим аз қабили: фаъолгардонӣ ва тафриқаи фаъолияти маърифатӣ, ҳалли масъалаҳо, фаъолияти рушд ва бозӣ ошкор карда шуда, мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Озмоишҳо нишон доданд, ки маҷмуи таълимию методии литсей-донишгоҳ метавонад чузъи таркибии таълими муттасили иқтисодӣ гардад, сифати донишро дар ҳамаи зинаҳои таълими иқтисодӣ баланд бардошта, ба ин васила маҳорати касбии хонандагонро ташаккул диҳад; Барқарор намудани муттасилӣ дар таълими иқтисодии хонандагон мақсадҳои консепсияи рушди низоми литсей-донишгоҳ, талаботи иҷтимоии ҷомеа, тағйироту ҷараёнҳои инноватсионии муосир дар низоми маорифро таъмин хоҳад сохт. Хатмкунандагони маҷмааи литсей-донишгоҳ барои гирифтани ихтисоси мустақили дониш дар соҳаи фаъолияти касбӣ омода хоҳанд шуд ва имконоти интихоби сатҳи таҳсилоти иқтисодӣ дар зинаҳои гуногун ба вуҷуд хоҳанд омад.

Корҳое, ки дар татбиқи низоми таълимию методии литсей-донишгоҳ анҷом дода шуданд, имкон доданд, ки ба натиҷаҳои назаррас ноил гардем. Тақвият бахшидани корҳои илмию амалӣ дар хамаи намудҳои муассисаҳои таълимии ин раванд боиси баланд шудани сифати дониши хонандагон, инчунин сатҳи касбии муаллимони литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ гардид.

Ҳамкории литсей ва донишгоҳ дар асоси талаботи муттасилӣ имкон медиҳад, ки зиддиятҳои дар ҷараёни таълим ба хонандагони литсей ва донишҷӯёни соли аввали донишгоҳ ба амалоянда ба зудӣ ҳал карда шаванд.

Аз таҳқиқотҳои гузаронида шуда, мо чунин натиҷаҳо баровардем:

1. Дар хонандагон таваҷҷуҳи зиёд нисбати фанни иқтисодиёт зиёд шуда,  дараҷаи донишазхудкунии онҳо беҳтар гардид.

2. Шумораи хонандагоне, ки касбҳои самти иқтисодидоштаро интихоб кардаанд, афзоиш ёфта, омодагиашон ба як самт равона гардид.

3. Камбудию норасоиҳое, ки дар тайёр намудани хатмкунандагони литсей барои ноил гардидан ба ҳадафҳо ҷой доштанд, бартараф карда шуданд, яъне дар анҷоми соли таҳсил ҳамаи хатмкардагони литсей касбҳои худро бо пурраги ва омодаги интихоб карда буданд. Зеро омодагиҳои онҳо аз рӯйи барнома мунтазам гузаронида шуда, имкон доданд, аз равиши тарзи таҳсилот дар зинаи баъдӣ алакай шиносоӣ пайдо кунанд.

4. Дар байни кормандони зинаҳои таҳсилот ҳамкориҳо ҷиҳати ташкилу баргузор намудани дарсҳои кушод, мусобиқаҳои саволу ҷавоб, озмунҳои шавқовари мазмуни иқтисодидошта, ташкили саёҳатҳо ба корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он ва дигар чорабиниҳои аз рӯйи барнома ба нақша гирифташуда, амалӣ карда шуданд.

5.Таҳлили педагогӣ, психологӣ ва методии фаъолияти таълимии хонандагон аз ҷониби муаллиф имкон дод, ки баъзе паҳлуҳои норавшани усулҳои корбарӣ бо хатмкунандагон ва омодакунии онҳо ба зинаҳои баъдии таҳсилот ошкор ва имконияти самаранокии таълими инкишофёбанда таъмин сохта шавад.

6. Мушоҳидаҳои давраи таҳқиқот нишон доданд, ки ташкили дарсҳои мазмуни иқтисодидошта аз синфҳои ибтидоӣ сар карда ба роҳ монда шаванд, зеро он ба муттасилии таълими фанни иқтисодиёт дар зинаҳои таҳсилот замина гузорад.

7. Ҳангоми озмоишҳо мо муайян сохтем, ки дар раванди муттасилии таълим дар синфҳои хатмкунандаи литсейи тиҷорат нисбат ба солҳои таҳсили қаблӣ миқдори муттахассисони оянда, ки соҳаи иқтисодиётро интихоб намуда, ба донишгоҳу донишкадаҳои олии иқтисодӣ дохил шудаанд, хеле афзоиш ёфтааст. Ин натиҷаҳо дар ҷадвали боби 2-и диссертатсия нишон дода шудаанд.

8. Натиҷаи бадастовардаи аз ҳама муҳим он аст, ки дар раванди таҳсили муттасил ба меъёри баҳои хонанда риоя карда шавад. Зеро худи

низоми мавҷуда хонандаро водор месозад, дар ҷустуҷуи илм ва омӯзиши он бошад. Меъёрҳои баҳодиҳии омодагии иқтисодии донишҷӯён, боназардошти давомнокии омӯзиш, ба рақобатпазирии дониш ва малака, аҳамияти шахсӣ ва иҷтимоии онҳо асос ёфта, меъёри азхудкунии дониш ва ташаккули малакаро дар бар мегирад. Диаграмаҳои дар боби 2 нишон додашуда натиҷаҳои баёншударо тасдиқ менамоянд.

9. Низоми муттасилӣ ҳамкориии муассисаҳои таълимиро бо падару модарони хонандагону донишҷӯён ва аҳли ҷомеа тақвият бахшида, самаранокии таълимро таъмин менамояд. Ҳамон вақт шогирдони мо соҳиби сатҳи баланди касбӣ, эҷодкорӣ, ихтироъкорӣ, навоварӣ мегарданд, агар ин касби интихобнамударо бо кӯмаку тавсияҳои роҳнамунсози омӯзгорон, падару модарон дар ҳар як зинаи таҳсилот бо дониш ва таҷрибаи мукаммал ҷамъбаст намоянд. Ин равандро танҳо бо роҳандозии таълими муттасилӣ метавонем, амалӣ намоем.

Таҳқиқот ба мо имкон дод, ки назария ва принсипҳои амалии муттасилӣ - ҳамчун низоми мукаммал дар ҳолати идомаи таҳсилро муайян кунем ва дар натиҷа низоми муттасилии таълими иқтисодии хонандагон дар системаи литсей-донишгоҳ-ро таҳия намоем.

Фарзияи пешниҳод намудаи мо тасдиқ намуд, ки татбиқи барномаи муттасилӣ дар ҷараёни таълими иқтисодиёт дар системаи литсей-донишгоҳ ба самаранокии натиҷаи он анҷом меёбад. Барои баланд бардоштани самаранокии сифати таълим талабот ба ташаккули шахсият ва омодагии касбии мутахассисон дар ҳар як зинаи таҳсилот диққати зарурӣ додан лозим меояд. Дар давраҳои минбаъда сохтор ва барномаи идоракунии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таълимии ба маҷмуъ дохилшуда мукаммал карда мешаванд ва робитаҳои ҷузъҳои зинаҳо асоснок карда шуда, барномаи таълимӣ таҳия ва озмоиш карда мешаванд. Доир ба ин барномаҳо, адабиёти дахлдори таълимӣ, заминаи

ҳуқуқӣ ва механизми идоракунии таълими иқтисодиёт дар маҷмӯи литсей-донишгоҳ вуҷуд доранд.

Мундариҷаи фаъолияти таълимию методии ин раванд, аз ҷумла таҳлили потенсиали илмӣ, методӣ, кадрӣ ва моддии муассисаҳои таълимии ба таркиби маҷмуъ дохилшаванда муайян карда мешавад; таҳия ва ҳамоҳангсозии нақшаҳои мувофиқ дар системаи литсей-донишгоҳ; татбиқи марҳилаи гузариши тадриҷан аз синф ба синфи лекторӣ-семинарии таълим; такмили ихтисоси омӯзгорони литсей тавассути таҷрибаомӯзӣ дар кафедраҳои ДДТТ, иштирок дар корҳои таълимӣ ва илмӣ-методии ДДТТ, ҷалби омӯзгорон ба корҳои таҷрибавӣ, ташкили корҳои илмию тадқиқотӣ бо донишҷӯён, таҳияи меъёрҳои арзёбии омодагии иқтисодии донишҷӯён давомнокӣ дар модели литсей – донишгоҳ.

Корҳои таҷрибавӣ  нишон доданд, ки маҷмуи таълимию методии литсей-донишгоҳ метавонад як пойгоҳи ҷудонашавандаи таълими муттасилии  иқтисодӣ  гардад, сифати донишро дар ҳама сатҳҳои таълими иқтисодӣ баланд бардорад ва ба ин васила салоҳияти касбии донишҷӯён баланд гардад; муқаррар намудани муттасилӣ дар таълими иқтисодии донишҷӯён ба вазифаҳои консепсияи таҳияи системаи литсей-донишгоҳ, эҳтиёҷоти иҷтимоии ҷомеа, дигаргуниҳои муосир ва равандҳои инноватсионӣ дар низоми таълими давлатӣ таъмин гардад. Хатмкунандаи маҷмуи литсей-донишгоҳ барои ихтисоси мустақили дониш дар соҳаи фаъолияти касбӣ омода хоҳад буд, интихоби сатҳи гирифтани маълумоти иқтисодӣ дар зинаҳои гуногун имконпазир хоҳад гашт.

Амалисозӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби мо мунтазам тибқи барномаи озмоиши таълими иқтисодии донишҷӯён дар системаи литсей-донишгоҳ гузаронида мешуд.

Умуман, ин кор метавонад барои омӯзиши амиқтар ва васеътари ташаккули механизмҳои нави маҷмӯи  литсей-донишгоҳ ҳамчун асос

хидмат кунад. Дар заминаи литсейи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва худи донишгоҳ таҷриба дар бораи ташаккули дигар маҷмӯаҳо бо фарогирии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо) аспирантура ва инчунин муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ идома дода мешавад. Сохтори сифати дониш дар сатҳи литсей - донишгоҳ инкишофи минбаъдаро тақозо мекунад.

Ҷанбаъҳои асосии проблемаҳои дар рисола омӯхташуда борҳо дар маҷлисҳои кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии ДДТТ, дар маҷлисҳои методии муаллимони литсейи ДДТТ, литсейи №4 барои хонадагони болаёқати шаҳри Душанбе вохӯриҳои августии омӯзгорони фанни иқтисодиёт дар мактабҳои миёна, литсейҳои шаҳри Душанбе ва кишвар баррасӣ карда шуданд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Ҳамкории байни зинаҳои таҳсилот, алалхусус литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи иқтисодидошта тақвият дода шавад.

2. Барномаи нави таълимии фарогири ҷалби хонандагони синфҳои болоии литсейҳо ба иштирок дар чорабиниҳои беруназдарсии донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ таҳия карда шавад.

3. Ташкили маҳфили дохилилитсейии «Ёрӣ ба дохилшавандагони мактабҳои олӣ» ба нақша гирифта шавад, ки мазмуни чорабиниҳои он шиносоӣ бо ҳаёти донишҷӯ бояд бошад.

4. Ба барномаи таълимии литсейҳо ворид намудани мавзуъҳо оид ба таҳияи презентатсияҳо аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ доир ба дигаргуниҳои иқтисодӣ дар кишвар.

5. Таъмини иштироки хонандагон дар машғулиятҳо бо иштироки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Шиносоӣ ба натиҷаи арзёбии сифати дониши донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, тарзҳои омодагӣ, давомнокӣ ва қоидаҳои ҷамъбасти марҳилаҳои таҳсил.

6. Ҷалби омӯзгорон барои иштирок дар семинарҳои ҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ ва байналмиллалӣ роҷеъ ба баланд бардоштани маҳорати касбӣ, фарҳангӣ ва эҷодкорӣ.

7. Гузаронидани ташхиси дониши хонандагони синфҳои болоӣ ва муайян намудани мувофиқати касби интихоб намудаи онҳо.

8. Дар барномаи таълимӣ дохил намудани мавзуҳо аз таърихи иқтисодиёт, саҳми ниёгон дар рушди илми иқтисодиёт;

9. Дар зинаҳои таҳсилот муайян намудани фаъолияти толибилмон , ташаккули дониши онҳо, натиҷагирӣ намудан аз нишондиҳандаҳои бадастовардаи ҳар яки онҳо дар ин марҳилаҳо;

10. Тасдиқ намудани нақшаҳои солона, моҳонаи ташкилию педагогӣ барои татбиқи консепсия ва модели таълимии таҳсилоти муттасилии иқтисодӣ;

11. Муайян намудани меъёрҳои муайяни дониши иқтисодӣ барои толибилмон дар ҳар як зинаи таҳсилот;

12. Муайян намудани мундариҷаи адабиётҳои таълимию методӣ бо назардошти муттасилӣ дар сатҳи литсей-донишгоҳ;

13. Омӯхтан ва ба низом даровардани ҳуҷҷатҳои педагогӣ ва таълимӣ–методӣ (барномаҳо оиди рушди муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ, барномаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ) бо мақсади муайян кардани мавҷудияти ҳамкории дар муттасилии таълим ва технологияи пешрафтаи педагогӣ;

14. Таъсиси воҳидҳои корӣ дар донишгоҳ ҷиҳати қабул ва интихоби мутахассисон, назорат, таҳлил ва ташкили раванди муттасилии таълим дар зинаҳои литсей ва донишгоҳ;

15. Давра ба давра таълими фанни иқтисодиётро аз синфи 5–ум ба шакли истифодаи озмуну мусобиқаҳо ва машғулиятҳои ҷабҳаи иқтисодидошта ба роҳ мондан.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. А. И. Абалкин Новый тип экономического мышления. — М., 1987.—191 с.

2. А. Н. Абраменко Педагогические условия профессиональной подготовки молодежи для работы в рыночной экономике. — Новосибирск, 1994. — С.

1. А.И. Абрамова Экономическое образование и воспитание учащихся: Метод. пособие для ОПТУ. — М.: Высшая школа, 1986. —150 с.

2. А. Н Аверьянов. Системное познание мира: Методологические проблемы. — М.: Политиздат, 1985. —263 с.

3. В. С., Автономов Э. Голдстин (США) Экономика для школьников. — М.: “Эконов”, —1995. — С

4. А. Г., Аганбегян Москвин Д.Д. Что? Где? Почему?: Школьникам об экономике: Пособие для учащихся. — М.: Просвещение, 1981. — 206 с.

5. Азимов Холмаҳмад. Калиди баҳаракаратдарорандаи муҳаррики иқтисодиёт. Азия плюс, - tgru 02.05.15.

6. Л. Б Азимов. и др. Преподавание экономики в школе.—М.: Финансы и статистика: Рос. экон. журнал, 1994. —35 с.

7. З., Акрамӣ Қурбонов Б., Ҳаёт ва фаъолияти Закариёи Розӣ, Муаррих (маҷаллаи илмӣ) №2, - 2016, — с. 3-4.

8. А. Ф. Аменд Экономическое образование и воспитание учащихся IV-X классов. — Челябинск, 1988. — 162 с.

9. Б. Г. Ананьев О преемственности в обучении / Б. Г. Ананьев // Сов. педагогика. – 1953. - № 2. - С. 23–25.

10. Барномаи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар солҳои таҳсили 2015 - 2020 (бо забони тоҷикӣ).. — Душанбе, 2015. – 40с.

11. Барномаи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар солҳои таҳсили 2018 - 2019 (бо забони тоҷикӣ ) —. Душанбе. 2018. — 40с.

12. Б. С. Батурин Проблема преемственности в диалектико-материалистическом учении о развитии: Автореф. дис... .канд. философ, наук. — Алма - Ата, 1981. —19 с.

13. Болдырева Задания для самостоятельной работы по основам экономических знаний. —М. , 1988. — 160 с.

14. А.С. Бляхман Перестройка экономического мышления.—М., 1990. – 271 с.

15. В.С.Безрукова Основы экономических знаний.—М.:Знание,1993. — с

16. Н.В. Борисова, А.М. Князев Дидактические условия использования игровых технологий в подготовке специалистов. (Уч. Пособие.), — М.: Исс. центр, пробл. кач. спец-тов., 1999. — 59 с.

17. М.К. Бункина Деньги, банки, валюта. Учебное пособие, — М.: АО "ДИС", 1994. — с

18. Ю.К. Васильев Педагогическое управление в школе: методология, теория, практика, —М.: Педагогика, 1990. - 139 с.

19. Ю.К. Васильев Экономическое образование и воспитание учащихся. — М., Просвещение, 1986.—196 с.

20. Введение в экономику: основы экономики и предпринимательства (учебные программы для школ и лицеев). — М., 1993. —с

21. С. Г. Вершловский Психолого-педагогические проблемы деятельности молодого учителя. —Л.: Знание, 1983. —32 с.

22. С.Г. Вершловский, Попов Е.Б. Социально-педагогические проблемы гуманизации образования. // Инф. бюллетень № 4. СПб.,— Новгород, Псков, 1995. — С.4-7.

23. С.Г. Вершловский Общее образование взрослых: стимулы и нормативы / НИИ общ. образования взрослых АПН СССР / С.Г. Вершловский. М.: — Педагогика, 1987. —183 с.

24. Взаимодействие школы и семьи в экономическом воспитании детей. — М., 1991. — 21 с.

25. М. М. Винокурова Добрынина 3. И. Изучение экономических вопросов в школьных курсах истории. М.,— 1986. — 240 с.

26. А.П. Владиславлев Непрерывное образование: проблемы и перспективы. — М, 1995. — 87с

27. С.А.Воронин Воспитание и рынок. Педагогика, —М. 1993,-№2, — 122 с.

28. Л.С. Выготский Педология подростка, — М.: Учпедгиз, 1929, — 172 с.

29. В.М Гальперин., П.И Гребенников., А.И., Леусский Тарасович Л.С. Макроэкономика. С. — Петербург: Экономическая школа, 1994. — 172 с

30. И.Ф. Гербарт Общая педагогика выведенная из цели воспитания// Хрестоматия по истории педагогики/Сост.: Г.К. Весберг, С.А. Желваков, С.А. Фрумов. — М.: Учедгиз, 1940. - Т.2, ч. 1, 220 — 286 с.

31. Б.С. Гершунский Педагогическая прогностика: методология, теория, практика. – Киев: Высшая школа, 1986, — 200 с.

32. Б.С. Гершунский Педагогические аспекты непрерывного образования//Вестник высш. Школа, 1987. - №8 —22-29с.

33. С.М. Годник Процесс преемственности высшей и средней школы. — Воронеж: изд-во Воронеж. Ун-та, 1981. – 208 с.

34. С.Г. Григорьев Преемственность в обучении математике учащихся средней школы и студентов экономического вуза: автореф. дис....канд. пед. наук в форме науч. докл. – М., 2000.—30 с.

35. Т.В. Грищенко Педагогические условия подготовки учителя к осуществлению экономического образования и воспитания школьников. Дисс. канд. пед. Наук. — М., 1991.— 197 с.

36. Ф.Гулмадов Формирование у младших школьников нравственных знаний и поведения в коллективной деятельности / Ф.Гулмадов, дисс.док.пед.наук.–Душанбе, 1988.–188с.

37. С. Гулмахмадов Преподавание экономики в современной школе // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал), сер. Естественных наук. – Душанбе: Сино, 2017. №3/3. – С. 184-187.

38. С. Гулмахмадов, И.Х. Каримова Способы организации контроля за качеством успеваемости учащихся общеобразовательных школ // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал), сер. естественных наук. – Душанбе: Сино, 2017. -№3/7. Ч.II. – С. 188-190.

39. С. Гулмахмадов, У.Х Раджабов. Самостоятельная деятельность учащихся направленное на экономическое образование, обеспечивающая преемственность «школа-вуз» // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал), сер. естественных наук. – Душанбе: Сино, 2019. -№6.– С. 231-237.

40. С Гулмахмадов., У.Х. Раджабов. Экономическое образование школьников при изучении математики и физики обеспечивающее преемственность их деятельности в вузе // Материалы республиканской научно-практической конференции “Современные проблемы развития естественно-матема—тических наук в Республике Таджикистан” Душанбе: ТГПУ им. С.Айни, 2019. – С.196-199

41. И Давлатов., Б Исоматов., С. Ҳабибов.Иқтисоди бозоргон. Китоби дарс барои синфи 9 . ( Бо забони тоҷик). Душанбе: “Офсет”, 2001.

42. С. Гулмаҳмадов Истифодаи осори “иқтисод” - и мутафаккирони тоҷику форс дар раванди таълиму муттасилии байни литсей ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,—№2 с.2021

43. И.Давлатшоев.Духовное воспитание школьников на современном этапе.[текст.].И.Давлатшоев.Монография.Книга1-5//Под.ред.М.Лутфуллоева-Душанбе:Мавлави, 2006-252с.

44. И.И. Давлатов Некоторые проблемы современной дидактики. Под ред. М.А. Данилова, М.Н. Скаткина, – М.: Просвещение, 1985 — 71с.

45. А.Ф. Дистервег Руководство для образования учителей. // Избр. пед. соч. — М.: Учпедгиз, 1956. — 212 с.

46. А.И Дрондин., А.В. Алексеев Экономический практикум: Сборник ситуаций, тестов, тренингов и деловых игр в помощь преподавателю курса “Основы экономики и бизнеса” / Под ред. И. А.Сасовой. — М.: РАО, 1994. — 68 с.

47. В.С. Дудин Психологические особенности развития экономического мышления учащихся в условиях НТР: Автореф.канд. дисс. — Киев, 1990. — 18с.

48. А.Ж. Жафаров, Р.М. Нуреев., Л.К. Нуреева Программы по курсу “Введение в экономику: для уч-ся общеобразовательных школ и классов с экономическим уклоном”. Новосибирский гос. пед. ун-т., НИИ прикладной дидактики -Новосибирск, 1994. — 92 с.

49. В.И. Журавлев Педагогика в системе наук о человеке,— М.: Педагогика, 1990, — 213 с.

50. М. П. Завьялова, В.Н. Росторгуев Единство и преемственность сознания. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 1988. – 208 с .

51. М.П. Завьялова Преемственность как объект социального познания // Единство и специфика методологии общественных,

естественных и технических наук. - Калининград: Калининградский государственный университет. 1986. – С. 163-170.

52. М.П. Завьялова Проблема преемственности в социально-историческом познании методологический и гносеологический аспекты: автореф. дис....д-ра. филос. наук. – Новосибирск, 1990. — 32 с.

53. М.П. Завьялова, Л.Е. Антоненко Преемственность как философский принцип. – В кн.: Структура философского знания. - Томск: Изд-во Том. ун-та, 1986.

54. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. – Душанбе: Адиб, — 1989. – 160с.

55. Зарубежный и отечественный опыт подготовки школьников к труду в условиях рыночных отношений. Аналитический обзор. — М.: АПН СССР, 1991. — 135 с.

56. А.И. Зеленков. Философско-методологический анализ проблемы преемственности в научном познании: автореф. дис.... д-ра филос. наук / А. И. Зеленков. – Минск, 1986. – 40 с.

57. И.А. Зимняя Педагогическая психология.— М.: Логос, 1999. – 384 с. 55.

58. Н.Ибодов, Ғ Ҳалимов, А. Пирназаров Математика (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ), — Душанбе, 2006 — 221с.

59. Г.Н. Исаенко Категория преемственности в диалектико-материалистической философии. –М.: Наука, 1969. — 120 с.

60. Г.Н. Исаенко Роль исторической преемственности в развитии науки. — М., 1969. — 24 с.

61. Б. Исоматов Асосҳои назарияи иқтисодиёт (бо забони тоҷикӣ). - Душанбе, 2007. — 260 с.

62. Б. Исоматов Назаре ба афкори иқтисодии ниёгон. - Душанбе, - Маориф, 2009, — 234 с.

63. Каримзода О. Таърихи афкори иқтисодӣ. — Душанбе “Эр – граф, - 2012. – 243с.

64. И.Х. Каримова Теоретические основы гумнизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы / И. Х. Каримова. Дисс. докт. пед. наук. — Душанбе, 2000, — 357 с.

65. И.Х. Каримова Культура—источник гуманизма / И.Х. Каримова. — 1988. — 152 с.

66. Облоназар Каримзода “Таърихи афкори иқтисодӣ”— Душанбе, 1994с. “маориф” — 254 с.

67. А.П. Казаков Школьнику о рыночной экономике. Учебное пособие для старшеклассников. – М.: “Знание”, 1993. — 54 с.

68. Качество знаний учащихся и пути его совершенствования / Под ред. М.Н. Скаткина, В.В. Краевского. – М.: Педагогика, 1978. – 208 с.

69. Е.А. Климов Использование психологических знаний в педагогической деятельности. — М.: Высш. шк , 1984, — 149 с.

70. Я.А. Коменский Великая дидактика.// Избр. пед. соч.: в 2-х т. — М.: Педагогика, 1982. - Т. 1 - 656

71. Концепция воспитания учащейся молодежи // Педагогика, 1992.-№3-4. — 52 с.

72. Г.Э. Королёва, Т.В. Бурмистрова Экономика: 10-11 классы: учебник для учащихся общеобразовательных учреждений. -2е изд., дораб. и доп. – М.: Вентана-Граф, 2013. — 192 с

73. А.И. Кочетов Методология исследования проблем трудового воспитания школьников: Методическое пособие, Минск: МГПИ, 1982.—84 с.

74. А.П. Краковский О подростках. М.: Просвещение, 1970. — 272 с.

75. В.И. Кремленский Синтез знаний и проблема управления. М.: Наука, 1978, — 216 с.

76. Н.К. Крупская Педагогические сочинения. В 10-ти т. –М.: Изд –во АПН РСФСР. 1959. Т.3. — 799 с.

77. Н.К. Крупская Педагогические сочинения. В 10-ти т. /Под ред. И.К. Гончарова и др. –М.: Изд –во АПН РСФСР, 1959, Т.4. — 630 с.

78. И В. Крылова Формирование культуры будущего специалиста — М.: Высшая школа., 1990 — 142 с.

79. Колосова Экономика малого бизнеса. — М., 1992. — 112 с.

80. Н.В. Кузьмина Методы исследования педагогической деятельности. -JL: ЛГУ, 1970, — 1 14с.

81. Ю.Н. Кулюткин, Г.С. Сухобская, Я.И. Петров Психологические проблемы непрерывного образования / Под ред. В.Г. Онушкина. – М.: Педагогика. 1987. – 203 с.

82. Ю.Н. Кулюткин, Психологические особенности деятельности учителя // Мышление учителя. — М.: Педагогика, 1990. — 726 с.

83. Л.П. Кураков Экономическое образование и воспитание школьников. — М.: Просвещение, 1981. — 112 с.

84. Ю.А.Кустов Преемственность общетеоретических, общетехнических и специальных дисциплин в средних профтехучилищах и технических вузах: методические рекомендации /сост. Ю.А. Кустов Куйбышев, 1984. – 27с.

85. Ю.А. Кустов Преемственность профессиональной подготовки молодежи в профтехучилищах и технических вузах: методические рекомендации /сост. Ю.А. Кустов Куйбышев, 1984. — 12 с.

86. М.И.Князева Преемственность профессиональной подготовки молодежи в профтехучилищах и вузах /Под ред. А.А. Кыверялга. Саратов, 1990. — 160 с.

87. Кыверялг А. А. Михайлов Преемственность как принцип обучения в среднем ПТУ // Принцип обучения в среднем профессиональнотехническом училище: сб. науч. тр.; редкол.: А. А. Кирсанов и др. – М.: Изд-во АПН СССР. 1986. – С. 70–78 .

88. Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

89. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Душанбе, 2013. — 36 саҳ.

90. Е. Ю. Левитская Концепция непрерывного образования и роль американского вуза в ее реализации. — М., 1986. — 212 с.

91. В.С. Леднев Непрерывное образование: структура и содержание. М.: АПН СССР, 1988. — 282 с.

92. А.Я. Лившиц Введение в рыночную экономику. Курс лекций. МП ТПО "Квадрат". — М., 1991. — 154 с.

93. И.В. Липсиц Экономика без тайн. — М.: Дело, 1993. — 87 с.

94. Б.Т. Лихачев Педагогика. Курс лекций. М.: Юрайт, 2001, - 607 с.

95. А.В.Луначарский О воспитании и образовании / Под ред. А.М. Арсеньева, Н.К. Гончарова, И.А. Каирова, М.А. Прокофьева, В.А. Разумного. – М.: Педагогика, 1976. - 640 с.,Лужникова А.М.

96. В.Н.Мадзигон Пути и средства усовершенствования преемственности в трудовом обучении учащихся общеобразовательных школ и профтехучилищ (на материале электрорадиотехнических дисциплин): Дисс.канд...пед.наук. Киев, 1975 — 181 с.

97. Макаренко А. С. Педагогические сочинения: В 8-ми т.— М.: Педагогика, 1983 Т. 1.

98. Миразизов Абдулло Ҳабибович “Правовые и организационные вопросы подержки и предпринимательства” — Душанбе,2015— 154с.

99. Муқимова Сайёра Рустамовна “Проблемы преемственности в обучении средней школы и высшей школы”. — Душанбе, 2013 — 134 с.

100. Методические рекомендации по экономическому воспитанию учащихся школ и ПТУ: (Сущность, принципы, основные направления и формы). Л., - 1985. — 80 с.

101. В.А.Мильдон Управление профессиональной адаптацией учащихся средних школ к условиям рыночной экономики.—С.Петербург, 1994.

102. Минченко. Экономика и предпринимательство. – М.: "Паллада", 1994.

103. Р.Мирбобоев, М. Саидмуродов ва дигарон. Асосҳои иқтисодиёт. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 11 (бо забони тоҷикӣ). — Душанбе: “Собириён”, 2015. – 192 с.

104. Р.Мирбобоев ва дигарон. Барномаи таълимӣ “Асосҳои иқтисодиёт” барои хонандагони синфҳои 11–и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (бо забони тоҷикӣ). — Душанбе, 2015. — 16 с.

105. А.Р. Мевгуна Экономические отношения и экономическое образование. Канд. дисс. Кострома, 1999. — 147 с.

106. Р. Мирбобоев, М.Саидмуродов Асосҳои иқтисодиёт.— Душанбе, “Маориф”, 2015. — 276с.

107. Н.А. Морозова Дополнительное образование многоуровневая система в непрерывном образовании России. (Монография) - М.: Исс. центр пробл. кач. подгот. спец-тов., 2001. — 277 с.

108. Ш.О. Музенитов О воспитании экономической грамотности учащихся. //Сов. педагогика. 1982. №2. С. 141-147.

109. В.С. Монахов К вопросу преемственности. (Советский период 1917-1985) // Изв. АН КазССР. Сер. Общественные науки. -1989. -№36

110. З.А. Мукашев Принцип соответствия в науке и преемственность в философии // В АН КазахССР, 1977. №1.

111. А.Э.Николаева Преемственные связи экономического образования учащихся в системе “лицей - коллеж - вуз” 2002г

112. Л.М.Нульман Экономическое воспитание в училищах профессионально-технического образования как педагогическая проблема: Дис....канд. пед. наук, — М.: НИИОП, 1976. — 217 с.

113. Нугмонов М. Муттасилии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Монография. –Душанбе: АПН, 2005. – 84 с.

114. М. Нуъмонов Пайдарҳамии таълими математика дар мактаби таҳсилоти умумӣ. – Душанбе:АИП, 2005. – 168с

115. Н. Оқилов Ҷабҳаҳои иқтисодии омодагии насли наврас.(бо забони тоҷикӣ) // М. “Маорифи Тоҷикистон”, №5. 2011. – С.24-32

116. Е.И. Огарев Непрерывное образование как фактор поступательного развития личности. – Л., 1986. – 115 с.

117. Ҳ. Одинаев Методикаи идоракунии системаи маориф дар муасисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душнбе : «Маориф» с 1997.

118. В.Г. Онушкин О создании единой системы непрерывного образования в СССР// Современная высшая школа. 1987, №3.

119. Основы рыночной экономики: Программа. – М.: “Соваминко”, 1993. – 36 с.

120. Н. Оқилов Ҷанбаҳои омодагии иқтисодӣ.–Душанбе, “Масъалаҳои маориф”, №5, – 2011, – С. 28-30.

121. Паёми Пешвои миллат – Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалй Рахмон ба Мачлиси Олй. 26.12.2019 шахри Душанбе.

122. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз 26.01.2021. Ҳафтаномаи“ Омӯзгор”, №5, Душанбе, 2021. – С. 1-3.

123. Е.И. Перовский Проверка, и оценка знаний в средней школе. – М., 1958.

124. И.Г. Песталоцци Как Гертруда учит своих детей.// Избр. пед. соч.: в 2-х т.-М.: Педагогика, 1981. Т. I. – 212 с.

125. Г.А.Петушкова Преемственность в экономическом воспитании детей младшего и среднего школьного возраста: автореф. дис....канд. пед. наук: 13.00.01 / Г. А. Петушкова. – Смоленск, 2005.

126. М.М. Поташник Качество образования: проблемы и технологии управления (в вопросах и ответах). М.: Пед. общ. Рос., 2002. – 351 с. – 80 с.

127. Проблемы общей методики воспитательного процесса,–М.: Педагогика, 1974.– 80 с.

128. Программа средней общеобразовательной школы. – М., 1994.– 40 с.

129. Программы педагогических институтов /М-во просвещения СССР. Методика экономического воспитания школьников. Спецкурс.– М., 1979. – 37 с.

130. Программы по курсу “Введение в экономику”: Для уч-ся общеобразовательных школ и классов с экономическим уклоном. Новосибирск, 1994. - 12 с.

131. Т.А. Протасевич, С.Э. Григорьев, С.А. Равичев Современная экономика: Программа и сборник учебных материалов: 8-11 классы. Изд. 3-е, испр., доп. — М.:Вита-Пресс. 2002. – 80 с.

132. Е.Н.Ромашкова Педагогические основы мониторинга экономических знаний. Канд. дисс. — М., 1999. — 25 с.

133. Б. А. Райзберг Введение в экономику. Учебное пособие для общеобразовательных школ, лицеев, гимназий. — М., 1992. — 136 с.

134. Б. А. Райзберг Основы экономики и предпринимательства. Учебное пособие для общеобразовательных школ, лицеев, гимназий. М.: МП “Новая школа”, 1993.

135. Б. А. Райзберг Экспериментальные учебные программы изучения экономики в педагогических, средних и старших классах общеобразовательных школ, гимназий, лицеев. — М., 1994. — 102 с.

136. А. А. Разоққов Татбиқи низоми пай дар пайи таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ. — Душанбе, — 2018 25 с.

137. А. А. Раззоққов Тарзи амалӣ намудани муттасилии таълим аз фанни геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бахши аввали донишгоҳи омӯзгорӣ дар шароити муосир. Автореф. дис.н. и. Душанбе: — 2011, - 22 с.

138. Раҳмонов Э. “Ҷавонон – ояндаи миллат”. – Душанбе, – 1998.

139. В.К. Розов Роль общеобразовательной школы в экономическом воспитании учащихся, в подготовке их к общественно полезному труду. -М., 1979. — 28 с.

140. В.Г. Рубанов Преемственность в развитии субъекта науки как социального феномена (философско-социологический анализ): автореф. дис....д-ра. филос. наук. : 09.00.01. – Новосибирск, 1993. – 32 с.

141. В.Г. Рубанов Проблема преемственности как закономерность общественного развития (философский анализ): Автореферат диссертации кандидата философских наук. Томск, — 1979. – 21 с.

142. А.С.Радионов Преподавание математики шестилетним детям на базе конкретного материала с учетом опыта преподавания начальной школы в ЭССР: Автореф. дис.... канд. пед. наук. — Тарту, 1975. — 20 с.

143. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. – Душанбе, – 1988, – 432с.

144. Е.И. Скаткина Экономическая подготовка учащихся школ как фактор формирования новой рабочей силы в условиях развитого социализма. — М., 1985. — 32 с.

145. А.П. Сидельковский Совершенствование форм и методов экономического образования и воспитания учащихся общеобразовательных школ. Методические рекомендации. /Сост..— Ставрополь: 1985. -270 с.

146. И.Б. Соловьева и др. Основы рыночной экономики. М.: Знание, 1993.96с.

147. Л. С. Сусская Экономическое просвещение учащихся при изучении физики //Физика в школе. 1982. - №5. - С. 32-33

Суханронии Пешвои миллат–Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони тоҷик. 18.03.2020 аз 25– уми январи соли 2017, № 28. Унсурмаолии Кайковус “Қобуснома”. Дар зери таҳрири А. Самадов, Ш. Исрофилниё, Б. Мақсудов. - 2016, Душанбе: 2016 . – 164с.

148. К.А. Улыбкин Современное экономическое мышление. — М.: Политиздат. 1986. — 239 с.

149. К.Д. Ушинский Человек как предмет воспитания. Опыт педагогической антропологии и избр. пед. соч.: в 2-х т. — М.: Педагогика, 2018 — 88с.

150. Б.Г. Шемякин Экономическое воспитание школьников: вопросы теории и методики. — М., 1986. - 96 с.

151. Б.П. Шемякин Экономическое воспитание старшеклассников как педагогическая проблема. Автореф. канд. дисс. — М., 1973. — 112 с.

152. Экономическая подготовка в условиях рыночных отношении. — М., 1994. — 39 с.

153. Экономическое воспитание школьников в учебном процессе. Минск, 1984. — 77 с.

154. А. Эргашев, Х. Мухадбердиев Таълими назарияи иқтисодӣ ( Китоби дарсӣ бо забони тоҷикӣ.). Душанбе, 2003. -510 с.

## МАЗМУН ВА МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР НАШРИЯҲОИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**1. Мақолаҳое,ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и Федерацияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва конференсияҳо нашр шудаанд**:

[1-М] Гулмаҳмадов С., Преподавании экономики в современной школе [Матн] / С. Гулмахмадов // Вестник Таджикского национального

университета, сер. Естественных наук, — Душанбе: Сино, 2017. – №3/3. – С. 184-187.

[2-М] Гулмахмадов С., Каримова И. Х. Способы организации контроля за качеством успеваемости учащихся общеобразовательных школ [Матн] / С. Гулмахмадов, И. Х. Каримова // Вестник Таджикского национального университета, сер. Естественных наук. — Душанбе: Сино, 2017. – №3/7. Ч.П.– С. 188-190.

[3-М] Гулмахмадов С., Раджабов У. Х. Самоятоятельная деятельность учащихся направленное на экономическое образование, обеспечивающая преемственность "школа - вуз" [Матн] / С. Гулмахмадов, У. Х. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета, сер. Естественных наук, — Душанбе: Сино, 2019. – №6. – С. 286-291.

[4-М] Гулмаҳмадов С., Раҷабов У. Х. Истифодаи бозиҳои математикии мазмуни иқтисодидошта дар синфҳои ибтидоӣ – омили таъмини муттасилии байни зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва умумии асосӣ / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим, №3 (3), - 2020. – С. 44 – 50.

[5-М] Гулмаҳмадов С., Истифодаи осори иқтисодии мутафаккирони тоҷику форс дар раванди таълими муттасили байни литсей ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ / С. Гулмаҳмадов, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №2 (39), - 2021. – С. 117 - 123.

**б) Мақола ва маводи дар дигар нашрияҳо батабърасида:**

[6-М] Гулмаҳмадов С., Раджабов У. Х. Экономическое образование школьников при изучении математики и физики обеспечивающее преемственность их деятельность и в вузе [Матн] / С. Гулмаҳмадов, У. Х. Раджабов // Материалы республиканской научно – практической конференции "Современные проблемы развития естественно – математических наук в Республике Таджикистан" Душанбе: ТГПУ им. С. Айни, 2019. – С. 196-199.

[7-М] Гулмаҳмадов С., Меомӯзем, то биомӯзонем. Андешаҳо атрофи таълими фанни геометрия [Матн] / С. Гулмаҳмадов // Ҳафтаномаи “Омӯзгор”, №04, 2021. – С. 4.

[8-М] Гулмаҳмадов С., Чайнворди математикӣ [Матн] / С. Гулмаҳмадов // Ҳафтаномаи “Омӯзгор”, №4, 2021. – С. 7.

[9-М] Гулмаҳмадов С., Тарзи ташкилу баргузории санҷишҳои дохилии муассисаҳои таълимӣ ва таҳлили фаъолияти омӯзгорону хонандагон [Матн] / С. Гулмаҳмадов // Маҷаллаи “Масъалаҳои маориф”, №4, 2015. – С. 90 - 97.

[10-М] Гулмаҳмадов С., Султонов М. Савол ва масъалаҳои мантиқӣ [Матн] / С. Гулмаҳмадов, М. Султонов, воситаи таълимии ёрирасон, 2015. – 60с.

[11-М] Гулмаҳмадов С., Ниёзбекова Г. А., Мирзоева С. Р. Взаимосвязь организации игровых технологии на уроках информатики и русского языка [Матн] / С. Гулмаҳмадов, Г. А. Ниёзбекова, С. Р. Мирзоева, Научно – практическая конференция “Применения инновационных технологий в преподавании математических дисциплин в школе и в вузе”. Борисглебск, БФ ФГБОУ ВПО “Воронежский государственный университет”, 2015. – С. 29 – 34.

[12-М] Гулмаҳмадов С., Ниёзбекова Г. Абдуллоева Л. Озмуну мусобиқаҳои беруназсинфӣ омили беҳтар намудани савияи дониши хонандагон [Матн] / С. Гулмаҳмадов, Г, Ниёзбекова, Л. Абдуллоева, - 2016. – 17с.

[13-М] Гулмаҳмадов С., Абдураҳмонова М. Бозиҳои математикӣ ва ҷанбаи математикидошта бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ. Аҳаммияти онҳо дар ташаккули фикррониии онҳо [Матн] / С. Гулмаҳмадов, конференсияи илмӣ– амалӣ дар мавзуи “Мушкилоти муосири рушди илмҳои табиӣ – риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, — Душанбе 2019. — 20 с.